ликадорони англисро нишон медиҳад. Дар ашчоми шеър бо диди файласуфона шоир боварии қатъӣ дорад, ки бегона бегона аст ва бегона мемонад. Дусад сол ҳам монанд, боз маҷбуранд, ки оқибат кишварро тарк намоянд:

Фурсат он аст, ки ин «меҳмон»,
Тарк кунад кишвари Ҳиндустон!
Чунки дар ин мамлакат ин зарпараст,
Ҳеҷ ба чизи дигаре дил набаст.
Сар назад аз мағрибии бекарам,
Чизи дигар ғайри ҷафою ситам.
Гарчи дусад сол дар ин хона монд,
Боз ба ин оила бегона монд.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост!

Воқеан, зимни ин масъала андешаи адиб пурмӯҳтавою амиқтар аст. Маъно ва ҷанбаи кулл дорад. Мирзо Турсунзода танҳо ба англисҳо ишорат накардааст, балки тамоми бегонагон, аҷнабиён, мустамликадоронро дар назар дорад. Таърих гувоҳ аст, ки Искандари Мақдунӣ, арабҳои бадавӣ, муғулҳои хунхор омаданд, горат карданд, муддате ҳукмронӣ карданд, вале боз тарки диёр намуданд, рафтанд. Англисҳо, ки имрӯз ҳукмашон раво бошад ҳам, вале пояи зулмашон оқибат надорад, бебақост. Бояд ин байтҳои шоири ватандӯстро ҳамин тавр фаҳмид ва маънидод кард. Ҳамин тавр ҳам шуд. Соли 1949 Ҳиндустон соҳибихтиёр гашт, англисҳо абадан Ҳиндустонро тарк карданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам соли 1991 истиқлолияти хешро ба даст овард, ки ин ягона умеду орзуи ин адиби мубориз, ватанхоҳу инсонпарвар буд.

Ҳамин тавр, шеърҳои дигари ин силсила ба хотири тақвияти идеяи асосӣ, ки дар боло зикр кардем, омадаанд ва хизмат кардаанд. «Рӯди Ганг» ҳам яке аз шеърҳои пурмӯҳтавои ин силсила аст. Мирзо Турсунзода дар шеъри «Рӯди Ганг» бо камоли маҳорат, бо як ҳиссиёти волои шоирона бо истифодаи санъатҳои киноя, саволу ҷавоб, таҷоҳули ориф, ташхису талмеҳ, тавсифу ташбеҳ мақсади хешро иброз доштааст. «Рӯди Ганг» яке аз дарёҳои бузурги Ҳинд, манбаи ризқу рӯзии мардуми ин кишвар аст. Дар шеър «Рӯди Ганг» киноя аз халқи бузурги Ҳинд мебошад.

Ӯ мебинад, ки аҷнабиён болояш кӯпруки оҳанин сохтаанд ва шабу рӯз мошину вагонҳои пурбор, киштиҳои пур аз тангаю тилло синаи ӯро шикофта ба сӯи Ғарб мераванду мераванд. Аммо илоҷ надорад, ором аст. Аз ин оромӣ қаҳрамони лирикӣ розӣ нест. Ӯ меҳоҳад Ганг ба шӯру туғён ояд, ҷӯш занад, ҷавонӣ кунад. Адиб ба Ганг муроҷиат намуда, илтиҷо менамояд:

Рози дилатро ниҳон макун аз ман,
Аз барои савоб, о ба сухан!
Омадам ман ба назди ту меҳмон,
Аз шукуфта диёри тоҷикон.

Ҳамин тавр, шоир бо суханбозиҳои шоирона сабабҳои ором у хомӯш будани Ганги бузургро ҷавоб мегӯяд ва ӯро ба мубориза алайҳи аҷнабиён

даъват менамояд.

Истифодаи калимаю иборахои рамзӣ ба шоир имконият додааст, ки симои манфури англисхову америкоихоро кушода диҳад, то ки максади разилонаи онҳоро халқ бо хубӣ дарк карда, ба шӯру қиём ва мубориза бархезад:

Дар шаби тор оби рӯди Ганг,
Буд бо акси каҳкашон ҳамранг.
Гуфтам: «Эй Ганг аз чӣ хомӯшӣ?
Аз чӣ дарёсифат намечӯшӣ?
Нафасат аз чӣ гарму ҷӯшон аст?
Рег пеши дами ту бирён аст?
Ё шарикӣ ба дарди ҳамватанон?
Меҳрӣ ғам барои Ҳиндустон?
Ё магар дидаӣ, ки бемузде,
Дили ту канда мебарад дузде.
Мебарад ҳусни навбаҳоратро,
Вопасин тухми киштзоратро?
Ҳар чӣ бошад, бузург рӯд астӣ.
Ҳиссаи баҳри беҳудуд астӣ.
Рӯдворона зиндагонӣ кун!
Ҷӯш зан,
Ҷӯш зан,
Ҷавонӣ кун!

Шоир зимни иборахои рӯди бузург, халқи Ҳиндустон, баҳри беҳудуд-халкхои дунёро ифода намуда, онхоро ба мубориза ва ба муҳофизати Ватан даъват кардааст.

Дар шеъри «Тара Чандрӣ» адиб дар симои қаҳрамони асосӣ Тара Чандрӣ санъати баланди аҳли ҳунарро ба қалам додааст.

Тавсиф ва ташбеҳи зебои шоир имконият додааст, ки симои як духтари бадбахт, вале бо тамоми ҷузъиёташ ҳунарманд пеши назари хонанда намоён гардад.

Ба ақидаи адабиётшинос М. Шукуров: «Интихоби калимаҳо ва сохти мисраю байтҳо чунон аст, ки шеър чун мусиқӣ садо медиҳад ва оҳанги форами ракс аз он шунида мешавад. Овози мусиқӣ гӯё ба гӯши мо меояд,... моро ба олами аҷиби беҳамтое дохил менамояд ва тимсоли санъаткорро пеши чашми мо таҷассум медиҳад».

Ҳамоҳангии қофияҳо, такрори калимаю иборахо дар шеър хеле самимӣ садо дода, диққат ва муҳаббати шахсро ба ин санъаткори мумтоз боз ҳам зиёд мекунад. Адиб аз санъати талмеҳ, яъне ба ёд овардани қаҳрамонҳои асари Бедил ба хубӣ истифода бурда, аз ин ҳисоб шеърияти асарашро баланд бардоштааст:

Ба рақси Комде шайдо,
Ба овози Мадан мафтун,
Навиштам ин номаи ушшоқ,
Шоир бо дили пурхун.

Ба мисли Комде дар ҳусну дар санъат
чаҳонгирӣ,
Ту, эй раққосаи даврон,
Тара-Чандрӣ, Тара Чандрӣ.
Ба вақти рақси мавзунат,
Ба чашмони пурафсунат,
Кабӯтар дар ҳаво,
Оҳу ба саҳро
Гашт мачнунат.
Ман аз рақси ту мафтунам,
Зи ҳолат лек маҳзунам,
Тара-Чандрӣ, Тара-Чандрӣ,
Макун ин қадар афсунам!
Ба чунбиш мавчи дарёӣ,
Ба лағзиш реги саҳроӣ,
Ҳунарманду ҳунарпеша
Зи сар то нохуни поӣ!
Ту эй фарзанди маҳбуби диёру кишвари
бебахт,
Сиёҳчашму сиёҳабрӯ,
Сиёҳмӯ, духтари сарсахт!

М. Турсунзода дар шеъри «Дар орзуи ошён» мардуми бехонаю чой ва бекаси Ҳиндустонро реалӣ тасвир намудааст. Дар ин шеър шоир бо бисёр шахсҳо ҳамсӯҳбат гардидааст, ки хонаи онҳо саҳро ва хӯрокашон гиёҳҳо буданд. Халқияти шеър беҳад баланд аст, ҳатто чумлаҳои пурра, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ бетағйирот истифода шудаанд:

Замин сахту баланд аст осмон ҳам,
Тамоми шаб ситора мешуморанд.
Ба ғайр аз хорию зорӣ кашидан,
Дигар гӯё илоче ҳам надоранд.

Аз зарбулмасали халқии «Замин сахту осмон баланд аст» як мисраи хуби шоир: «Замин сахту баланд аст осмон» ҳам ҳосил шудааст. Шоири бузург ба ин ҳолату рӯзи сиёҳ расидани халқи Ҳиндро дар шеърҳои аввали ин силсила баён намуда, акнун дар ин чо таъкид менамояд, ки обу хоки ин сарзамин гуноҳе надоранд; барои адолат, озодӣ ба мубориза хестан лозим:

Ба ин рӯзи сиёҳи мардуми Ҳинд,
Надоранд обу хоки мо гуноҳе.
Агар хоҳӣ, ки бахти хеш ёбӣ,
Қалам нех бо адолатхоҳ роҳе.
Ба коми хеш кун кори чаҳонро,
Фазорову заминрову замонро.

Ҳамин тавр суханони шоири мубориз Мирзо Турсунзода ба гӯши халқи Ҳинд расид, ба мубориза алайҳи мустамликадорон, ачнабиёни англису америко ба по хест ва соли 1949 соҳибистиқлол гашт. Давлатҳои мустақили Ҳиндустону Покистон ташкил ёфтанд. Мирзо Турсунзода ҳамчун ҳомии сулҳ ва дӯсти наздики халқи Ҳинду Покистон шоду масрур гашт. Аз он хушнуд гардид, ки садои суруди ӯро халқҳои Ҳинду Покистон шуниданд, сурудаҳои ӯ

дар ин роҳ ба онҳо рӯҳу тавон бахшиданд. Ин ҳақиқати бебаҳс аст.

Шоири мубориз ба хотири ғалабаи онҳо, ба хотири бедор шудани як китъаи бузург – Осиё достони нави хешро иншо намуд, ки он соли 1956 ба табъ расид. Воқеан, агар ба мазмуни достон амиқтар назар кунем,«Садои Осиё» давоми мантиқии силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» ва «Ман аз Шарқи озодам» шуда метавонад. Қаҳрамони лирикӣ меболад ва сарафроз аст. Чин, Ҳиндустон, Бирма ва Индонезия аз хоби гарон хестанд, бедор шуданд ва соҳибистиқлол гаштанд:

Осиё бедор шуд, бедор,
тарки хоб кард,
Ростию дӯстиро оқибат дарёб кард.
Меваҳо аз меваҳо гиранд пайванди наве,
Гирад аз ҳамсояҳо ҳамсоя ҳам панди наве.
Рафт давре, ки садои Чин намеомад ба гӯш,
Хуни дил мехӯрд Ҳиндӣ – буд Ҳиндустон хамӯш,
Рафт давре, ки ба гирдаш индонезӣ хӯрд печ,
Дар ғами як луқма моҳӣ, дар ғами як каф биринч.

Пасон шоир бо ифтихор хешро суруди Осиё гуфта, рӯҳи тавонои мардуми ин қитъаи огоҳдилро тавсиф менамояд ва абадӣ будани ғолибият ва озодии онҳоро таъкид менамояд:

Ман суруди Осиёям, қитъаи огоҳдил,
Қитъае, ки кард қомат рост аз болои гил!
Шарқ боғашро намояд ҳифз аз ғоратгарон,
Аз ҳуҷуми гармселу офати боди хазон.
Нест аммо қувае, ки азмро орад завол,
Рӯҳи озодипарастонро намояд паймол,
Баҳри озодӣ садои Осиё омад ба гӯш,
Хуни халқи Осиё омад ба ҷӯш,
Омад ба ҷӯш!

М. Турсунзода тамоми умри хешро баҳри мубориза ҳаёти нав, баҳри сулҳу салоҳи пойдор дар рӯи Замин бахшидааст.

Суханони устод Мирзо Турсунзодаро агар ба худи ӯ нисбат диҳем, меарзад: «Агар мо дар мавзӯъҳои замонавӣ асарҳои барҷаста ба вуҷуд наорем, рӯҳи ҷанговаронаи адабиёти мо суст мешавад, вай дар тарбияи ғоявии меҳнаткашон дар сафи аввали мубориза истода наметавонад ва ҳол он ки ҳамеша дар сафи аввал будани вай шарти азим аст».

Ҳақиқат, ҳаёти нав адибон, аз ҷумла Турсунзодаро ба ҷустуҷӯи инсони нав ва шаклу мазмуни тоза гуфтан дар ҷамъият тайёр ва вазифадор намуд.

## МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ ИДЕЯВИИ ЛИРИКАИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Мусаллам аст, ки устод Турсунзода нахустин чакидаҳои табъашро дар жанрҳои хурди лирикӣ: ғазал, рубоӣ мураббаъ, мусамман, мусаддас, қитъа ва ғайра иншо намуда буд ва ин амали хешро то поёни рӯзгораш

идома дод. Мавзӯи асарҳои лирикии шоир гуногун буда, паҳлуҳои мухталифи ҳаётан муҳими одамони ҷомеаро дар бар мегиранд. Дар ашъори адиб тамоми намудҳои лирика ба назар мерасанд, вале лирикаи гражданӣ, ишқӣ, пейзажӣ бештар мавқеъ доранд.

Устод Турсунзода дар шеъри «Шоиро» вазифа ва масъулияти адибонро дар ҷомеа равшан сохта, таъкид менамояд, ки пешаи шоирӣ кори саҳлу осон нест. Ба хотири офаридани сухан ранҷу азоб бояд кашид, аз оташи сӯзон набояд ҳазар кард ва ҳаросид, зеро сухан ҳам мисли оташ сӯзон аст. Ҳамин тавр, дар натиҷаи сӯхтан–заҳмат кашидан асари бузург ба вуҷуд меояд, дар натиҷаи сӯхтан пӯлоду оҳан тавлид ёфта, аз гармии Офтоб зиндагии инсон нумӯъ дораду баҷост:

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар?
Пас, макун аз оташи сӯзон ҳазар!
Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,
Аз шароре тоза гулхан офарад.
Пурҳарорат гар намешуд Офтоб,
Зиндагӣ мегашт аз сармо хароб.
Шеър ҳам бояд занад фавворае,
Аз тануре дил чу оташпорае.
Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар?
Пас, макун аз оташи сӯзон ҳазар!

Чунон ки дидед, такрори байт дар матлаю мақтаи шеър сухани адибро нишонрас гардонида, мавқеи қаҳрамони лирикӣ, мақсаду маром ва садоқату меҳри ӯро ба ин пеша басо рангину шоирона ба қалам додааст.

Устод Турсунзода дар шеъри «Ватан» бо қалби пуршӯр, бо ифтихору сарбаландӣ диёри ҳамешабаҳори нозанинаш – Тоҷикистонро ситоиш менамояд. Шоир таъкид мекунад, ки зиндагиаш ройгон нагузаштааст. Ба хотири сулҳу салоҳ, ба хотири дӯстиюю бародарӣ борҳо ба хориҷи кишвар сафар кард, аз ёру диёр дур рафт, вале ҳамеша бо ёди Ватан шабро рӯз мекард, шоду масрур буд:

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Агарчи борҳо афтодам аз ёру диёрам дур,
Ба сайёҳӣ маро карданд гарчи дӯстон машҳур.
Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,
Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур

Ҳамин тавр шеърҳои ватандӯстона дар эҷодиёти шоир хеле зиёданд, ки онҳоро адиб бисёр самимӣ ва бо камоли ифтихор сурудааст.

Барои шоири бузург на танҳо Ватан, ёру диёр ва халқи бузургвораш азизанд, балки барои шоири воломақом замин, сайёраи мо аз ин ҳам қиматту арзиши бештар дорад, зеро дар Замин ба дунё омада, камол ёфтааст, дар Замин шӯҳратёр гардида, миллату халқ ва кишвараш болои ҳамин Замин аст. Ӯ аз он шод асту меболад, ки фарзандони Замин ба дигар сайёраҳо роҳ гирифтанд, вале боз бар Замин бармегарданд. Аз ин ҷо ҷону дили

қаҳрамони лирикӣ бо Замин пайванд мебошад. Он шӯълае, ки дар Замин дар дили ӯ фурӯзон гашт, шоир умед дорад, ки то абад фурӯзон мемонад. Ҳисси ифтихори ӯ аз доираи миллату Ватан берун рафта, мақоми умумибашарӣ пайдо мекунад:

Дар фазо парвоз кардам гарчи аз рӯи Замин,
Чашмро аммо намекандам ман аз сӯи Замин.
Бо ситора ҳамнишин бо Моҳ гаштам ҳамнафас,
Лек будам сархушу сармаст аз бӯи Замин.
Бори аввал дар Замин сар шуд тапиданҳои дил,
Бо умеди зиндагӣ заҳматкашиданҳои дил.
Тӯшаи роҳро ба дӯши хештан бардошта,
Сабру тоқатро надониста давиданҳои дил.
Бо Замин бигзор то пайванд бошад пои ман,
Дар Замин, бигзор, ки бошад мукаррар ҷои ман.
То абад, бигзор, бошад шӯълаафкан шӯълабор,
Он чароге, ки фурӯзон гашт дар маъвои ман!

Оре, дар лирикаи устод Турсунзода ишқи Замин, модар, ёру диёр, маҳбуба бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, якдигарро пурра ва такмил медиҳанд. Шоир дар солҳои охир як силсила шеърҳоро бо номи «Модарнома» ба табъ расонид, ки дар онҳо шоир меҳру муҳаббат ва садоқати бепоёни хешро нисбати модар иброз медорад. Нақши модар дар ашъори устод Турсунзода типӣ буда, ба ин восита бузургӣ, меҳру вафодории модар ба фарзанд ва дар баробари ин қадрдонӣ, самимияту сарфарозии фарзандон нисбати модари мушфиқу меҳрубон мушаххасан бо обуранги шоирона ба қалам дода шудааст. Дар шеъри «Модарам» қаҳрамони лирикӣ таъкид менамояд, ки ҳанӯз аз тифлӣ аз модар ятим мондааст. Аз ин рӯ, симои модар дар ёдаш нест. Бинобар ин қаҳрамони лирикӣ ба воситаи санъати ташхис ва саволу ҷавоб аз рӯди деҳ, аз кӯҳу санг, аз занони солхӯрда ва амсоли инҳо пурсон мешавад. Онон дар бораи модари шоир ба суолҳои ӯ ҷавоб мегардонанд:

Тифл мондам аз ту модар, рӯи ту дар ёд нест,
Комати ту, чашми ту, абрӯи ту дар ёд нест.
Дар суроғат мезанам худро ба ҳар як кӯю дар,
Чунки то имрӯз, модар, кӯйи ту дар ёд нест.

Рӯд мегуфтам, ки: «Ӯ оби маро нӯшида буд».
Кӯҳ мегуфтам, ки: «Дар оғӯши ман кӯшида буд».
Ғӯза мегуфтам, ки «Карбоси маро пӯшида буд».
Доя мегуфтам, ки: «Бо ман шири гав дӯшида буд».

Дар ин шеър устод Турсунзода бо як эҳтирому сипосгузорӣ, бо камоли мамнуният «ҳар як зани солхӯрдаи деҳро барои худ модар ҳисоб мекунад», аз ҳар як шеъраш садои модарашро мешунавад:

Шеър гӯям, ояд аз шеърам садои модарам,
Деҳа гӯям бар сарам ояд ҳавои модарам.

Солхӯрда гар зане рӯзе дучор ояд ба ман,
Гӯямаш, ки: «Бош, то хастам ба чои модарам!»

Мавзӯи модар дар шеърҳои «Дасти модар», «Дили модар», «Зан агар оташ намешуд хом мемондем мо» идома ёфта, бо тарзу усули хос ва бо камоли маҳорат бузургии модар ситоиш ёфтааст. Қаҳрамони лирикӣ ба хотири рӯҳи поки модар дили бузургашро кадамгоҳи модарони сайёра менамояд. Ӯ саъю кӯшиш дорад, ки ба хотири модарон, ёру диёр хар коре, ки аз дасташ ояд, сомон хоҳад дод, қарзи фарзандиро ичро хоҳад кард:

Модарам, дар ёди ту гашту гузоре мекунам,
Бахри меҳри ту дили худро мазоре мекунам.
Хизмати шоиста бар ёру диёре мекунам,
Назми худро бар сари қабрат шиоре мекунам.

Шоистаи гуфтан аст, ки шеърҳои ин силсила барои хар як хонанда, барои хар як фарзанди солеҳ, баору номус панди судманданд. Устод Турсунзода ба ин восита таъкид менамояд, ки ҳар як чавон ва ҳар як фарди чомеа хурмату эхтироми модарро бояд ба чо орад, қадрдонӣ намояд.

Мирзо Турсунзода дар бисёр шеърҳои лирикиаш ишқи поки инсониро сурудааст. Зеро агар бо суханони худи шоир гӯем:

Шоири бешиқ мурғи бепар аст,
Бехарорат моху бечон пайкар аст.
Шоиронро ишқ Ҳотам мекунад,
Сарбаланди чумла олам мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки лирикаи ишқии адиб бо забони сода, бо фасоҳату балоғати шоирона эчод шуда, дар онҳо зебоии табиии ёр, ҳусну чамоли ӯ пеши назар чилва менамояд. Баъдан онҳо оҳанги хуш ва чозиберо доро мебошанд. Аз ин хотир бештари онҳо ҳамчун суруд дар байни мардум машхуранд. Мисоли барчастаи ин «Нишона дорад», «Ҳамсоя бошам», «Ҳусн», «Бо духтаре вохӯрдам» шуда метавонанд. Имрӯз ҳам сурудҳои дилкаш ва рӯҳпарвари устодро хофизони номии чумхурӣ месароянд. Аз оҳангу савти дилкаш ва маънию мазмунҳои олии сурудаҳои устод Турсунзода мардуми шоирдӯсту шеърпарвари точик як чаҳон ҳаловат мебаранд.

Устод Турсунзода табиати зебои Точикистони азизашро дӯст медошт ва ҳамеша ҳусну таровати нотакрори онро васф менамуд. Тараннуми зебоиҳои диёрро чи дар достонҳои хурду бузурги устод ва чи дар лирикаи пейзажии устод ба хубӣ дида метавонем. Бахусус, оғози достони «Чароғи абадӣ»-и ӯ, ки як шаби баҳорро тараннум намудааст, бисёр табиӣ ва хушобуранг баромадааст.

Устод ба Душанбею рӯди Душанбе сахт дилбастагӣ дошт. Аз ин рӯ, дар бисёр шеърҳояш бо як хиссиёти баланд пойтахти кишвар ва рӯди пуртуғёни онро васфу ситоиш намудааст. Дар ин бора худи устод Турсунзода

гуфтание дорад, ки ёд кардани он бамаврид аст: «Аммо, медонед, баъзан хулам ҳайрон мешавам, ки чаро ҳар як силсиларо аз рӯди Душанбе сар мекарда бошам? Тоҷикистон дарёҳои бисёре дорад, вале ҳеҷ яки онҳоро мисли рӯди Душанбе дӯст намедорам, ки сабаб чӣ бошад? Шояд сабаб ҳамин бошад, ки вай баъзан аввалин шуда шеъри навамро мешунавад. Шояд барои ҳамин дӯст дорам, ки вай рӯди пойтахти ман аст. Ба ҳар ҳол оби Душанбе ба фикрам хеле хос аст. Вале ин шеър пейзаж не, мурочиат ба дарё, ба фикри ман, ин воситаест, ки шоир муносибати худро ба олам, ба ҳаёт, ба адабиёт зоҳир менамояд».

Воқеан, сухани адиб дуруст аст. Сухани шоир маънои амиқу васеъ дорад. Ҳамвора бо сад ишваю ноз аз санг болои санг парида, аз тангноҳои пурпечутоб дарёи Варзоб ба пойтахти тоҷикон, ба Душанбеи нозанин рӯ меорад. Қаҳрамони лирикӣ аз оби Душанбе нӯши ҷон карда шоду масрур аст:

Аз кӯхи баланд аст равон оби Душанбе,
Тар карда лаби ташналабон оби Душанбе.
Ҳарчанд, ки ҷорист ба сад асру замонҳо,
Бо ёди Ватан монда ҷавон оби Душанбе.

То дашти калон сар сари санг аст равона,
Аз магзи дара «махмили» танг аст равона.
Ҳар катраи худ то ба ҳама халқ расонад,
Бо монеҳо толиби ҷанг аст, равона.

Пас шоир бо камоли ифтихор изҳор менамояд, ки дар соҳили он манзил ва боғи пуршукӯҳе бунёд кардааст ва аз оби Душанбе мардуми пойтахташ нӯши ҷон мекунанд ва як ҷаҳон ҳузуру ҳаловат мебаранд:

Дар соҳили он манзили ман ҷой гирифтаст,
Як боғу чаманзор саропой гирифтаст.
Бо оби Душанбе шуда ҳамсояи наздик,
Ҷой аз ҷигари мамлакати бой гирифтаст.

Ин мавзӯъ дар шеърҳои «Рӯди ман», «Рӯди кӯҳӣ» боз бо рангу тароватӣ тоза ва хеле ҷолиб ба қалам дода шудааст. Адиб ба воситаи саволҳои риторикона инкишофу пешрафти пойтахт, ободию тағйиротҳои куллии кишварро ёдрас шуда, пасон таъкид менамояд, ки аммо ту тағйир наёфтӣ, ҳамон зайл шӯху мастона, мисли шутури маст ҷавлон мезанӣ. Аз он хушам, ки дар канорат бо нигоре нишаста аз кору бори зиндагӣ андак фориғ бошам, даме аз насими рӯҳбахшат нафаси осуда гирам:

Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон!
Сарзаминат пурсамар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон!
Даври ман даври ҳунар шуд, ту ҳамон аст, ҳамон!
Дидаю дил пуршарар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон!

Мелавӣ дар кӯҳсору сар ба сангон мезанӣ,
Уштури мастӣ магар ҳар сӯй ҷавлон мезанӣ?

Даст бар сар, мӯхарошон, рӯхарошон мезанӣ?
Қатраҳои сардро бар кӯҳсорон мезанӣ.
Дар каиорат то саҳаргоҳ ҷой кас гирад, хуш аст,
Бо нигоре домани ишқу ҳавас гирад, хуш аст.
Ҷои сабза давра дар болои хас гирад, хуш аст,
Фориғ аз кори ҷаҳон як дам нафас гирад, хуш аст.

Устод Турсунзода бештари ашъори дилангез ва асарҳои ҷовидонаашро дар фасли баҳор эҷод кардааст. Дар ин амал ҷои баҳс ҳам нест, зеро зебоӣ, шукӯҳу шаҳомати табиат дар фасли баҳор назаррас гашта, ҳама чизро аз хоб бедор мекунад. Инсонро ҳам. Бешубҳа, баҳор ба шоир илҳоми тоза ва шавқи беандоза мебахшад:

Дирӯз баъди борон тирукамон баромад,
Байроқи навбаҳорон партавфишон баромад.
Аз қатраҳои борон дар Офтоби тобон,
Руҳсора тар намуда, абрӯкамон баромад.
Бо рангҳои дилкаш, бо чеҳраи мунаққаш,
Ҳусни Замин дамида, фаввораеон баромад.
Аз кӯҳ то ба кӯҳе, аз дашт то ба даште,
Товуси хушхироми Ҳиндустон баромад.
Мурғи кафасшикаста, аз банди зулм раста,
Чун рамзи дӯстии халқи ҷаҳон баромад.
Кардам гумон, ки аз дил савти ҳазор манзил,
Чун мавҷҳои соҳил дар як замон баромад.

Шеъри боло дар шакли анъанавии ғазал суруда шуда аз шаш байт иборат аст. Матлаъ ва мақтаъ дорад. Мувофиқи анъана дар мақтаъ мебоист номи адиб зикр мешуд, вале устод аз он сарфи назар кардааст. Дар шеърҳои пешин ҳам бисёр ғазалҳо бе ёд шудани тахаллус офарида шудаанд. Дигар ғазали мазкур тавсифӣ буда, танҳо як лаҳзаи нотакрори табиат пас аз боридани борон пайдо шудани Камони Рустам бисёр ҷолиб тавсиф ёфтааст. Шоир Тирукамонро ба байроқи навбаҳорон, ба ёри абрӯкамон, товуси Ҳиндустон шабеҳ намудааст, ки ин ташбеҳот басо ҷолиб ва табиӣ баромадаанд. Воқеан, болу пари товус ҳам рангоранг буда, бисёр зебою мунаққашанд. Аз ин ҷо Камони Рустам ҳам ҳамин хел пурҷило ва рангорангу мунаққаш мебошад.

Маҳорати шоир дар ин ғазал боз дар он аст, ки баромади Тирукамонро ҳамчун рамзи дӯстии халқҳои ҷаҳон ба қалам додааст. Гӯё Тирукамон аз зулми золимон (зимистон) раста, қафаси тангро шикаста, ҳамчун нишони навбаҳорон–рамзи дӯстии халқҳои ҷаҳон баромад. Оре, дӯстии қавмҳо, халқҳо, миллатҳо, иркҳу нажодҳо аз ҳама чиз волотар буда, сабаби пешрафти ҷомеаи инсонӣ, пойдории сулҳу салоҳ, хушбахтию саодатмандии мардуми сайёра аст. Ба ин маъно Камони Рустам ҳам муждаест аз

дӯстӣ, рафоқат ва тинҷию амонӣ.

**Савол ва супориш**

1. Дар бораи айёми тифлӣ ва наврасии Мирзо нақл кунед. 2. Аз ҳикояти боло кадом хислатҳои шоирро фаҳмидед? 3. Турсунзодаро чаро «шоири ҷаҳонгашта» мегӯянд? 4. Сафарҳои адиб ба эҷодиёти ӯ чӣ гуна таъсир расонидаанд? 5. Асарҳои пас аз сафарҳояш нишокардаи шоир кадомҳоянд? 6. Мавзӯъҳои асосии ашъори шоирро дар солҳои сиюму чилум номбар кунед. 7. Турсунзода дар силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» кадом масъалаҳоро инъикос намудааст? 8. Аҳамияти тарбиявии ин силсиларо Шумо дар чӣ мебинед? 9. Ҳиндустон кай соҳибистиқлол шуд? 10. Барои соҳибистиқлол шудани Ҳиндустону Покистон асарҳои Турсунзода чӣ нақш доранд? 11. Достони «Садои Осиё» чӣ аҳамият дорад? 12. Дар ашъори лирикии шоир бештар кадом мавзӯъҳо инъикос ёфтаанд? 13. Турсунзода кадом асарҳояшро ба модараш бахшидааст? 14. Анъана ва навоварӣ дар кадом асарҳои адиб бештар ба назар мерасанд? Дар асоси ягон асари шоир ин мафҳумҳоро шарҳ диҳед. 15. Чаро шоир оби Душанберо ситоиш кардааст? 16. Тирукамон ба Камони Рустам чӣ муносибат дорад?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

Бобоев Ю. Сипаҳсолори назм. «Ирфон», Душанбе, 1971.

Ваххобов А. Таълими ҳаёту эҷодиёти Мирзо Турсунзода дар синфи X (дастури методӣ). Маориф, Душанбе, 1989.

Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб, ҷ. I. Ирфон, Душанбе, 1977. Шукуров М. Анъана, халқият, маҳорат. «Ирфон», Душанбе, 1964.



# ҶАЛОЛ ИКРОМӢ
## (1909 - 1992)

Бадриддин номи бобои Ҷалол Икромист. Ӯ аз деҳаи хушманзари Кӯҳистони Ховалинг, ки дар тобеи Беки Балҷувон буд, ибтидои асри XIX ба мақсади хондан ва соҳиби илму маърифат гаштан озими шаҳри овозадори Бухоро мешавад. Бо талошу саъю кӯшишҳои зиёд дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намуда, қалбашро аз нури донишу маърифат фурӯзон гардонд ва яке аз шахсони донишманди замони худ шуд. Ҳамин тавр, дигар ба зодгоҳаш барнагашт. Дар ҳамин ҷо хонадор шуд ва соҳиби фарзандони хуб гашт. Дар байни фарзандони ӯ Икромиддин падари Ҷалолхон бо зиракӣ ва фаросати хеш фарқ мекард. Ӯ бо роҳи падар рафт ва шахси фозилу донишманд гардид ва бо номи Қозӣ Икромиддин шӯҳрат ёфт. Ана дар ҳамин оила адиби дӯстдоштаи мову шумо Ҷалол Икромӣ соли 1909 ба дунё омад. Падар ба фарзанди ҷигарбанд Ҷалолхон ном гузошт. Аз дидору бахти фарзанд падару модар шоду масрур буданд. Вале ин хурсандӣ дер давом накард. Соли 1911 модари Ҷалолхон вафот кард. Мусибати сахте ба сари ин хонадон расид. Чӯғзи наҳс ба хонадонашон лона гузошт. Аз ғаму дарди завҷаи меҳрубон Икромиддин рӯз то рӯз лоғар гардид. Баъд аз ташхис табибони ҳозиқ ва духтурони рус ба Икромиддин маслиҳат доданд, ки барои табобат ба сайёҳат бароянд. Аз ин хотир як муддати муайян ӯ барои табобат ва сайёҳат ба шаҳрҳои Қазон, Москва, Петербург, Ялта, Одесса рафт. Икромиддин дар баробари табобат намудан аз бисёр ҷойҳои таърихӣ дидан кард, бо зиндагӣ, урфу одат, расму оин, маданият, адабиёт ва забони онҳо шинос шуд ва то андозае забони русиро омӯхт. Бо ин забон рӯзномаю маҷаллаҳои русиро мутолиа менамуд.

Падар Ҷалолхонро аз синни ҳафтсолагиаш ба мактаби кӯҳна дод. Дар ин бора Ҷалолхон чунин мегӯяд: «Ман аз хурдӣ, ҳанӯз дар синни ҳафтсолагиам ба мактаб ва хату савод баровардан иштиёқ пайдо намудам. Мехостам, ки зудтар китобхон шуда, худам бевосита ба олами қиссаю афсонаҳо дохил шавам».

Аз он ки Ҷалолхон қобилияти хуб дошт, дар давоми ду сол савод баровард. Баробари чорӣ гардидани мактабҳои нав Ҷалол Икромӣ таҳсилашро дар ин мактабҳо идома медиҳад. Ӯ хеле хуб ва бошавқ мехонд, махсусан расмкаширо дӯст медошт.

«Мо бо шавқу шодӣ мехондем, дарсҳоямон гуногун ва диққатангез буд. Суруд мехондем, машқи тарбияи бадан мекардем, ҳатто ҳамроҳи муаллим бозиҳо мекардем. Яке аз дарсҳои нағз медидагии ман дарси расмкашӣ буд».

Ҷалолхон пас аз дарс боз ба пеши қиссахонҳо, ровиёну ноқилоне, ки дар кӯчаю бозори шаҳри Бухоро бешумор буданд, мерафт. Аз онҳо нақлу ривоятҳо дар бораи Рустами Дастон, Абӯмуслим, Ҳотам ва ғайраро мешунид. Махсусан қиссагӯиҳои Ака Турсун ба Ҷалолхон маъқул буданд. Аз ин рӯ, номи ин марди оқилро бо некӣ ёд карда чунин мегӯяд: «Ака Турсун одами бесавод бошад ҳам, китобдӯст, боақл ва пурдон буд. Дутор менавохт, камтар суруд мехонд ва одамони босаводро оварда китобҳои қиссаю афсона, ба мисли «Иброҳими Адҳам», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳотамнома», «Чор дарвеш» ва монанди онҳоро мехононд ва бо шавқ гӯш мекард. Дар ин сӯҳбатҳо аксар вақт мо ҳам иштирок мекардем ва аз шунидани он қиссаю ҳикоятҳо лаззат мебурдем».

Ҷ. Икромӣ соли 1922 ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Бухоро даромад. Ӯ дар баробари хондан мустақилона асарҳои адибони ғарбу шарқро мутолиа намуд. Ба ин восита доираи ҷаҳонбиниаш васеъ гардид. Махсусан маҷмӯаи Маҳмуди Тарзӣ «Аз ҳар даҳон сухане, аз ҳар чаман сумане» чашми нависандаро ба зиндагӣ кушод. Ин асар дар тарбияи сиёсӣ ва ахлоқии ӯ тағйироти куллӣ ворид сохт. Аз асарҳои Маҳмуди Тарзӣ моҳияти Ватан ва ватандӯстиро дарк намуда, дар байни ҳамсабақони худ фаъол гардид.

Ҷалолхон дар ин бора баъдтар чунин мегӯяд: «Хондани китоб ва романҳо ба ман чунон фоида овард, ки дар синф яке аз шогирдони пешқадам шудам. Ҳатто муаллими ҷуғрофия маро ба синфҳои боло бурда, ба назди шогирдони калонсол, ки аз ман ду баробар меомаданд, чун намуна нишон медод». Вале, мутаассифона, нишоту хурсандии Ҷалолхон дер давом намекунад. Соли 1923 падари ӯ Икромиддин вафот мекунад ва адиб бепарастор монда, ба тарбияи ҳукумат мегузарад. Ин ҳодисаи ноxуш иродаи матини Ҷалолхонро нашикаст. Баръакс, пас аз ин дар роҳи илмомӯзӣ саъю кӯшишаш бештар гардид. Вақти худро зиёдтар ба омӯхтани асарҳои классикони тоҷику форс, азбар намудани ашъори онҳо сарф мекард. Ӯ ба хоҳиши худ ба тарзи илова аз устодон забонҳои тоторӣ, туркӣ, озарӣ ва русиро омӯхт ва аз худ намуд. Баъдтар асарҳои адибони бузурги дунё В. Гюго, А. Дюма, М.

Горкий, О. Балзак, А. С. Пушкин, Лермонтов, Чехов, Толстой ва дигаронро дар асл мутолиа намуд. Нависанда дар ин бора чунин мегӯяд: «Ба дасти ман романҳои Виктор Гюго, Александр Дюма, Максим Горкий, Балзак, А. Пушкин, Лермонтов, Гогол, Тургенев, Олимҷон Иброҳимов, Ҷурҷӣ Зайдон, Абдулло Қодирӣ ва дигарон афтодан гирифтанд ва ман чун лабташнаи носер аз он чашмаҳои гуворо ноист менӯшидам ва лаззат мебурдам. Ин китобҳоро гоҳ-гоҳ дар тарҷумаи туркӣ, гоҳ дар тарҷумаи форсӣ, гоҳ дар тарҷумаи тоторӣ мехондам».

Ҷалолхон омӯзишгоҳро соли 1927 бомуваффакият хатм намуд ва ба донишгоҳи олии шаҳри Самарканд дохил гардид. Вале рӯзгораш вазнингар гардид ва ӯ маҷбур шуд, ки донишгоҳро соли 1928 тарк намояд. Ҳамин тавр, Ҷалолхон ҳамон сол боз ба шаҳри Бухоро баргашта, ба омӯзгорӣ машғул мешавад.

Соли 1930 дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи умумииттифоқии забоншиносон баргузор мегардад, ки Ҷалол Икромӣ ҳам ба ин конференсия ҳамчун вакил даъват шуда буд. Пас аз ин маъракаи басо муҳим адиб доимӣ дар пойтахт мемонад ва ба корҳои илмию адабӣ машғул мегардад. Нахуст дар Институти забон ва адабиёти тоҷик ва пасон дар матбуоти даврӣ ба сифати ходим ва баъдтар котиби масъули маҷаллаҳои «Роҳбари дониш» ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ифои вазифа менамояд. Пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ чанд сол котиби масъули маҷаллаи илмию адабии идораи Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Садои Шарқ»-ро ба ӯҳда дошт.

Дар ин давра ҳамчун нависанда ба бисёр ноҳияю вилоёти ҷумҳурӣ сафари хизматӣ намуда, бо кору зиндагии халқи тоҷик аз наздик шинос мешавад. Натиҷаи сафарҳои адиб дар маҷмӯаи очеркҳою ҳикояҳои Ҷалол Икромӣ ҷамъбасти худро мeёбад, ки минбаъд бисёр қаҳрамонони очеркҳои нависанда асоси повесту романҳои ӯро ташкил медиҳанд.

Илова бар ин, нависанда ба кишварҳои хориҷа, аз қабили Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Германия, Венгрия, Туркия ва ғайра сафар карда, бо ҳаёти мардуми он кишварҳо аз наздик шинос мешавад.

Ҷалол Икромӣ дар корҳои ҷамъиятӣ, маъракаҳои сиёсӣ фаъолона иштирок мекунад. Махсусан ҳамчун шогирди вафодори устод Айнӣ доимо дар паҳлуяш буда, барои ваҳдату дӯстии халқҳои кишварамон хизмати шоиста кардааст. Инчунин бо асарҳои офаридаи худ барои рушду инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик саҳмгузор мебошад. Дар баробари асарҳои илмию адабии устод Айнӣ ва дигарон асарҳои офаридаи ӯ алайҳи душманони миллат–пантуркизм тирҳои ба нишон буданд ва аҳамияти калони амалӣ доштанд.

Ҷалол Икромӣ соли 1992 дар шаҳри Душанбе вафот кард. Нависанда умри дароз дид ва асарҳои арзанда эҷод намуд. Ҳанӯз подоши хизматҳояшро ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш гирифта буд. Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба Ҷалол Икромӣ унвони олӣ – Нависандаи Халқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро

муносиб донист. Ғайр аз ин, барои хизматҳои шоёнаш дар соҳаи адабиёт ӯро бо Ордени Байраки Сурхи Меҳнат, Дӯстии халқҳо, Нишони фахрӣ сарфароз гардониданд. Соли 1964 барои романи «Духтари оташ» ба нависанда мукофоти олии давлатӣ ба номи устод Рӯдакӣ дода шуд.

Асарҳои эҷодкардаи Ҷалол Икромӣ барои хонандаи тоҷик басо арзишманданд. Онҳоро пайваста мехонанд.

Бештари асарҳои Ҷалол Икромӣ ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, украинӣ, туркӣ, озарӣ, немисӣ, англисӣ ва ғайра тарҷума шуданд.

## ЭҶОДИЁТИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Ҷалол Икромӣ ҳанӯз дар айёми дар омӯзишгоҳ хонданаш ба кори эҷодӣ сар карда буд. Он вақтҳо шеър эҷод мекард. Шеъри нахустини ӯ «Эй духтари ранҷбари тоҷик» ном дошта, соли 1927 ба табъ мерасад. Устод Айнӣ пас аз мутолиаи шеър Ҷалол Икромиро наздаш даъват намуда, бо ӯ сӯҳбат менамояд ва маслиҳат медиҳад, ки ба наср гузарад. Нависанда маслиҳати устодро қабул мекунад ва ҳамон сол (1927) ҳикояи «Шабе дар Регистони Бухоро»-ро иншо менамояд. Ҳикояро устод Айнӣ хонда, таҳрир намуд ва он дар маҷаллаи «Роҳбари дониш» аз чоп мебарояд. Ҷалол Икромӣ аз нашри ҳикояи худ беҳад шод мегардад. Дар ин бора нависанда чунин мегӯяд: «Он хурсандӣ, шодмонӣ ва ифтихореро, ки бо дидани аввалин ҳикояи худ дар маҷалла ба ман рух дода буд, ҳеч гоҳ фаромӯш намекунам».

Нашри ҳикояи нахустин ба нависанда илҳоми тоза бахшид ва ӯ дар давоми солҳои 1928–30 як силсила ҳикояҳо, аз зумраи «Як ҳавзаи пурхун», «Ширин», «Ғалаба», «Рахти хунин»-ро эҷод намуд, ки соли 1934 дар шакли маҷмӯа бо номи «Ҳаёт ва ғалаба» чоп шуданд ва дастраси хонандагон гардиданд. Соли 1935 бошад, Ҷалол Икромӣ аввалин повести худ «Тирмор»-ро иншо намуд.

Повести «Тирмор» ҳам аз нигоҳи мавзӯъ ва ҳам аз нигоҳи сабку услуб, сюжету устухонбандӣ тозагиҳои зиёд дорад. Повести «Тирмор» нишон дод, ки нависанда дар ҷодаи адабӣ қадамҳои устувор гузоштааст ва хонандаи тоҷик аз нависанда дар оянда асарҳои сазоворро интизор аст. «Тирмор» ба мавзӯи хеле муҳим бахшида шудааст. Дар он ҳаёти халқ ва кишвар бисёр воқеӣ инъикос гардидааст. Зимни образҳои мушаххас ҳодисаю воқеаҳои таърихии солҳои 20–30-ум баён ёфтаанд. Дар маркази асар амалиёту муносибати ду қувваи ба ҳам зид нишон дода шудааст. Некӣ–қувваи пешбари ҷомеа дар симои Сангину Саида, Шокиру Назокат Амонов ва Иброҳим хеле возеҳ ва ҳаққонӣ ҷамъбаст ёфтаанд.

Ҷалол Икромӣ дар тӯли ин солҳо ба навиштани асарҳои драмавӣ оғоз карда, асарҳои хуби драмавӣ, аз ҷумлаи «Душман» ва «Шакарханд» эҷод кардааст, ки онҳо ба мавзӯъҳои мубрам бахшида шудаанд. Солҳои зиёд ин драмаҳо дар саҳнаҳои театрҳои тоҷик намоиш дода мешуданд. Бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки онҳо дар тарбияи идеявӣ ва маънавии мардуми

точик роли калон бозидаанд.

Ҷалол Икромӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ як силсила асарҳои пурарзиш эҷод кард. Дар ин давра бештар жанри очерк инкишоф ёфт. Очеркҳои ӯ дар бораи Қаҳрамони Иттифоки Советӣ Домуллоҷон Азизов («Қаҳрамони канори Днепр»), Ҳодӣ Кенҷаев («Достони марди танкшикан») ва дигарон бо як ҳиссиёти баланд эҷод шуда, ҷавононро ба ҳимояи марзу буми кишвар, озодию худшиносӣ ҳидоят менамуданд. Ҳодӣ Кенҷаев дар яке аз мактубҳояш ба падару модари хеш чунин нигошта буд: «Шумо хотирҷамъ бошед, ки мо фарзандони Шумо бахту саодат ва ҳаёти осудаҳолонаи Шуморо аз хатари душман муҳофизат мекунем. Намегузорем, ки дасти бегонае аз гулзори Шумо гуле канад ва ё қалами хуке ба боғистони Шумо афтад».

Дар солҳои ҷанг дар саҳнаи театрҳои драмавӣ песаи «Дили модар» ва «Хонаи Нодир» намоиш дода мешуд, ки Ҷалол Икромӣ дар маркази ин ду асар талошу муборизa, қаҳрамонию далерӣ, фидокорию ҷоннисории фарзандони беҳтарини халқи тоҷикро алайҳи фашизм тасвир намудааст. Ғайр аз ин ҳаёти ақибгоҳ, меҳнату заҳмати модарону занон барои ғалаба ҳаққонӣ ба қалам дода шудаанд. Нависанда дар песаи «Дили модар» дар образи Ховархола симои модари мушфиқу меҳрубон, адолатхоҳу ҳақиқатҷӯро ҷамъбаст намудааст. Дар нақши духтари Ховархола Мавҷигул образи занони меҳнатдӯст, поквиҷдонро офаридааст, ки онҳо бо меҳнати ҳалол, бо саъю кӯшиши зиёд дар ғалабаи сарбозони Ватан саҳмгузоранд. Мавҷигул хоҳари шафқат аст. Вай садҳо сарбозони маҷрӯҳро аз майдони набард баровардa, табобат кардааст ва ба онҳо умри дубора бахшидааст. Ӯ дили бузургу рӯҳи қавӣ дорад. Аз зарби тиру тӯп наметарсад. Аз ин нигоҳ ҳам ӯ ҷасуру қаҳрамон аст.

Умуман, зимни асарҳои хурду калоне, ки нависанда дар ин давра эҷод кардааст, мавзӯи Ватан, муборизаю талошҳои бемислу монанди фарзандони тоҷик дар солҳои ҷанг хеле барҷаста инъикос ёфтаанд.

Ҷалол Икромӣ дар солҳои пас аз ҷанг асарҳои зиёде офарид. Дар онҳо масъалаҳои муҳими рӯзмарра ҳалли худро ёфтаанд. Аз тарафи дигар, сабку услуби нависанда муайян гардида, дар адабиёти муосири тоҷик симои воқеии худро равшан намуд. Повестҳои «Ситора», «Тори анкабут», «Ман гунаҳгорам» ва «Устоди ман, мактаби ман, худи ман» аз рушду камоли эҷодии адиб шаҳодат медиҳанд. Махсусан повестҳои «Ман гунаҳгорам» ва «Тори анкабут» мавқеи нависандаро ҳамчун адиби рӯҳшинос, воқеъбин дар адабиёти тоҷик муайян намудаанд.

Дар маркази повести «Ман гунаҳгорам» кору зиндагӣ, ҳаёти гуногунпаҳлуи зиёиёни тоҷик инъикос ёфтаанд. Маънавиёти шахс дар оила, дар ҷомеа басо рангин ба қалам дода шудааст. Бешубҳа, дар ҳар як давру замон маънавиёт, оила ва оиладорӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафтанд. Дар рӯзгори нависанда ҳам ин мавзӯъҳо аҳамияти калон доштанд. Аз ин хотир аҳли ҷомеъа ба ин масъалаҳо сахт ниёзманд буданд. Гирудори воқеот ва ҳалли воқеии онҳо дар тарбияи насли ҷавон саҳми арзишманд

гузоштанд. Нависанда зимни накшхои асосӣ Анвар, Сурайё, Салимҷон, Бакоев, Саодат, Шарофатхола хислатҳои шоистаи инсон–покевичдонӣ, меҳру мухаббати поки инсонӣ нисбати ҳаёти оилавӣ ва зимнан кибру ғурур, нопокӣ, разилию кабоҳат, бемасъулиятӣ нисбат ба оилаю фарзандон ва амсоли ҳамин барин масъалаҳоро инъикос намуда, ҷамъбаст кардааст. Вокеан повест асари психологӣ буда, драматизми он кавист. Нависанда дар рафти ходисаю вокеаҳо, яъне дар амалиёт симои вокеии персонажхояшро кушода додааст. Пеши чашми хонанда симои ботинии қаҳрамонони асосӣ хеле барчаста намудор мегардад. Муваффакияти Ҷалол Икромӣ ҳам маҳз дар хамин мебошад.

Рӯзгори тайкардаи қаҳрамонони асосии «Ман гунаҳгорам» Анвар ва Сурайё басо ибратомӯз аст. Нависанда ҳаёти оилавии онҳоро реалистона ба калам додааст. Ҳар ду омӯзгоранд ва оилаи хуберо ташкил додаанд. Вале Анвар нисбати Сурайё хиёнат карда, ба Зайнаб ишқварзӣ менамояд, ба роҳи хато меравад. Аммо Сурайё масъаларо фаҳмида бо роҳу воситаҳои гуногун Анварро аз роҳи хато бармегардонад. Анвар ҳам хатои хешро фаҳмида, пушаймон мегардад ва аз «ишқи» Зайнаб даст мекашад. Умуман нависанда кору рафтори Анварро воқеӣ тасвир намудааст. Инсон бе камбудӣ намешавад. Ҳаёт пасту баландиҳои зиёд дорад. Анвар дар як давраи ҳаёташ ба роҳи хато рафт, аммо бо ёрии ёри вафодораш камбудиашро фаҳмид, ислох шуд. Вале дар асл Анвар дар повест ҳамчун марди поквиҷдон, масъулиятшинос тасвир ёфтааст.

Дар накши Сурайё Ҷалол Икромӣ хислатхои ҳамидаи занони тоҷик–покдоманӣ, ишқи пок, поквиҷдонӣ, ростқавлию матинииродагии онҳоро ҷамъбаст намудааст. Аз ҳама муҳимаш боз он аст, ки Сурайё дар натиҷаи саъю кӯшиши зиёд Анварро аз роҳи ғалат бармегардонад. Ҷалол Икромӣ нисбати Анвару Сурайё таваҷҷӯҳи беандоза дошта, беҳтарин андешаҳои ахлоқии хешро дар симои онҳо ба калам додааст.

Пас аз Инкилоби Октябр дар Бухоро вазъияти кишвар ба ҳолати ногувор афтод. Аксулинкилобчиён барои сарнагун намудани давлати навташкил аз тамоми роҳу воситаҳо истифода мебурданд. Одамони ба ҳукумат содикро мекуштанд, ҳабс мекарданд ва бо баҳонаи девонагӣ ба табобатхонаи Хоҷаӯбониҳо мефиристоданд. Вазнинии кор пеш аз ҳама дар он буд, ки аксулинкилобчиён бевосита дар сохторхои давлатӣ дар вазифаҳои масъул ҷой гирифта буданд ва ҳамаи ин корҳоро аз номи ҳукумат сомон медоданд. Ҷалол Икромӣ, ки шоҳиди ин ҳодисаю вокеаҳо буд, мавод ҷамъ намуда, баъдтар асари «Тори анкабут»-ро офарид. Ҳамин тавр зимни накшҳои асосӣ таърихи як даврaи муайяни халқи тоҷикро реалистона ба калам дод. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат повести «Тори анкабут»-ро асари таърихӣ ҳам мегӯянд.

Ҳодисаю вокеаҳои асар характери қаҳрамонҳои асосии повест–Мурод, Остонзода, Акамирзо, Ғиёсиддин, Халимҷон ва Лутфияро кушода, симои вокеии онҳоро равшан намудаанд. Аз тарафи дигар, мавзӯъ ва пробле-

маи асар ҳаллу фасл гардидааст. Акамирзо ва Ғиёсиддин, ки чанд муддат дар девонахонаи Хоҷаубонӣ маҳбус буданд, оқибат раҳо ёфта, дар кушодани хиёнат ва разолати душманони синфӣ Шайх Хоҷаубонӣ, Нозир Афандӣ, Ҷаноби Саидӣ, Ҳамдамча ва амсоли инҳо роли бағоят муҳим бозиданд. Дар анҷоми асар сирру асрори девонахона кушода шуда, хиёнаткорон ба ҷазояшон мерасанд.

Гуфтан лозим аст, ки бо иншои асарҳои «Ман гунаҳгорам» ва «Тори анкабут» қалами нависанда бурро ва андешааш расою фарохтар гардида, барои эҷоди романҳои таърихӣ бехтар омода мегардад. Вале пеш аз он ки дар бораи асари сегонаи ӯ «Дувоздах дарвозаи Бухоро» сухан ронем, лозим меояд, ки дар бораи эҷодиёти солҳои 70 – 80-уми нависанда ба тариқи хеле мухасар маълумот диҳем.

Ба муносибати 90-солагии устод Айнӣ Ҷалол Икромӣ повести тарҷумаиҳолии «Мактаби ман, устоди ман ва худи ман»-ро соли 1968 навишта, ба анҷом мерасонад. Қаҳрамони асосӣ худи нависанда ва устод Айнӣ буда, рӯзгори рангин ва ҳаёти ибратомӯзи қаҳрамони миллат батафсил дар он инъикос ёфтааст. Нависанда бо нақли ибратомӯзи саргузашти устод ва худ симои ҳақиқии Айниро хеле равшану возеҳ нишон додааст. Дар асар хирадмандӣ, дурандешӣ, поквиҷдонӣ ва донишмандии устод дар рафти ҳодисаю воқеаҳои мухталиф ба қалам дода шудааст. Махсусан ғамхору мададгори ҷавонон, ҳомии забону адабиёт будани устод бисёр боварибахш ва бо далелу бурҳони қотеъ тасвир ёфтаанд.

Асари мазкур характери ёддоштӣ дошта, дар такомулу инкишофи ин жанр дар адабиёти муосири тоҷик хизмат кардааст.

Соли 1970 бо ҳамкории нависанда Ҳабибулло Назаров Ҷалол Икромӣ романи ҳаҷвии «Саргузашти Сафармахсум»-ро эҷод намуда, ба табъ расониданд. Ин асар дар адабиёти муосири тоҷик падидаи нав буда, дар эҷоди асарҳои ҳаҷвӣ роли бағоят муҳим бозид. Роман бевосита аз номи қаҳрамони асосӣ Сафармахсум гирифта шудааст. Сафармахсум шахси ҳозирҷавоб, хуштабъ буда, қаҳрамонони латифаҳои халқӣ – Афандӣ ва Мушфикиро ба ёд меоварад. Аслан Сафармахсум марди камбизоат ва фақири мулки Ҳисор буда, бо меҳнати ҳалол як бурда нонашро пайдо мекардааст. Вале дар баробари ин дили қавӣ, табиати шӯх дорад ва далеру шуҷост. Сафармахсум мардуми камбағалро аз аҳли ҷоҳу мансаб ва сармоядорон ҳимоят мекардааст, то ки эшонро наранҷонанд. Агар касе ӯро ноҳақ ранҷу озор диҳад, албатта, қасоси хешро аз онҳо меситонад. Дар ин бора Сафармахсум мегӯяд: «Ҳар касе, ки ба ман бадӣ кунад, илоҷ надорад, ки ба бадӣ гирифтор нашавад».

Характери Сафармахсум бештар дар чараёни ҳодисаҳое, ки дар мулки Ҳисор, Бухорою Қаршӣ ба вуқӯъ омадаанд, кушода дода шудааст. Ӯ дар хурсандӣ ва бадбахтии мардуми оддии камбизоат шарик буда, рӯҳбардору мададгорашон мешавад. Дар анҷоми роман ақидаи Сафармахсум нисбати сохти давлат, рафтору кирдори ҳокимон тағйир меёбад.

ба дарачаи марди фидоии миллат мерасад. Пас аз он ки аз зиндон халос мешавад, чунин мегӯяд: «Бале, акнун вакти он расидааст, ки худамон такдирамонро ҳал кунем».

Дар кушодани характер ва симои Сафармахсум накшҳои мусбати Намозполвон, Ханнон, Зулайхо ва Сабринисо хеле калон аст. Илова бар ин, муаллифон ҳангоми иншои роман аз асарҳои халқӣ-латифаҳо, зарбулмасалу маколҳо, наклу ривоятҳо бамаврид истифода бурдаанд ва онҳо тирҳои нишонрасе ҳастанд, ки дар ифодаи афкори адиб кӯмак расондаанд.

Романи «Зоғҳои балмур», ки Ҷалол Икромӣ онро соли 1977 иншо кардааст, ба масъалаҳои муҳими рӯз бахшида шудааст. Дар он оид ба камбудию нуқсонҳои ҷомеа, ки дар он рӯзгор мушоҳида мешуданд, бештар сухан меравад. Нависанда ҳакикати вокеии зиндагиро зимни амалиёти персонажҳои асараш нишон дода мегузарад. Ҷалол Икромӣ дар накши Мулло Хокироҳ хислатҳои бади инсон, аз кабили маккорӣ, ҷаҳолат, дуздӣ, хиёнатро ҷамъбаст намудааст.

Мулло Хокироҳ бо саводи ночизаш шуури ҷавононро вайрон намуда, онҳоро ба роҳи ғалат раҳнамун месозад. Мисоли равшани ин ҳаёти Додоҷон шуда метавонад. Ӯ ба гапҳои бародараш–Мулло Хокироҳ бовар карда, дар охир ба нокомиҳо дучор мегардад.

Умуман дар асар нависанда муборизаи оштинопазири ду кувва–некию бадиро гузоштааст. Муборизаи ин ду кувва дар симои Бобо Амон ва Мулло Хокироҳ таҷассум ёфта, бо ғалабаи куввааи некӣ поён мепазирад. Асар аз ҳамин нигоҳ аҳамияти калони тарбиявӣ дошта, хонандаро ба ростӣ, покӣ, накӯандешию накӯкорӣ ҳидоят менамояд.

Нависанда дар солҳои охири рӯзгораш боз ба масъалаи хоҷагии кишлок баргашта, романи «Хатлон»-ро меофарад, ки он соли 1985 аз чоп мебарояд. Дар маркази асар кору зиндагии яке аз роҳбарони номдори Хатлонзамин, Қаҳрамони Меҳнат Мирҳайдар меистад. Мирҳайдар прототипи хешро дорад. Прототипи Мирҳайдар раиси номдори колхози ба номи Ленини ноҳияи Восеъ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Миралӣ Маҳмадалиев мебошад, ки солҳои тӯлонӣ сарварии ин хоҷагии номдорро ба ӯҳда дошт. Маҳз бо саъю кӯшиши ӯ ин хоҷагии кафомонда ба яке аз хоҷагиҳои сердаромад ва ободи ҷумҳурӣ табдил ёфт ва шӯҳратёр гашт. Нависанда нахуст кору фаъолияти мардони хоҷагӣ ва махсусан таҷрибаи бойи Миралӣ Маҳмадалиевро амиқ омӯхт ва дар симои қаҳрамонони асараш роҳҳои душвори тайкардаи онҳоро зимни накшҳои асосии роман ба калам дод.

Дар асар раванди ташаккулёбӣ ва ба камолрасии як гурӯҳ ҷавононро, ки бевосита сарвару роҳбари онҳо Мирҳайдар буд, хеле боварибахш ба калам додааст. Дар ин ҷо қаҳрамони асосӣ раис Мирҳайдар ҳамчун шахси ғамхору меҳрубон ва мураббии ҷавонон намудор мегардад. Мисоли барҷастаи ин Азизу Зулфия шуда метавонанд. Онҳо бо сарпарастӣ ва роҳнамоии Мирҳайдар рушду камол ёфта, ба дараҷаи мутахассисони кордону

ташаббускори хоҷагии кишлоқ расиданд. Нависанда ҳамаи ин дигаргуниҳои куллиро бевосита дар амалиёти ходисаю воқеаҳои шавқангези асар тарҳрезӣ намудааст. Ба ин восита нақши Мирҳайдар табиӣ баромада, ба дараҷаи образҳои типӣ расидааст.

Дар роман мавзӯъҳои тарбияи инсон, дӯстию рафоқати байни миллатҳо, меҳнати фидокорона ба манфиати кишвари азиз хеле боварибахш инъикос ёфтаанд.

## «ДУХТАРИ ОТАШ»

Ҷалол Икромӣ дар байни солҳои 1958–1974 асарҳои сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-ро навишта ба итмом расонд. Дар онҳо ҳаёти 70 - солаи халқи тоҷик тасвир ёфтааст. Ба асарҳои сегона «Духтари оташ»(1962), «Вопасин амир» (1967) ва «Тахти вожгун» (1973) дохил мешаванд. Дар романҳои дар боло ёдшуда зиёда аз 600 персонаж амал мекунад.

**Таҳлили романи «Духтари оташ»**

Асарҳои сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» аз нигоҳи мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ таърихӣ буда, дар онҳо ҳодисаю воқеаҳои як давраи муайяни таърихи халқи тоҷик тасвир ёфтаанд. Аз ҳамин нигоҳ ин се роман бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, якдигарро такмил дода, нақшҳои асосиро, ки дар се роман амалиёт мегузаронанд, пурра мегардонад. Мисоли равшани ин нақшҳои Асо, Фирӯза, Ҳайдаркул, Аҳмадҷони Машкоб шуда метавонанд. Аз тарафи дигар, агар дар романи «Духтари оташ» ҳодисаю воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX то ғалабаи Инқилоби Октябр дар Бухоро (1920) давом ёбанд, дар романи «Вопасин амир» ҳодисаю воқеаҳои пас аз инқилоб, муборизаю талоши аксулинқилобчиён барои аз нав барқарор намудани аморати Бухоро тасвир ёфтаанд. Душманони синфӣ бо ҳар роҳу восита саъю кӯшиш менамуданд: «аз шӯру ғавғои задухӯрдҳои синфӣ истифода бурда, нақшаҳои зишти худро пеш ронанд ва ба ҳар роҳ ҳокимиятро ба даст дароранд».

Дар романи «Тахти вожгун» бошад, шикасту барҳамхӯрии душманони синфӣ ва мустаҳкаму пойдор гардидани ҷомеаи нав нишон дода мешавад. Азбаски асарҳои сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» як давраи тӯлонии халқи тоҷикро дар бар мегиранд ва аз тарафи дигар, дар он шахсиятҳои гуногунақида иштирок доранд ва сонияи масъалаҳои сиёсии кишвар ҳаллу фасл мегарданд, мавзӯъҳо ва проблемаҳо низ хеле зиёданд, ки онҳо дар ҷояш ҳалли худро ёфтаанд. Аз тарафи дигар, метавон гуфт, ки асарҳои сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» дар такомулу инкишофи насри реалистии адабиёти муосири тоҷик роли муҳим бозиданд. Махсусан романи «Духтари оташ» аз нигоҳи мавзӯъ ва сабки баён аз романҳои дигари Ҷалол Икромӣ фарқ мекунад ва хеле барҷаста баромадааст.

Ҷалол Икромӣ пеш аз он, ки ба эҷоди романи «Духтари оташ» шурӯъ намояд, сарчашмаҳои зиёдеро омӯхт, мавод ҷамъ намуд ва пас ба кор сар

кард. Нахустин омили навиштани асар ҳаёти худи нависанда буд. Ҷалол Икромӣ бевосита иштирокчӣ ва шоҳиди ҳодисаю воқеаҳои он солҳо ба шумор мерафт. Дуюм, асарҳои таърихнигорон, маводи архивҳо, асарҳои бадеию илмии устод Айниро батафсил варақ зад ва маводи пурарзиш ҷамъ намуд. Сеюм, бо шахсони таърихӣ, иштирокчиёни фаъоли он ҳодисаю воқеаҳо вохӯрд, сӯҳбат гузаронид. Аз ин нигоҳ бисёр шахсони таърихӣ бо номҳои дигар дар роман амалиёт мегузаронанд, ки ин усулро дар адабиётшиносӣ прототип мегӯянд. Масалан, прототипи яке аз қаҳрамонҳои асосии асар Фирӯза Саломат Ҷаҳонгирова мебошад. Саломат Ҷаҳонгирова шахси таърихӣ буда, дар барқароркунии ҳукумати Шӯравӣ фаъолона иштирок кардааст. Дар ин бора худи нависанда чунин мегӯяд: «Саломат Ҷаҳонгирова дар синни дусолагӣ ба дасти модаркалонаш сағираи бекасу кӯй шуда мемонад. Кампири бечора, ки номаш Дилоромканиз буд, набераи худро ба воя мерасонад ва дар дувоздаҳсолагии ӯ вафот мекунад. Пас ҳаёти пурмашаққат ва дарбадарию азобу уқубати Саломат Ҷаҳонгирова сар мешавад, то ки инқилоб мешавад ва дидани рӯзи озодӣ ба вай муяссар мегардад».

Дилоромканиз бошад, дар роман бо номи худаш амал кардааст.

Ҳамин тавр, бояд ёдрас шуд, ки романи «Духтари оташ» асари калонҳаҷм буда, дар он зиёда аз 120 персонаж иштирок мекунад, ки ҳар кадоми ин персонажҳо бо характеру рафтору кирдори худ аз якдигар фарқ карда меистанд.

Дар романи «Духтари оташ», чунон ки дар боло гуфтем, персонажҳои бисёр амал мекунанд, ки дар байни онҳо занон мақоми хос доранд.

**НАҚШАИ ПЕРСОНАЖҲОИ АСОСИИ РОМАНИ «ДУХТАРИ ОТАШ»**

| Образҳои мусбат | Образҳои манфӣ |
|---|---|
| Дилоромканиз – зани солхӯрда, дилсофу накӯкор, каниз.<br>Фирӯза – духтари оқилаю бофаросат, набераи Дилоромканиз.<br>Рӯзибой – марди боғбон, хизматгори Муҳаммадаминбой.<br>Аҳмадҷони машкоб – сарвари машкобҳо.<br>Ашрафҷон – коргар.<br>Шамсия – духтари Абдураҳмони миршаб.<br>Асо – машкоб.<br>Ойимуллои Танбӯр – зани озодфикр, бомаърифат, омӯзгор. | Ғаниҷонбойбача – бой, сарватманд.<br>Абдураҳмонбек – миршаб.<br>Остонақулқӯшбегӣ – вазири корҳои дохилӣ.<br>Қароқӯлибой– сарватманд.<br>Муҳаммадаминбой – бойи калон.<br>Маҳфират – зани Ғаниҷонбой.<br>Нусратулло –оқсақол.<br>Амир Олимхон |

| Образҳои мусбат | Образҳои манфӣ |
|---|---|
| Истад – коргар, фидоии роҳи инқилоб.<br>Амон – намояндаи синфи коргар.<br>Умарҷон – коргар.<br>Мӯъмина – духтари марди ҳунарманд.<br>Ғулом – адрасбоф<br>Ҳайдаркул – марди мубориз ва адолатхоҳ.<br>Каримҷон – машкоб. | Исмоил Афандӣ–ҷадид.<br>Саиди Маст.<br>Назарбой – аспчаллоб. |

Нависанда зиндагии дардомез, ҳаёти қашшоқона ва фоҷиавии занонро бисёр табиӣ ва зимни нақшҳои Дилоромканиз, Фирӯза, Шамсия, Оймуллои Танбӯр ва дигарон хеле боварибахш нишон додааст. Вобаста ба кушода додани образҳои дар боло ёдшуда, адиб як қатор масъалаҳои муҳими сиёсӣ-иҷтимоии як давраи таърихии халқи тоҷикро ба муҳокима гузошта, ҳаллу фасл намудааст. Масъалан ғуломхарию ғуломфурӯшӣ, паст будани сатҳи зиндагии мардум, зулму таадди золимон ба мазлумон, норизогии халқ, ҷадидизм, ба Бухоро сар даровардани намояндагони Россия, тағйир ёфтани шуури синфии зиёиён ва коргарони маҳаллӣ, Револютсияи Халқии Бухоро ва ғайра ба миён гузошта шудаанд.

Дар баробари ин дар асар дӯстӣ, ҳамфикрии байни халқҳои тоҷику ӯзбек ва рус назаррас буда, дар ҷараёни ҳодисоту воқеоти роман то як андоза ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

Тасвири ишқу муҳаббати поки инсонӣ дар асар низ мавқеи калон дорад. Нависанда ба воситаи ишқу муҳаббати Фирӯзаю Асо муҳаббати поки инсониро тарғиб намудааст. Ишқу муҳаббати байни Умарҷон ва Шамсияи ноком поку беолоиш буда, дар роман воқеӣ баён шудааст. Аз тарафи дигар, адиб дар роман образҳое низ офаридааст, ки онҳо ба фисқу фосиқӣ машғул буда, ҳаёти садҳо занону духтарони покдоманро сӯхтаанд, дар ҳаққи онҳо хиёнат кардаанд ва амалҳои ношоистаи онон боиси мазаммат кардани нависанда қарор гирифтаанд.

## ТАҲЛИЛИ ОБРАЗҲОИ АСОСӢ

Яке аз образҳои барҷастаи романи «Духтари оташ» Дилоромканиз аст. Характер ва рафтору кирдори ин зани матинирода бевосита дар ҷараёни ҳодисаю воқеаҳои мухталифи асар кушода дода мешавад. Нависанда ба ин образ муҳаббату самимияти бепоён дорад. Аз ин ҷост, ки ӯ баъдтар дар ин бора чунин мегӯяд: «Дар ин китоб ман мехоҳам тақдири як зани оддии аз байни халқ баромадаро нишон диҳам».

Воқеан ҳам тақдири Дилоромканиз, рӯзгори дардомези ӯ дар асар хеле

батафсил омадааст. Аслан Диломканиз, чунон ки аз номаш равшан аст, аз табақаи поёни ҷомеа буда, пасон хизматгори бою амалдорони Бухоро мегардад ва ба номи зебояш Дилором калимаи каниз то поёни умраш ҳамроҳ мешавад, яъне номи Диломканизро мегирад. Диломканиз аз хурдӣ бори зиндагиро бар дӯш дошт. Рӯзгор ӯро маҷбур намуд, ки дар хонаи бою давлатмандон хизматгор шавад. Ҳамин тавр, солҳои зиёд гузаштанд, наврасию ҷавонии ӯ бо азобу ранҷ поён ёфт, аммо рӯзҳои некро надид. Дар тӯли ин солҳо гармию сардӣ, пасту баландиҳои рӯзгор иродаи ӯро матину устувор гардонид. Диломканиз пир шуд, вале номи канизӣ, хизмати канизӣ ҳамроҳаш буд. Ҳанӯз ҳам дар ҳавлии Ғаниҷонбой бо набераи сагирмондаи хурдсолаш Фирӯза хизмат мекард. Ана ҳамин як давраи тӯлонии ҳаёти Диломканиз бо камоли маҳорат, бо меҳру муҳаббат аз тарафи нависанда қаламдод шудааст. Албатта, рӯзгори ӯ танҳо ҳаёти як шахс нест. Нависанда дар симои Диломканиз зиндагии токатфарсон садҳо занони азияткашида, ранҷу озордидаро, ки аҳли доро ба сарашон оварда будаанд, хаққонӣ ҷамъбаст намудааст. Диломканиз ҳамаи ин нобаробариҳо, беадолатиҳо, хору залилӣ ва канизии худро эҳсос мекард ва боре бисёр бо дард ба набераащ Фирӯза изҳор мекунад: «... баъд фаҳмидам, ки каниз шудан аз қатори одамият бароамадан будааст. Канизро мехаранд, мефурӯшанд, мезананд, азоб медиҳанд, хунашро мемаканд».

Вобаста ба ҳамин адиби номдор Мирзо Турсунзода чунин мегӯяд: «Бо вуҷуди фаҳмидани беҳуқуқиаш дар пеши ҳеҷ як золим сар ҳам намекард, характери қавӣ ва саркаше дорад ва ин қуввату иродаи вайро ҳама, ҳатто забардастони замона низ ҳис мекунанд ва ҳеҷ кас дар пеши вай зане ё бачаеро озор дода наметавонист». Дар ҳақиқат воқеаю ходисаҳои асар дурустии фикри болоро собит менамоянд. Диломканиз дар роман ҳамчун зани нотарсу ҷасур тасвир ёфтааст, хислатҳои мардӣ дар рафтору кирдори ӯ назаррас аст. Албатта, чунин рафтор дар ниҳоди Диломканиз якбора пайдо нашудааст. Зиндагӣ, ҳаёти пурмашаққат ӯро водор намуд, ки ба аҳли доро ба назари дигар нигарад, одамият, нангу номуси хешро аз онҳо ҳифз намояд. Аз ин рӯ, аз Диломканиз оқсақол, ҳоким ва бойҳои мағруру худписанд метарсиданд, ба суханони талхи ӯ маҷбур буданд, ки гӯш диҳанд. Боре дар ин бора ба Фирӯза чунин гуфт: «Ҳатто духтарони оқсақол ва худаш, бойи қишлоқ ҳам аз ман мулоҳиза мекарданд. Ман чаққон, тавоно, ҳунарманд ва кордон будам, касеро писанд намекардам».

Ҳатто маҷбур буданд, ки гапи Диломканизро «не» нагуфта, ба суханонаш гӯш диҳанд. Аз ӯ тарсу ҳарос доштанд. Боре гапи оқсақол бо Диломканиз мегурезад. Дар байнашон ҷангу харҳаша ба вуқӯъ мепайвандад. Ниҳоят аз суханони нешдор ва заҳрогини Диломканиз оқсақол мағлуб шуда, рӯ ба гурез меоварад: «Ту оқсақол ҳанӯз бо собуни ман ҷомашӯӣ накардаӣ! – мегӯяд Диломканиз – Ноқисулақл бошам ҳам, ҷавоби садта ту барин буғузаъламҳоро гуфта метавонам. Беҳтар, ки машмаша накарда аз атрофи сари легат бохабар шав!»

Абдулатифбой ҳар гоҳ ба Дилоромканиз аз тарс хушомад мезад. Ӯро боақлу баҳосият мегуфт: «Ту Дилоромканиз баҳосият омадай. Пас аз омадани ту ба хонадони ман давлатам зиёд гашт, обрӯям баланд шуд. Ман ба қадри хизматҳои ту нарасам, кӯр мешавам».

Дилоромканиз дар баробари сифатҳои матинироддагӣ, ростгӯию ростқавлӣ, поквиҷдонию меҳнатдӯстӣ зани оқилаю хирадманд низ буд. Ҳатто аз мардҳо як сару гардан баландтар меистод. Ба онҳо ҳомӣ, маслиҳатчӣ ва ғамхору рӯҳбардор буд. Масъалаҳои сиёсиро нағз дарк менамуд. Чунончи Ҳайдарқул хост, ки қасоси зану фарзанди хешро аз Ғаниҷонбой гирад. Ба ин кори ӯ Дилоромканиз зид баромад ва ба Ҳайдарқул чунин гуфт: «Як Ғаниҷонбойро куштан қатӣ никори ту тамом намешавад.

Қозӣ чӣ? Раис чӣ? Миршабу оқсақол чӣ? Мард бош, дар ҳама кор мардона кор кун! Аз душманат чунон никор гир, ки вай донад».

Вале дар баробари ин Дилоромканиз зани ҳалиму меҳрубон буд. Ҳамеша дар ҳар ҳолат ба дармондагон, бечорагон дасти ёрӣ дароз мекард. Намегузошт, касе аз муштзӯрон бечорагонро таҳқир намояд, ранҷу озор диҳад. Инро дар мисоли Аҳмадҷони Машкоб, Асо, Фирӯза ва дигарон ба хубӣ эҳсос мекунем. Аз ин нигоҳ образи Дилорамканиз ҳамчун шахси тарбиятгар, мураббӣ пеши чашми хонанда ҷилвагар мешавад. Ӯ дар як даврaи тӯлонии рӯзгораш (90 сол умр дид) бисёр ҷавононро тарбият намуд ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят кард. Ба онҳо покию поквиҷдонӣ, ростию ростқавлӣ, хоксорӣ барин хислатҳои ҳамидаи инсониро омӯзонд. Аз ин хотир дар байни мардуми оддӣ ва ҳатто табақаи боло ҳам соҳибиззат гардида буд.

Дилоромканиз умри бобаракате дид. Аз 90 сол 72 соли умрашро дар хизмати аҳли доро сарф намуд. Вале ба мардуми оддӣ, ба ёру дӯст хизмати босазо низ кард. Умри хешро ройгон нагузаронид. Бо боварии том метавон гуфт, ки як насл аз мактаби Дилоромканиз тарбия ёфта, пас кори ӯро идома додаанд. Мисоли равшани ин нақши Фирӯза шуда метавонад.

Мусаллам аст, ки яке аз нақшҳои асосии романҳои сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ва махсусан «Духтари оташ» набераи Дилоромканиз Фирӯза мебошад. Ин нақш дар роман ба тарзи динамикӣ муттасил дар рафти ҳодисот рушду камол ёфтааст. Ин ду нақш дар роман бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Яке дигареро пурра мекунад, такмил медиҳад. Дилоромканиз бо рафтори нек, кирдори нек, гуфтори неки худ на танҳо Фирӯза, балки занони бисёри рӯзгорашро ба ҷунбиш овард; ба ҳақиқатҷӯӣ, садоқат ба миллат, ба покиву нексириштӣ ҳидоят намуд. Мақсаду мароми ӯ тарбияи инсони поку меҳнатдӯст буд. Бисёр мехост, ки наберааш Фирӯза мисли худаш бошад ва ба камол расад ва метавон гуфт, ки ӯ ба мурод расид. Фирӯза ҳам бисёр хислатҳои модаркалонашро ба худ қабул кард. Дилоромканиз пеш аз маргаш ба Фирӯза насиҳат карда чунин гуфта буд: «То ба баландӣ набароӣ ҳамвориро намебинӣ, то рӯз набинӣ маънои рӯзгорро намефаҳмӣ. Ҳар чизро фурӯш, вале одамиятро нигоҳ дор!.. Мардум пӯстлоҳи

дарахтон, решаи гиёҳҳоро канда мехӯрданд ва аз гуруснагӣ бехол, аз хӯрокҳои нобоб варам карда буданд, аммо савдогарҳо, ғаллачаллобҳо мисли вабо пеш-пеши аҷал давида мегаштанд. Аз бадбахтии мо кайфу сафо менамуданд».

Нависанда зоҳири Диломканизро бо камоли маҳорат тасвир кардааст. Зоҳири Дилоромканиз хеле хоксорона буда, дар кушодани ҷаҳони ботинии ӯ кӯмак мерасонад. «Мӯйҳои сафеди ӯро сарбанде аз шоли кӯҳнаи сиёҳе пинҳон мекард, фаранҷии рангпарида ва садямоқи ӯ, ки аз сараш партофта шуда буд, фақат расмиятро нигоҳ медошт ва аҷобаташ дар он буд, ки дар кӯчабудагон ва гузарандагон ба ин ҳеҷ аҳамият намедоданд».

Вокеан ҳамин тавр ҳам буд. Дар симои ӯ одамият ва фаросати зани тоҷик ҷамъбаст ёфтааст.

Бешубҳа, муваффақияти бузургтарини Ҷалол Икромӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар офаридани нақшҳои Дилоромканиз ва Фирӯза ба назар мерасад. Маҳз бо ҳамин асар ва бо ҳамин симоҳои нотакрор на танҳо дар адабиёти муосири тоҷик, балки адабиёти халқҳои ҷаҳон соҳибшӯҳрат мегардад, мақоми арзанда пайдо мекунад.

Чунон ки қаблан зикр кардем, образи Фирӯза прототипи зани мубориз Саломат Ҷаҳонгирова мебошад. Нависанда дар болои ин образ 6 сол заҳмат кашидааст. Илова бар маводе, ки бевосита аз забони Саломат Ҷаҳонгирова шунида ҷамъ кардааст, боз саҳнаю лаҳзаҳои ҷолибро аз худ ҳамроҳ намуда, нақши Фирӯзаро ба дараҷаи образи типӣ расондааст. Ҷалол Икромӣ дар ин хусус чунин мегӯяд: «Пас дар гирди ҳикояи Саломат Ҷаҳонгирова ҳикоя ва қиссаҳои бисёре илова шудан гирифтанд. Бисёрии воқеа ва ҳодисаҳои иловагиро ман шахсан фикр карда, бофта набаровардаам. Аксарияти онҳо ҳаётӣ, воқеӣ ва таърихӣ буданд… Ман фаҳмидам, ки ҳикояти Саломат Ҷаҳонгирова асоси китоби ман хоҳад шуд».

Фирӯза пас аз вафоти бибикалонаш Дилоромканиз, ки 12 сол дошт, бепарастор мемонад. Вайро Оймуллои Танбӯр, ки зани бомаърифат ва мушфиқу меҳрубон буд, ба тарбияи худ мегирад. Он вақт Фирӯзаи камтаҷриба шикасту рехт, пасту баландиҳои зиндагиро хеле кам медонист. То ин айём парастор, ёру мададгораш Дилоромканиз болои сараш буд ва ҳар нозе, ки мекард, иҷро мешуду нозпарвар дошт. Акнун ӯ бояд ба ҳаёт бо чашми дигар назар кунад, ба ҳама пасту баландиҳои зиндагӣ омода бошад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Рӯзгор ва панду насиҳатҳои бибиаш ӯро пухта гардонд. Ҳамаи ин тадриҷан дар ҷараёни ҳодисоту воқеоти асар ба вуқӯъ омаданд.

Фирӯзаро пас аз чанд муддат ба ҳавлии Ғаниҷонбой оварданд ва дар қатори канизони Ғаниҷонбой ҷой гирифт. Нахуст итоаткор ва хомӯшу сарҳам буд. Ба пичингу гапҳои занони амалдор, аз он ҷумла занони Ғаниҷонбой гӯш мекард. Аммо рафта-рафта зоҳиран ва ботинан тағйир ёфт. Хомӯш намеистод, дар мавқеаш ҷавобҳои сахт ҳам медод. Ӯ худ ба худ андеша мекард: «Наход ки ман ҳам мисли Шамсия, мисли Савсан ҷавонмарг шавам. Не, ман бояд аз ин даргоҳ, аз ин варта наҷот ёбам!».

Инак, боз садои эътирози ӯ баландтар мешавад. Ҳангоми дар дарбори амир Олимхон буданаш беибо, нотарсона, бо хашму ғазаб ба занҳои дарбор чунин мегӯяд:

– «Рафта ба амир ва Пошшобибӣ гӯед ки, – гуфт ба овози баланд Фирӯза, – мо аз оташ, аз аҷал ва аз тиру туфанг наметарсем! Оташ ҳам, аҷал ҳам, тиру туфанг ҳам аз азобу уқубати бандагӣ, канизӣ ва дарбори шумо бехтар аст!

Сӯзеду хокистар шавед, ки хонумони моро сӯхтед! Нест шавед!». Таҳхонаро ғулғула фаро гирифт. Рӯйҳои зану духтарҳо аз ҳаяҷони қалб сурх шуда буд, чашмонашон медурахшид, дилашон бо умед ва орзуҳои хуррам аз нав мезад ва метапид.

Таъкид намудан зарур аст, ки нависанда ба воситаи нақши Фирӯза ташаккули шахсияти зани тоҷикро дар ҷомеа ба миён гузошт. Ҳамин тавр Фирӯза аз як сағирадухтари оддӣ ба дараҷаи зани фаъол, мубориз, дурандеш, роҳбару кордон сабзида расид. Ӯ дар кураи муборизаҳои синфӣ камол ёфта, ҳамчун образи инкишофёфтаи типӣ намудор мегардад.

Дуруст аст, ки дар байни нақшҳои Дилоромканиз ва Фирӯза монандиҳои назаррас мушоҳида мешаванд, вале бояд хотиррасон кард, ки дар байни онҳо аз бисёр ҷиҳат тафовутҳо ҳам дида мешаванд. Агар ба тарзи мушаххас гӯем, нақши Фирӯза давоми мантиқии нақши Дилоромканиз мебошад. Дилоромканиз ҳама гуна зулму золимӣ, кабоҳату разолати соҳибмансабон ва аҳли дороро медонист. Гапи сахтро нотарсона ба онҳо мегуфт. Лозим шавад, бо ин гурӯҳ бо сухан мубориза мебурд. Фирӯза бошад, илова ба он сифатҳое, ки дар ҳаққи Дилоромканиз гуфтем, боз зани мубориз буд, ба муқобили онҳо, сохти пӯсидаи аморати Бухоро муборизаи сахт бурд. Ӯ ба тақдир, ба қисмати хеш тан надод ва бароиояндаи неки худ, Ватан ва миллати хеш фидокорона мубориза бурд. Нависанда дар симои ӯ хислатҳои нек ва мақсаду мароми занони пешқадаму фаъоли тоҷикро ҷамъбаст намудааст. Дар ин бора адабиётшинос Усмонова З. Г. баҳои сазовор додааст:

«Симои ботинии ӯ ба таври ҳайратангез дигар мешавад. Вай дар сӯҳбатҳои ҷиддии сарварони инқилоби Бухоро баробари онҳо иштирок менамояд, ҷавобҳои ӯ пур аз ҳисси шоистагӣ ва иззати нафс, пур аз эътимоду боварӣ ба худ, баояндаи хонаводаи худ, шавҳари худ Асо, дӯстони вай, тамоми халқ мебошад».

Фирӯза бо корҳои нек, бо ақли расои худ аз дигар духтарон ба мисли Савсан, Шамсия, Нозгул ва дигарон фарқ карда меистад. Нависанда дар симои онҳо духтарони мазлум, итоаткор ва ба тақдир тандодаро нишон додааст, ки ҷамъият онҳоро ба ин рӯзи сахт овардааст. Аммо ин нақшҳо барои бехтару хубтар баромадани образи асосӣ – Фирӯза ҳамчун образҳои ёрирасон хизмат кардаанд.

Нависанда ҳусну ҷамол ва зебоию малоҳати духтарони тоҷикро дар симои Фирӯза хеле табиӣ ба қалам додааст. Масалан, дар бораи ҳусни табиии Фирӯза ва сару либоси хоксоронаи ӯ нависанда чунин мегӯяд:

«Ҳамаи ин сару либоси одамиёна ва ҳатто бечораҳолона пўшидаи ў ба худаш мезебиданд. Вай духтаре буд гандумгун, бо чашму абрўи сиёҳ ва лабу даҳони мисли ғунча зебо, бо рухҳои мисли себи сурх тар ва тоза, бо сари баланд ва дасту пои чаққон ва серҳаракат, ҳар кас, ки чеҳраи зебои ўро медид, беихтиёр чашмашро аз вай канда натавониста мемонд».

Муҳимаш он аст, ки нависанда ба ин восита баъзе паҳлуҳои характер, рафтору кирдори қаҳрамони асосиро мушаххас намудааст. Албатта, хусусиятҳои фардии Фирўза ўро ба дараҷаи образи камолёфтаи типӣ пухта расонданд.

Дар роман дар баробари нақшҳои Дилоромканиз ва Фирўза занҳои зиёде амал мекунанд, ки ҳар кадомашон бо рафтору кирдор ва характери нотакрори худ аз як дигар фарқ карда, барои барҷаста баромадани симои қаҳрамонҳои асосии роман кўмаки расондаанд. Аз байни кулли онҳо нақшҳои Оймуллои Танбўр ва Шамсия мақоми хос доранд. Зиндагӣ, кору рафтори онҳо ба ҳаёти Дилоромканизу Фирўза пайванди ногусастанӣ дорад.

Оймуллои Танбўр зани босавод, бомаърифат аст. Ў духтаронро таълим дода, савод меомўзонад. Шамсияю Фирўза аз ҷумлаи шогирдони арзандаи ў буданд ва аз Оймулло савод омўхта, шеъри Хоҷа Ҳофиз ва дигар адибони бузурги гузаштаро қироат ва ҳифз менамуданд. Ҳамин тавр Оймуллои Танбўр дар дили духтарони тоҷик чароғи илму ирфонро фурўзон мегардонд ва меҳру муҳаббат, одамият ва садоқатро нисбат ба инсонҳо тавлид менамуд. Албатта, ҳамаи ин корҳоро бо гап не, балки дар амал нишон медод. Яъне нависанда бо ин восита таъкид карданист, ки худи Оймулло бо ин хислатҳои ҳамида оростааст. Масалан, вақте ки Дилоромканиз вафот мекунад, Оймулло Фирўзаро ба тарбияи худ мегирад, ки ин одамгарӣ, инсондўстӣ, мушфиқу меҳрубон, ғамхору қадрдон будани ўро нишон медиҳад. Умеду орзуи ягонаи ў соҳибмаърифат гардондани занони тоҷик аст. Дар ин роҳ саъю кўшиш мекунад, матонату саботкорӣ нишон медиҳад ва гоҳ-гоҳ ба мақсади хеш ноил мегардад, ки намунаи ин саводнок шудани сағираи бекас Фирўза шуда метавонад. Вале бояд иқрор шуд, ки Оймуллои Танбўр мисли Дилоромканиз боҷуръат ва нотарс нест. Ў нисбати ҳама гуна беадолатиҳои аҳли ҷоҳу сарват нафрат дорад. Ҳангоме ки Нозгулро ба халта андохта химчакорӣ мекунанд, ранҷу озор медиҳанд, ў бо Шамсияю Фирўза оби чашм мерезонанд, азоби рўҳӣ мекашанд, ба золимон лаънат мехонанд. Онҳо илоҷи дигаре надоштанд. Ё бигирем, ҳаёти фоҷиавии Шамсия – духтари миршаб Абдураҳимбекро. Ўро Оймуллои Танбўр тарбият карда, соҳибмаърифат гардонд. Беҳтарин хислатҳои инсониро дар қалби ў ҷой намуд. Шамсия низ ба рафтору кирдори золимон нафрат дорад, вале камҷуръат аст. Месўзаду имкони сухан гуфтан, эътироз кардан надорад. Зиёда аз ин барои бахту саодат ва ишқи поки худ, ки Ашрафҷонро дўст медошт ва падараш ба ин розӣ набуд, беилоҷ монд, мубориза бурда натавонист. Барои ҳамин Шамсия маҷбур шуд, ки худкушӣ намояд ва ҳамаи дарду алам, ишқи покашро бо худ ба гўр барад.

Нависанда ба ин восита беҳуқуқии занону духтарони тоҷикро ё аз та-

бақаи поён бошанду ё аз табақаи боло хеле боварибахш тасвир намудааст. Ҳаёти фоҷиавии Шамсия барин духтарон дар дили хонанда нисбати золимон, аҳли ҷоҳ ва махсусан амирон як ҷаҳон нафрату адоватро тавлид мекунад ва нависанда моҳияти ҳаётро воқеӣ, реалистона тасвир намудааст.

Дили нависанда ба ҳаёти фоҷиавии ҳамин гуна духтарони оқила, вале беҳуқуқу бечора месӯзад, вале илоҷи дигар надорад, зиндагӣ ҳамин аст ва ин зиндагиро ӯ ҳаққонӣ ба қалам додааст ва бурди адиб ҳам дар ҳамин аст.

Ҷалол Икромӣ ба ин восита ҳаёти як давраи мураккаби кишварро нишон дода, таъкид карданист, ки агар онҳо ба мақсади олии хеш нарасида бошанд ҳам, барои дигарон роҳ кушоданд, намунаи ибрат шуданд. Образҳои Дилоромканиз, Фирӯза, Оймуллои Танбӯр, Шамсия ва дигарон барои насли имрӯза намунаи ибрат мебошанд. Умеди онҳо имрӯз ҷомаи амали пӯшид. Оре, имрӯз занону духтарони тоҷик озодона меҳонанд ва дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кор мекунанд.

Нависанда на танҳо дар кушодани амалиёт, мақсаду маром ва дунёи ботинии занон муваффақиятҳои назаррас дорад, балки ҳусну ҷамоли худододии онҳоро бо камоли маҳорат тавсир кардааст. Тавре зикр шуд, Оймуллои Танбӯр ҳам аз зумраи занони бомаърифат, ҳунарманд аст. Аз тасвири симои зоҳирии ӯ ҳамин сифатҳои олии инсонӣ равшан мегардад. Бешубҳа, кас пас аз хондани роман ба чунин тасвирҳои шоирона шинос шуда, нисбати ин образҳо муҳаббат пайдо мекунад ва аз ҳусну латофати онҳо як ҷаҳон лаззат мебарад.

«...Симо, ваҷоҳати ӯ чунон дилкаш, чунон ҷозибанок буд, ки ҳар кас мегуфт: «Оё ин занро пештар дар куҷо дида бошам»? Абрӯвони сиёҳ, чашмони калон-калони шаҳло ва дилбар, рӯи мудаввар ва банур, лабу даҳони ҳамеша ба табассум моили вай чашми бинандаро беихтиёр ба худ ҷалб мекард».

Ғайр аз ин дар романи «Духтари оташ» нақшҳои занони манфӣ кам нестанд. Ба ин гурӯҳ занони табақаи боло бештар шомиланд. Ҳаракату рафторҳои ношоистаи Назокат, Мағфират, Мушаррафа, Холдорхон, Оими дастарҳончӣ, Пошшобӣ дар рафти ҳодисаю воқеаҳои асар кушода дода шудаанд. Онҳо аз нигоҳи характер аз якдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Масалан, Пошшобӣ ва Мағфират ниҳоят бадрашк, ҳасуд, нотавонбин буда, ҳамеша аз пайи ранҷу озори Фирӯза, Нозгул барин духтарони покдоман ҳастанд. Бо вуҷуди он ки онҳо мансуби табақаи боло ҳастанд, дар назди шавҳарони худ ночизу нотавонанд. Илова бар ин онҳо низ аз ҳар гуна ҳуқуқҳои инсонӣ маҳрум мебошанд.

## МАҚОМИ МАРДОНИ ОҚИЛУ МУБОРИЗ ДАР РОМАН

Дар роман нақшҳои мардони оқил, мубориз, ки бештарашон аз табақаи поёни ҷомеа ҳастанд, амал мекунанд. Ба ин гурӯҳ нақшҳои Ҳайдарқул, Асо, Ашрафҷон, Аҳмадҷони Машкоб, Истад ва дигарон мансубанд. Нависанда ба воситаи нақши Ҳайдарқул нерӯю қудрати халқи азияткашида, ҷабру ситамдидаро ба қалам додааст. Ӯ аслан ба пешаи моҳипазӣ маш-

гул буда, аз рӯи он қуги лоямути аҳли оилаашро пайдо мекард. Нахуст, пас аз он ки ба номуси зану духтараш Савсан Саиди Маст ва Ғаниҷонбой таҷовуз карда, онҳоро мекушанд, хун ба хун гуфта аз паси қасосгирӣ мешавад. Дар ин роҳ то андозае ба мақсад мерасад. Ҳайдарқул дар ин бора чунин изҳор менамояд: «Акнун ман танҳо барои як мақсад зиндагӣ мекунам: «Никор! Аз душманонам никори духтари нокомам, никори зани кулфатзадаам ва никори худамро гирам, вассалом».

Вале пасон дар натиҷаи бо коргарони рус (Смирнов, Соколов) вохӯрдан андешааш тағйир меёбад. Даҳ соли бадарғагӣ дар Сибир шуур, рафтору кирдори Ҳайдаркулро тағйир дода, яке аз муборизи фаъоли роҳи озодӣ мегардад. Нависанда дар симои ӯ образи шахсони муборизро нишон додааст. Ӯ дигар никор ва интиқоми як-ду нафар наздиконашро намегирад, балки ба хотири бахту саодат ва ободию озодии халқ ва кишвараш мубориза мебарад.

Асо ва Аҳмадҷони Машкоб ҳам дар мубориза барои ҳаёти нав саъю талош доранд. Онҳо ҳам бо Ҳайдаркул дар ин муборизаҳо ҳамроҳ ҳастанд ва барои баркароршавии Ҳукумати Шӯроҳо саҳми арзанда доранд.

Асо хизматгори дари хонаи Ғаниҷонбой буду солҳои дароз хизмати бемузд кард. Вале дар тӯли солҳои зиёд тағйир ёфт. Насиҳатҳои Диломканиз, Ҳайдарқул, Аҳмадҷон рӯҳияи ӯро дигар намуд. Нависанда дар симои Асо ташаккулёбии шуури ҷавононро нишон додааст. Нахуст мисли Ҳайдарқул аз золимон қасос мегирифт. Аммо баъдтар фаҳмид, ки ин усули кор роҳи ягона набудааст, роҳи асосӣ бо мардуми оддӣ будан ва онҳоро ба мубориза сафарбар намудан будааст. Ҳамин тавр ҳам шуд. Дар анҷоми асар Асо шахси фидокор, муборизи роҳи озодӣ гардид. Дар муборизаҳои револютсионӣ фаъолона иштирок кард. Муҳаббати ӯ нисбати Фирӯза бисёр самимӣ ва поку беолоиш аст ва бо ҳам барои бахту саодати худ саъю талош карданд ва ба мурoди хеш расиданд. Нависанда дар тасвири Асо чунин мегӯяд:

«Вай ҷавоне буд қадбаланд, чорпаҳлу, бо дасту пойҳои баҳодурона, кулчарӯй, шаҳлочашм ва гандумгун, ба гирди лабаш акнун сиёҳча зада мӯйлаб мебаромад, лекин ҷуссаи паҳлавононаи ӯ дар назари аввал вайро ба чашм аз синну солаш калонтар карда нишон медод».

Дар роман мисли Тоҳирҷон, Истад, Иброҳим, Сафия, Амону Умарҷон ва дигарон фаъолият доранд ва адиб дар симои онҳо характеру хусусиятҳои ба худ хоси ҷавонони фаъолу муборизи халқи тоҷикро ҷамъбаст кардааст.

Дар романи «Духтари оташ» як гурӯҳ персонажҳои манфӣ амал мекунанд, ки кулли онҳо намояндагони табақаи болои ҷомеа ҳастанд. Ба ин гурӯҳ Латифбой, Қарокулбой, амир Олимхон, оқсақол, миршаб ва дигарон мансубанд. Албатта, ҳамаи онҳо дар куштори ашхоси бегуноҳ, зулму таадди бечорагон, фиребу найранг дасти тавоно доранд. Характер, гуфтору кирдорашон гуногун бошад ҳам, вале мақсадашон як аст. Нависанда дар симои онҳо зулму золимӣ, беадолатӣ, беинсофӣ, хиёнату беандешагӣ ва

фиску фасодии гурӯҳҳои табақаи болоро ҷамъбаст намудааст.

Умуман нақшҳои офаридаи романи «Духтари оташ» пандомӯзанд. Хонанда на танхо аз кору рафтори қаҳрамонони мусбат панди судманд мегирад, балки рафтору кирдору гуфтори ашхоси ношоиста барои хонандагон низ ибратомӯз буда, саъю кӯшиш менамоянд, ки дар зиндагӣ мисли онхо нашаванд, мисли онхо амал накунанд.

**Аҳамияти тарбиявии романи «Духтари оташ»**

Ба ҳамин тариқ, агар дар анҷом бо суханони устод Мирзо Турсунзода, ки дар бораи аҳамияти тарбиявии романи «Духтари оташ» гуфтааст, фикри худро ҷамъбаст намоем, меарзад:

«Романи «Духтари оташ» аз ҷумлаи асарҳоест, ки хонандаро бо қуввати ибратбахши қаҳрамонони мусбати худ тарбия мекунад.

Амалиёт, ақида ва ҷараёни зиндагонии як қатор персонажҳои романи «Духтари оташ» аз қабили Диломканиз, Фирӯза, Ҳайдарқул, Аҳмади Машкоб, Асо, Умарҷон ва дигарон барои насли имрӯза намунаи ибрат буда, диловарӣ, ватандӯстӣ ва дигар хислатхои ҳамидаи инсониро меомӯзонад».

**Савол ва супориш**

1. Таҳсили ибтидоии нависанда дар кадом давра ва чӣ хел гузашт? 2. Дар ташаккул ва ҷаҳонбинии Икромӣ кадом омилхо бештар кӯмак расонданд? 3. Муносибати Ҷалол Икромӣ бо устод Айнӣ чӣ хел буд? 4. Дар солҳои 1928–1930 адиб кадом асарҳоро офарид? 5. Повести «Ман гунаҳгорам» аз дигар асарҳои адиб бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад? 6. Прототипи қаҳрамони асосии асари «Хатлон» кист? 7. Аз кадом ҷиҳат «Духтари оташ», «Тахти вожгун» ва «Вопасини амир»-ро асари сегона мегӯем? 8. Ҷаро нависанда ба асараш номи «Духтари оташ»-ро гузоштааст? 9. Муҳаббати шумо ба кадом қаҳрамони ин асар зиёдтар аст? 10. Дар бораи монандӣ ва фарқи образҳои Диломканиз ва Оймуллои Танбӯр нақл кунед.

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*


Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. «Ирфон», Душанбе, 1970.

Шарифов А. Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷалол Икромӣ дар мактаби миёна (дастури методӣ). Кӯлоб. 1980.

Турсунзода Мирзо, ҷ. III. Осори адабӣ-танқидӣ. «Ирфон», Душанбе, 1979.

Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. ҷ. I. «Ирфон», Душанбе, 1977.

# МӮЪМИН ҚАНОАТ

*Ростašро бигӯям, дар рӯзгори шоириям ду бор шунаво ва ошкоро гиристаам. Яке гоҳи иншои порчаи «Мавҷҳои бародарӣ» бахшида ба бародари азизам Абдулло ва дигар соли 1968 дар Сталинград, вақте ки мисраъҳои зеринро менавиштам:*

*Вале Матвей зери лаб*
*фурӯ мебурд шеванро,*
*Фурӯ мебурд оҳанро,*
*Ки аз оҳаш*
*Нагардад ногаҳон пайвандҳо канда,*
*Нагардад аз лаби ояндаҳо*
*лабхандҳо канда.*



**Шарҳи ҳоли адиб**

Деҳаи Курговади ноҳияи Қалъаи Хуми вилояти Кӯҳистони Бадахшон яке аз зеботарин деҳоти ин музофот аст. Боду ҳавои хуш ва табиати нотакрор дорад. Кӯҳҳои осмонбӯс, ёнаҳои сабзу хуррам, садои форами чашмасорон ва рӯдҳои пуртуғёнаш ба инсон як ҷаҳон ҳузуру ҳаловат мебахшанд. Бахусус фасли баҳор, бештар моҳи апрелу май деҳоти Дарвоз ва умуман кӯҳистони Бадахшону Рашт гулрез шуда, шукӯҳу шаҳомати хос пайдо мекунанд. Ана дар ҳамин айём, 2-юми майи соли 1932 дар Курговад Мӯъмин Қаноат чашм ба дунё кушудааст. Падари адиб деҳқони асил буд ва аз ин пешаи муқаддас рӯзгори хешро мегузаронд. Мӯъмини хурдсол дар паҳлуи падар истода ба қадри тавон ба кори ӯ мадад мерасонд. Он рӯзҳо рӯзҳои ҷанг буду рӯзгори мардум танг. Бародарони Мӯъмин дар ҷанг буданд ва ба муқобили фашистон меҷангиданд, ҷоннисорӣ мекарданд. Аз ин хотир бори вазнини рӯзгор ба сари онҳо афтод. Мӯъмин он рӯзҳоро ёд карда чунин мегӯяд: «Чор нафар бародарам аз майдонҳои корзор мактубҳояшонро ба ман мефиристоданд. Аввалаш, барои он ки дар оила ягона шахси соҳиби хату савод будам. Ва дуюм, онҳо медонистанд, ки агар ҳодисае пеш ояд, кору омолашонро ман давом хоҳам дод. Бародаронам дар бораи рӯзгору рӯйдодҳои ҷангӣ менавиштанд ва ҳикоёти онҳо дар лавҳи хотирам барои ҳамеша нақш бастааст».

Мусаллам аст, ки ин ҷанги хонумонсӯз ба ҳар як хонадони тоҷик бадбахтиҳои зиёд овард. Бародарони Мӯъмин ҳам дар набардҳои шадид қаҳра-

монона ҳалок гардиданд. Махсусан, беному нишон гардидани бародараш Абдулло қалби Мӯъминро дардманд гардонид. Дар деҳа барояшон «гаҳвораи ноз» оростанд. Баъдтар адиб он рӯзҳоро ба ёд оварда мегӯяд: «Дар деҳаи мо одате буд, ки агар ҷавонмарде дар диёри дигар Ватанро ҳифз карда ҳалок мешуд, бароящ «гаҳвораи ноз» меоростанд, ки ба пиндор ҷисмаш даруни он меоромид. Ва ман ҳеҷ фаҳмида наметавонистам, ки ҷаро калонсолон гирди ин гаҳвораи холӣ мотам мегиранд. Фигону нолаҳои ҷигарсӯзи занон ва ҳама ин маросим муддатҳои дароз муаммои бачагии ман буданд. Зиёда аз ин, одати мазкур чун яке аз ёддоштҳои равшантарин ва фаромӯшношуданӣ боқӣ мондааст».

Ҳамин тавр, Мӯъмин пас аз ҷанг ба ҳамаи душвориҳои рӯзгор нигоҳ накарда ҳам дар саҳро кор карду ҳам хонд ва мактаби 7-солаи деҳро хатм намуда, ба ноҳияи Рашт (он вақт Ғарм маркази вилоят буд) омад ва таҳсили худро дар омӯзишгоҳи педагогӣ идома дод. Омӯзиши илму фарҳанг ва адабиёти пешин чашми ин ҷавони меҳнаткарин ва боистеъдодро кушод. Ӯ аз зумраи шогирдони пешқадам ба ҳисоб рафта, бо шеърҳои тозаэҷодаш дар байни толибилмон баромад мекард ва пайваста аз эҷодиёти адибони пешин ва муосир абёти рангин азёд менамуд. Дар ҳамон давра шеърҳояш саҳфаи рӯзномаи вилоятии «Қаротегини советӣ»-ро зеб медоданд.

Мӯъмин Қаноат пас аз хатми омӯзишгоҳи ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) ба Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии давлатии Тоҷикистон) дохил мегардад ва соли 1956 ин донишгоҳи мӯътабарро хатм менамояд. Бешубҳа, маҳз дар ҳамин айём аз устодони сахтгир ва донишманд нозукиҳои ин пешаи душвор, вале боифтихорро омӯхт ва чун уқобон ба парвози олами малакутӣ – дунёи шеър омода гардид, дасташ тавоно, қаламаш бурротар шуд.

Мӯъмин дар давраи толибилмӣ нисбат ба шарикдарсони худ дар саҳифаҳои матбуот камтар баромад мекард, вале бештар аз бузургони гузашта ва муосир пораҳо ва ҳатто достонҳои яклухтро ҳифз менамуд. Баъзе шеърҳое, ки дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо ба табъ мерасиданд, диққати мунаққидонро ба худ ҷалб карда буданд. Чунон ки мегӯянд: «Соле ки накӯст, аз баҳораш пайдост». Ба шеърҳои Мӯъмин хонандагон ва баъзан мунаққидони касбӣ баҳои баланд медоданд. Пас аз хатми донишгоҳ Мӯъмин Қаноатро ба мудирии шӯъбаи назми яке аз маҷаллаҳои баобрӯи адабии ҷумҳурӣ «Садои Шарқ» ба кор даъват намуданд. Ӯ дар ин ҷо чанд сол кор кард, котиби масъул ҳам шуд ва боз ҳам рушду камол ёфт, қаламаш бурро ва дидгоҳаш амиқтар гардид. Илова бар ин Мӯъмин дар нашриёти «Ирфон» ҳамчун муҳаррири калон таҳрири назмро ба ӯҳда дошт ва пайваста ба эҷоди асарҳояш машғул буд. Адиб дар ин солҳо дар баробари эҷоди шеър осори бузургони адабиёти ҷумҳуриҳои бародар ва шоирони пешқадами ҷаҳонро тарҷума менамуд. Асарҳои В. Шекспир, А. С. Пушкин, Лермонтов, Адам Мискевич ва дигаронро ба забони тоҷикӣ баргардонида,

хонандагони тоҷикро бо каломи сеҳрангези адибони оламшумул шинос карда буд. Аввалин маҷмӯаи шоир соли 1960 бо номи «Шарора» аз чоп баромад, ки дар назми муосири тоҷик ин як ҳодисаи хурсандибахше буд. Ин маҷмӯа хонандагони серпшуморе пайдо кард.

Мӯъмин Қаноат соли 1968 ҷонишини Раиси иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб гардид ва то соли 1976 дар ҳамин вазифа кор кард. Пас аз вафоти устод Мирзо Турсунзода (1977) вазифаи сарварӣ ё котиби аввали Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро то солҳои 90 – ум ба ӯҳда дошт. Бояд хотиррасон кард, ки бидуни ин Мӯъмин вазифаҳои гуногуни ҷамъиятӣ: Раиси Комитети республикавии муҳофизати сулҳ, аъзои Президиуми Комитети Советии муҳофизати сулҳ, аъзои Комитети давлатии мукофотҳои Ленинӣ ва Давлатӣ оид ба адабиёт, санъат ва меъмориро ба ӯҳда дошт.

Мӯъмин Қаноат адиби ҷаҳондидаю одамдида аст. Ӯ ба Эрон, Алҷазоир, Лубнон, Тунис, Куба, Афғонистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон сафар кардааст. Адиби тоҷик ба ҳар кишваре, ки по мегузошт, аз сулҳу амонӣ, аз дӯстию рафоқат ҳарф мезад. Албатта, сафарҳои адиб бе натиҷа намонданд; доираи дониш, одамшиносии ӯ ғанитар мегардид. Пас аз бозгашт, аз дидаю шунидааш асарҳои хуб меофарид. Махсусан тамошои шаҳрҳои бостонии Шероз, Теҳрон, Исфаҳон ба шоир илҳоми тоза бахшид, як силсила шеърҳо офарид, ки дар онҳо бо як ҳиссиёти баланд дар бораи Фирдавсию Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ шеърҳои пуробуранг эҷод кард:

Маро гуфтӣ: «Биё, Шероз-пойандоз»[1].
Ман акнун мекунам парвоз то Шероз.
Ки гарди корвонҳоро наангезам,
Зи фарёди шарархезам
Кунун бо фоли Ҳофиз мекунам парвоз,
Худо Ҳофиз, аё Шероз!
Худо ҳофиз, аё устоз!

Мӯъмин Қаноат соли 1977 барои достонҳои «Сурӯши Сталинград» ва «Тоҷикистон исми ман» сазовори Мукофоти Давлатии СССР гардид. Адиб соли 1978 бахшида ба 1000–солагии зодрӯзи фарзанди барӯманди халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино достони «Гаҳвораи Сино»-ро эҷод намуд ва бо ин асар ба унвони фахрии Лауреати Мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи устод Рӯдакӣ шарафёб гашт. Давлати Шӯравӣ хизматҳои ҳоксоронаи адибро ба назар гирифта, ӯро бо Ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва дигар грамотаю медалҳои ҳукуматӣ шарафманд намуд.

Бешубҳа, нақши ӯ дар назми муосири тоҷик бузург буда, хонандаи тоҷик дар оянда аз Мӯъмин Қаноат асарҳои хонданӣ ва замонавиро интизор аст.

---

[1] Шоири машҳури Эрон Нодири Нодирпур ҳангоми ба Тоҷикистон сафар карданаш Мӯъмин Қаноатро ба меҳмонӣ даъват намуда буд. Ишорати адиб аз ин хотир аст.

# МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ЭҶОДИЁТИ ШОИР

Мӯъмин Қаноат шоири сермаҳсул аст. Ҳанӯз маҷмӯаи аввалини ӯ соли 1960 бо номи «Шарора» ба табъ расида буд. Имрӯз бошад, зиёда аз 12 маҷмӯаи ашъори Мӯъмин нашр шудаанд. Дар байни солҳои 1980–1982 осори мунтахаби ӯ дар ду ҷилд ба хонандагон дастрас шуд. Дар ҷилди аввал ашъори лирикии адиб ва дар ҷилди дуюм достонҳои шоир гирд оварда шудаанд. Ашъори Мӯъмин Қаноат бо санъати баланд иншо шуда, дили хонандаро ба шӯру ғалаён меоварад. Дар ҳар як асари адиб набзи ҳаёти имрӯза эҳсос мешавад. Бисёр шеъру достонҳои адиб ба забонҳои гуногуни халқҳои дунё, аз ҷумла немисӣ, булғорӣ, чехӣ, маҷорӣ, англисӣ, полякӣ, афғонӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва ғайра тарҷума шудаанд.

Дар ашъори адиб мавзӯъҳои мухталифи рӯзгори мо инъикос ёфтаанд. Шоир кору зиндагӣ, шодию фараҳ, бароду нобародиҳои инсонро мақсади хеш қарор дода, дар асарҳои худ ҳаққонӣ тасвир намудааст. Мӯъмин Қаноат дар силсилаи «Ситораҳои замин», ки ном ҳам маҷозан омадааст, зиндагию набард, қаҳрамонию фидокории занони меҳнатдӯст, духтарони мубориз ва модарони мушфиқу меҳрубонро нишон додаст. Шоир бо муҳаббату самимият модари аввалин зани кайҳоннавард Валентина Терешковаро ситоиш менамоянд. Барои он таҳнияту офарин мегӯяд, ки чунин фарзандро тарбия карда ба камол расонидааст. Духтар дар Кайҳон парвоз дорад, вале модар дар Замин пой мегузораду дар изтироб аст.

Мӯъмин Қаноат ҷоннисории занону духтарони меҳнаткаринро низ дар ин силсила хеле пурҷозиба тасвир намудааст. Духтарон чун ситораҳо пахтазорро нурборон мекунанд. Шӯҳрату шон, сарбаландию ифтихори мардуми мо аз меҳнату заҳмати онҳост. Вале бо ҳамаи ин бузургӣ онҳо хоксоранд. Маҳз ҳамин хусусият бузургӣ, латофати онҳоро даҳчанд боло намудааст. Аз ин шоир мефахрад ва бо камоли ифтихор мегӯяд:

> Он ки бо ҳурмат, ба ихлоси тамом,
> Мепарастад зиндагиро, корро,
> Саҷда меорад замину обро,
> Ҳар ниҳоли пахтаи нурборро.
> Номдорӣ, номдорӣ мекунад,
> Аз бузургӣ хоксорӣ мекунад.

Дар «Силсилаҳои Карпат», ки аз шаш шеър иборат аст, дӯстию рафоқати халқи тоҷик бо халқи Украина ифода ёфтааст. Махсусан идеяи дӯстии халқҳо, ҳамраъйӣ ва ҳамфикрии онҳо дар шеъри «Машъали ҷовидон» ба хубӣ инъикос ёфтааст.

Мӯъмин Қаноат дар силсилаи «Созҳои Шероз» ва силсилаи шеърҳои «Покистон», ки маҳсули сафарҳои хориҷаи шоиранд, идеяи сулҳу амонӣ, бародарӣ, муҳаббату салокати одамони Тоҷикистонро нисбат ба Ватан басо самимӣ ситоиш намудааст. Образи қаҳрамони лирикӣ дар ин шеърҳо рав-

шану возеҳ аст ва ҳамчун шахси ватандӯст ва гуманист ифода ёфтааст. Ӯ нобаробариҳои ичтимоии ин кишварҳоро дида, дилаш ба дард меояд. Шоир дар шеъри «Чашмаи Дарвоз ё Шероз» бо камоли эҳтиром таъкид мекунад, ки мо бо ҳам ҳамзабон ва ҳамрангем, вале чудо ҳастем. Ба ҳамин хотир аз лабҳоят ҳавон ғусса меояд. Барои ҳамин мехоҳам, ки бо ҳам бошем, якдилу якчон гардем, барои ободӣ, хушбахтии халқамон бо ҳам саъю талош кунем:

Забон як, достон як, рӯю мӯ якранг,
Ба чашми чавҳарӣ ҳастем аз як санг.
Ба рӯят субҳ рӯи хеш мебинам,
Ба мӯят ранги мӯи хеш мебинам.
Ҳамехоҳам барорам моҳро аз пардаи мушкин.
Ва хуни ҳамчу лаъламро диҳам кобин.
Ва дастам меравад чун панчаи хуршед,
Ки созам субҳи чодарпӯшро испед.

Албатта, чунин андешаҳои гуманистии шоир қисмату арзиши ин силсиларо боз ҳам зиёд кардаанд. Мақсаду мароми халқи мо, кишвари соҳибистиқлоли мо, Тоҷикистони шӯҳратёри моро гӯё адиби нуктасанҷ чанд сол пеш эҳсос карда, ҳамин идеяи олиро дар ин силсила илқо намудааст.

Мӯъмин Қаноат дар асарҳои лирикии худ фидокорӣ, ҷоннисорӣ ва муборизаи беҳтарин фарзандони халқро, ки барои озодӣ, барои саодату баробарии мардуми оддӣ сина сипар намуда, ҷонбозиҳо кардаанд, ситоиш мекунад. Шеъри «Қатли Восеъ», «Хоби қаҳрамон», «Гули бодом» ва ғайра намунаҳои хубанд. Адиб дар «Қатли Восеъ» марги беҳтарин фарзанди халқро басо муассиркунанда ба қалам додааст. Восеъ мағлубнашаванда аст. Мисли чанор аз боду бӯронҳои даҳшатнок наметарсад, устувор аст. Маҳз дар шеър ҳамин салобат ва ҳашамату бузургии Восеъ хеле табиӣ тасвир ёфтааст.

Асосан эчодиёти Мӯъмин Қаноатро достонҳо ташкил дода, онҳо ба мавзӯъҳои гуногун бахшида шудаанд. Мӯъмин Қаноат бо достонҳои «Мавҷҳои Днепр»,«Достони Оташ», «Китобҳои захмин», «Тоҷикистон–исми ман», «Папар» ва «Гаҳвораи Сино» дар таҳаввулу ташаккули жанри достон дар адабиёти тоҷик саҳифаҳои навро кушодааст.

Як ҷиҳати муҳимтарини достонҳои шоир, пеш аз ҳама, дар он аст, ки агар мавзӯъҳои таърихиро интихоб кунад ҳам, онҳо бо рӯзгори мо алоқаи ногусастанӣ доранд. Масалан, дар достони «Мавҷҳои Днепр» пайванди наслҳо зимни образҳои асосии асар амиқу равшан ифода ёфтааст. Қаҳрамони лирикӣ пас аз солҳои мадид ба Украина меравад. Дар он ҷо бародараш Абдулло ҷангидааст, мактуби охиринашро аз ҳамин ҷо гирифтаанд, аммо дигар ӯ барнагаштааст. Аз ин ҷост, ки қаҳрамони лирикӣ ба ҷустуҷӯи бародар омадааст. Ҳарчанд ҷустуҷӯ мекунад аз бародар нишонае пайдо карда наметавонад. Вале дар ҳар қадам, дар ҳар як шаҳру деҳоти Украина бародарони нав пайдо мекунад. Шоир аз ин мефахрад, шоду масрур мегардад. Албатта, ин образҳо типиянд ва қаҳрамони лирикӣ онҳоро дар симои бародари беному нишонаш ҷамъбаст кардааст. Дуруст аст, ки дар солҳои

Ҷанги Бузурги Ватанӣ садҳо, ҳазорҳо фарзандони тоҷик дар набардҳои шадид ҳангоми озод намудани Украина ҷоннисорӣ кардаанд ва бисёри онҳо аз дасти фашистони лаин беному нишон гаштаанд. Тасвири ҳолатҳои рӯҳӣ ва дунёи ботинии қаҳрамони лирикӣ дар достон ва махз дар «Мавҷҳои бародарӣ» басо пурдомана ва дар ҳадди эътидол аст. Амику возеҳ нишон додани таърихият ва реалият драматизми асарро боз ҳам қавитар кардааст.

Дар набарду муборизаҳои шадид ҳамбастагии ин ду халқ боз ҳам мустаҳкамтар шуд. Охир мақсаду мароми ин ду халқ як аст. Идеяи дӯстӣ, бародарӣ, ҳамфикрӣ, ҳамраъйӣ дар ин достон баланд садо медиҳад. Агар қаҳрамони лирикӣ дар аввал ошуфтахотир, аз наёфтани бародараш парешон бошад, баъдтар дар ҳар хонадон бародарҳо пайдо карда, шоду масрур мегардад. Албатта, ин ҷанбаи оптимистонаи асар аст. Мулоҳиза кунед:

Замини Украинаро
зи қадду бар қадам задам,
Ба ҳар диёр дар задам,
ба ҳар мазор дам задам.
Зи лавҳаҳои мармарин
ба ҳирс ҷуста номи ту,
Биҷофтам, наёфтам
нишони ноаёни ту.
Бародарам,
Бародари ба ҷону дил баробарам!
Ба вақти ҷустуҷӯи ман
ба сӯи ман,
ба рӯи ман,
Кушода буд ҳар даре,
ба ҳар даре бародаре!
Агар туро наёфтам,
биёфтам дар ин макон,
Ҳазорҳо бародарон,
бародарии ҷовидон!
Бародарам,
бародари ба ҷону дил баробарам!

Мавзӯи «Достони оташ» кор ва зиндагии коргарони ГЭС-и Норак аст. Адиб дар ин сохтмони азим ташаккул ва пайдоиши одами навро мавриди тадқиқ қарор додааст. Дар достон образу характерҳои қаҳрамонҳо дар амалиёт кушода дода мешаванд. Шоир дар образи Нур Аҳмадов, Лена, Морози қадбаланд ва махсусан Мавҷигулу Ёр хислатҳои беҳтарини коргарони меҳнатқаринро инъикос намудааст. Мавҷигул тимсоли одами нав аст. Ӯ бо меҳнати ҳалоли худ дар байни коллектив соҳибиззат гаштааст. Мавҷигул соҳибихтиёр аст. Ӯ ба сохтмон мувофиқи раъйи волидайн меояд ва бо хоҳиш ва амри дил ба ёраш мерасад. Маҳз дар инкишофу рафти ҳамин масъалаҳо симои ҳақиқии образ кушода мешавад.

Мавзӯи дӯстии халқҳо дар достон мавқеи асосӣ дорад. Пӯшида нест, ки дар сохтмони Норак зиёда аз 49 намояндагони халқу миллатҳо дӯстона кор

кардаанд. Махз хамин дӯстии онхо буд, ки сохтмони ГЭС пеш аз мӯхлат ба анҷом расид. Мӯъмин Қаноат, албатта, чанд муддат кору зиндагии коргаронро омӯхт ва пас дар асоси маводи мушаххас достонро офарид. Шоир эҳсос кард, ки сабаби ҳамаи ин комёбиҳо дӯстист ва бо як ҳиссиёти баланд ин дӯстиро дар достон тараннум кардааст:

Субҳидам,
Дар сар кулоҳи оҳанин,
Медарояд Нур дар зери замин.
Ҳамраҳи ӯ чор ёри кӯҳкан
Чор тан
    аз чор ҷои як ватан:
Аз канори Волга,
        аз паҳнои рус,
Аз лаби дарёи дарёҳои рус,
Аз Енисей, аз муҳити нурхез,
Аз Днепрогес, аз номи азиз,
Аз хурӯшу ҷунбиши ороми Дон,
Аз лаби рӯди равон, ороми ҷон.
Сӯи Вахш омад баҳори аввалин
Чор марди ҳокии нурофарин,
Чор дарё ёри як дарё шуданд,
Ҳамчу Нури норакӣ таҳҷо шуданд.

Достони «Китобҳои захмин» характери тарҷумаиҳолӣ дорад. Шоир айёми мактабхонӣ, солҳои аввали ҷангро тасвир кардааст. Дар достон азобу машаққати мардуми ақибгоҳ ва меҳру муҳаббати шогирдон нисбат ба омӯзгор хеле барҷаста тасвир шудааст. Дар достон омадааст, ки устоди қаҳрамони лирикӣ ба ҷанг рафта, корнамой нишон медиҳад. Мактубҳояшро мутолиа намуда, шогирдонаш аз корнамоиҳои устод шод мегарданд ва хубтару беҳтар мехонанд. Вале дере нагузашта мактуби сиёҳ меояд. Шогирдон ва муаллима, яъне завҷаи муаллимашон, аз марги муаллим ашки ҳасрату надомат мерезанд. Мардуми деҳа ғамгин мегарданд. Даҳшати ҷанг, оқибати мудҳиши он дар асар реалӣ инъикос ёфтааст. Қаҳрамони лирикӣ дар анҷоми достон кадрдонӣ, сипосгузории шогирдон ва аҳли деҳаро нисбати устод хеле самимӣ ва бо ҳаяҷон баён намудааст:

Муаллима «Карам» гуфту фиғон бардошт,
Қаборо чок зад, сад парда аз захми ниҳон бардошт.
Сарои ишқи яздонӣ – азохона,
Ба гирди хонааш будем парвона...
Давидам аз миёни селаи занҳо
Гузаштам аз миёни оҳу шеванҳо.
Гирифтам аз кафи сарди муаллима сиёҳнома,
Сабо будӣ сиёҳкоса,
        Замин будӣ сиёҳҷома.
Ба мактаб тохтам, нашнохтам онро,
Бидидам синфҳои гирдгардонро.
Хати манҳусро бо дасту дандон пора бинмудам.

Ва бо ин маргро бечора бинмудам.
Китоби захмдорамро ба рӯи сина бинҳодам,
Бурун рафтам.
Ба ёдам ёди устодам,
Ба дил меҳри паризодам,
Ба гӯшам охирин овоз
Чу занги охирин будӣ танинандоз.

Мақсади шоир аз иншои ин достон дар чист? Ба ин савол адиб дар анҷоми достон ҷавоб гуфтааст. Барои хушбахтӣ ва саодати имрӯзаи мо басе ҷонҳо нисор шуданд, номаҳои ошиқона нохонда монданд, ба хотири шаҳидоне, ки ҳанӯз ҳам барнагаштаанд, ба ёди устоди қаҳрамони лирикӣ адиб достони худро иншо кардааст, то ки аз он насли имрӯза ва оянда ибрат гиранд, қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ омӯзанд:

Ба ёди рӯзҳои рафтаю монда,
Ба ёди номаҳои ишқи нохонда,
Ба ёди захмҳои дар ҷигар монда,
Ба ёди мурдаҳои дар сафар монда,
Ба ёди ҳар ду устодам,
Зи дунёи дарунам роз бикшодам.

Дарду алами шоир хеле зиёд буд. Ҷанги хонумонсӯз даҳшати зиёд ба сари халқ овард. Барои рафъи душмани ғаддор фарзандҳои barӯманд қаҳрамонӣ нишон дода, ғалаба карданд. Махсусан муҳорибаи Сталинград дар таърихи башарият беназир буд. Мӯъмин Қаноат ҳам доир ба ин муҳориба маводи фаровонеро мутолиа кард, санадҳои гуногунро омӯхт, ба Сталинград рафт, бо иштирокчиёни ин муҳориба вохӯрда, сӯҳбатҳо доир намуд ва пас дар солҳои 1965–1970 достони «Сурӯши Сталинград»-ро иншо намуд.

## «СУРӮШИ СТАЛИНГРАД»

**Мундариҷаи ғоявии достони «Сурӯши Сталинград»**

Мӯъмин Қаноат маҳз бо ҳамин достонаш дар адабиёти ҷаҳонӣ маъруфу машҳур гашт. Дар бораи муҳорибаи Сталинград то Мӯъмин асарҳои зиёди назмию насрӣ иншо шуда буданд. Аммо достони шоир бозёфти нав аст. Рӯҳ, бузургии инсони некӯсиришт асоси маънавӣ ва ғоявии асарро ташкил медиҳад. Бесабаб нест, ки худи шоир дар ин бора чунин мегӯяд: «Сталинград қалъа набуд ва садди искандарӣ надошт. Ягона садди ин сарзамин баландии рӯҳи инсон буд». Ғалаба дар муҳорибаи Сталинград мӯъҷизаи олам, мӯъҷизаи асри XX аст. Ба он миллионҳо одамони кураи Замин шоҳиданд. Дар ҳаққи чунин фоҷиаи бемисли таърих, дар ситоишу қаҳрамонии Армияи Советӣ сухани гаронбор, олӣ ва чун Заминботамкин гуфтан зарур аст:

Суханро вазну тамкини Замин бояд,
Суханро қудрати ҷонофарин бояд».

Достон аз оғоз, хашт сурӯш ё қисм ва анҷом таркиб ёфтааст. Ин кисматҳо мантиқан ба ҳам пайвастагӣ доранд, зеро ҳамаи сурӯшҳо ба як мавзӯъ, ба як маҷмӯъ омадаанд ва онҳоро саҳнаҳои қаҳрамонии қаҳрамонон чун шаддаҳои марворид ба ҳам алоқаманд менамояд. Сурӯш ин садост. Садоест, ки аз ғайб меояд. Ин садо кураи арзи моро фаро гирифта, аз наслҳо ба наслҳо, аз асрҳо ба асрҳо танин меандозад, дар бораи қудрату тавоноии инсон ба имрӯзиён ва ояндагон мужда мерасонад.

Мӯъмин Қаноат пеш аз ҳар як сурӯш вобаста ба мавзӯи он ба тариқи эпиграф саргузашти сарбози немисро меорад, ҳикоятеро нақл мекунад, ки он ҳам ба мавзӯъ ё идеяи ҳамон сурӯш алоқаманд аст. Чунончи, сурӯши аввал «Замин» ном дорад ва пеш аз он адиб чунин матнро овардааст:

*«23 август. Полки мо аз дарёи Дон гузашта ба Шарқ бемуқовимат пеш меравад… Советҳо чи саҳро ва чи пахноҳое доранд, баъд аз ҷанг ин замин вақфи мо мешавад. Имон дорем, ки фюрер ин набардро ба зудӣ сомон медиҳад. Ба гуфти ӯ армияи 6-ум метавонад осмонро тасхир кунад… Пас Замин чӣ бошад».*

Дар ҳақиқат, ҳуҷуми душман баркосо буд. Шаҳру деҳоти зиёди моро гирифтанд, ба хок яксон карданд. Аз ин рӯ, умедашон ба ғалаба калон буд. Тасвири ҳамин вазъият, ҳамин ҳолат дар сурӯши «Замин» омадааст. Замин образи типист. Ӯ модар аст, гаҳвора меҷунбонад. Вале аз дасти фарзандони нохалаф гирёну сӯзон аст, аз онҳо яъне аз зодагонаш мадад мехоҳад:

Кунун гаҳвораам,
Аз тундгардӣ чаппагардонам!
Ба зери бори ман ҷон медиҳад тифлам.
Бубардоред аз ҷоям!
Мадад,
 эй зодагони ман!
Ҳазар эй қавмҳои ҷонситони ман,
Аз он рӯзе, ки ман бе тифл меҷунбам,
Чунон тангам, чунон бандам,
Ки дар як хона мегунҷам.
Моро озод бинмоед!
Ман сайёраам,
Дар банд мемирам!

Дар ин ҷо шоир аз санъати ташхис бамаврид истифода бурдааст. Яъне ба забон омадани Замин ва бевосита конкрет намудани вазъият образи Замин – модарро равшан намудааст. Ин услуби нигориш дар бобҳои оянда низ такмил ёфтааст. Дигар образҳо ба Замин тобеанд, зеро Замин бузургтар, муқаддамтар аст. Сурӯши дуюм «Дарё» ном дорад ва Дарё низ худро фарзанди Замин мешуморад.

Дар ду боби аввал душворӣ, вазнинии ҷанг, вазъияти он ба тарзи умумӣ дода шуда буд, акнун дар боби сеюм он характери конкретӣ мегирад. Образи инсони конкрет, муборизаю қаҳрамонии ӯ ба қалам дода мешавад. Сурӯши сеюм «Маллоҳи Баҳри Сиёҳ» ном дорад. Дар ин қисмат

қаҳрамонии баҳрнавардон, ки онҳоро немисҳо «девҳои баҳрӣ», «девҳои сиёҳ» меномиданд, ҳикоят мекунад. Шоир тасвир кардааст, ки Миша ба муқобили танкҳои немисҳо ҷангида чандтояшро нобуд месозад. Дар ин ҳангом аз тири танк шишаи моеи тарканда сӯрох мешавад ва дар дасти Миша оташ мегирад. Маллоҳи ҷасури оташгирифта ба сӯи танки душман метозад ва худро ба танк мезанад. Танки душман ва Миша сӯхта хокистар мешаванд. Аҷаб қаҳрамонӣ, аҷаб ҷоннисорӣ. Ҳамин лаҳзаҳоро адиб бо хаяҷон тасвир намуда, чунин мегӯяд:

Ягона шишаи таркандаро бардошт,
Ба ҷанги тан ба тан
Бо танки фӯлодӣ қалам бигзошт.
Вале таркид шиша дар сари дасташ,
Зи китфаш шӯълас бархост монанди
кафу басташ.

Саропо оташи зинда
Ба зери танк метозад,
Ба ин дастур Данкоро замоне зинда месозад.
Аз ин оташ тамоми шӯълаҳо хомӯш мегардад,
Аз ин мардӣ адӯ беҳуш мегардад.

Оре, аз ин мардӣ ва қаҳрамонии ҷанговар ҳатто душман ба ҳайрат омада, беҳуш мегардад. Ин образ типӣ аст. Дар симои Миша – маллоҳи баҳри сиёҳ ҷоннисорӣ, фидокории садҳо қаҳрамонҳои набарди Сталинград ҷамъбаст гардидаанд. Ғайр аз ин, маллоҳи Баҳри Сиёҳ– Миша шахси хаёлӣ нест. Прототипи ин қаҳрамон маллоҳ Михаил Паникаху, ки дар полки тирандозии 883 хизмат мекард, мебошад.

Сурӯши чорум саҳнаи мардонагии алоқаҷӣ «Матвей Путилов» мебошад. Вай аз байни зиндаҳою мурдаҳо роҳ ҷуста хатҳои алоқаро пайваст менамуд ва ногоҳ тири ҷонкоҳе пайкарашро сӯзонда, ӯро аз по меафтонад. Пеш аз марг, дар лаҳзаҳои вопасини умр Матвей бо дарду алам чунин мегӯяд:

«Видоъ, ёрон!
Ба ҷон ман
Дил бандед!
Гул бӯед,
Шумо хандед,
Бибӯсед!
Дил ҷӯед,
Ки ман лабташнаам –
Ташна!
Об нӯшед аз лаби чашма».

Оре, Матвей ташна аст, ташнаи об, ташнаи зиндагӣ, ташнаи ҳаёт. Ӯ зистан меҳост. Аммо ӯ барои дигарон ҷон нисор кард, то ки моён зиндагӣ кунем, хандем, дил бандем. Ин садои қалби ӯст. Ин садо ба мо, ба ояндагон аст.

Сурӯши панҷум дар бораи Робиа –зани Аҳмад Турдиев аст. Робиа дар ақибгоҳ ташнаи дидор, интизори ёр. Ин боб бо боби шашум, ки «Аҳмад Турдиев» ном дорад, пайваст мебошад. Боби шашум кулминатсияи достон-

ро ташкил медиҳад. Шоир дар сарогози ин боб аз номи Аҳмад чунин мег ӯяд: «Ба рағми марг дар хонаи мо – *«Хонаи Павлов» тифле таваллуд шуд Ҳама ӯро Зина, ман Зиндагӣ номидам».* Дар ҳақиқат ин хона набардгоҳ бузург аст. Оташ аланга мезад. Павлов, Аҳмад, умуман 20 нафар ёрон барои ҳар як ваҷаб, ҳар як хишти хона фидокорӣ мекарданд. Дар ҳамин хона тифли навзод ба дунё меояд, ӯро бо оҳанги тиру наъраи тӯп алла мегуфтанд, ӯро то як сари мӯяш кам нагардад, дидбонӣ мекарданд:

Дар ин ҷо бист ёронем, ба як паймону имонем,
Замини гаҳвораи тифл асту мо гаҳвораҷунбонем.
Гаҳе бо шеър, гаҳ бо тир ӯро алла мехонем,
Наафтад то ки як мӯяш, сари як мӯй ларзонем.

Дар ин ҷо ба дунё омадани тифл – зиндагӣ аст, давоми умри инсон. Мӯъмин Қаноат ба ин восита ғолибияти ҳаётро аз болои марг нишон дода, таъкид менамояд, ки дар талоши маргу зиндагӣ, дар набардҳои сахттарин дар ин хона инсони нав пайдо шуд ва ин хонаро ба хотири тифл – ҷаҳони додҳоху додвар бояд чун гавҳараки чашм нигоҳ дошт, посбонӣ кард:

Ҷаҳони додхоху додвар бо мост ҳамхона,
Агар ин хона афтад, мешавад сад хона вайрона,
Туро, эй тифли фарзона!
Ба мисли ҷони ин хона,
Намоям ҳифз бо достону бо дастури мардона.

Дар боби ҳафтум – «Момои Асал» адиб аз тифли Аҳмаду Робиа ҳикоят мекунад. Тифл ба дунё омада вафот мекунад. Тазодҳои аҷоиб Зина дар байни оташу дуд тавлид ёфт, зинда монд. Ӯро Аҳмад посбонӣ кард, вале дар деҳаи дурдасти кӯҳистон тифли Аҳмад ҷон дод. Адиб ба ин восита душвориҳои ақибгоҳ ва нишонаҳои ҷанги хонумонсӯз, зиндагии пурмашаққати мардумро инъикос намудааст. Ин боб садои инсон ба ҷангҷӯён –оташдиҳандагони ҷанг аст. Сарбози фашист дар мактуби худ ба зану фарзандаш бо як дарду ҳайрат ба ҷанг лаънат мехонад:

*«28 декабр. Аспҳоро хӯрдем. Танҳо саманди баргузидаи генерал мондааст, ки ба вай на даст мерасад на дандон… Аскарони мо ба ҳукми мурдаанд ва ҷун васвосиён пайваста меҷӯянд, ки чизеро фурӯ баранд. Аз снарядҳо намегурезанд, маҷоли роҳ рафтан, хам шудан ва паноҳ бурдан надоранд. Лаънат ба ҷанг!».*

Чунон ки дар боби аввал дидем, сарбози немис бо як кибру ғурур, вале бо ифтихормандӣ дар бораи армияи шикастнопазири немис сухан мегуфт ва дилаш аз шодӣ лабрез буд. Акнун дунё дар назараш торик аст. Дигар зану фарзандашро дида наметавонад. Ба марг розист, ба ҷангҷӯён лаънат мехонад. Симои сарбози немис дар рафти ҳодисаю воқеаҳои достон икшоф меёбад. Дар охир назараш нисбат ба ҷанг дигар мешавад. Аммо дар асар ислоҳ намегардад, танҳо пушаймон аст. Дар ҳақиқат, ин садоест ба оламиён, ба ҷангҷӯён. Шоир ба ин восита дар пеши чашми инсоният оқибати мудҳиши

ҷанги хонумонсӯзро нишон дода, одамонро ба сулҳу амонӣ ҳидоят мекунад.

Сарбози немис дар оғози суруши ҳаштум, ки «Василий Иванович Чуйков» ном дорад, дар бораи ҳаёту мамоти ояндаи худ ва сарбозони немис ба фикри қатъӣ омада, чунин мегӯяд:

*«Ҷангро бо ин шиддат касе ёд надорад. Ана Волгаю мана ғалаба... Яқин аст, ки дидори якдигарро дар қиёмат мебинем».*

Суханони сарбози немис ҳақиқати баҳснопазир аст. Мағлубияти фашизм ва ғолибияти Армияи Советӣ – тантанаи Ҳаёт ба Марг аст. Адиб ин идеяро дар достон басо амиқ нишон додааст.

Солҳо сипарӣ мешаванд, аммо корнамоии қаҳрамонони муҳорибаи Сталинград ҷовидонаанд. Имрӯз, сарлашкар Василий Чуйков ба зиёрати шаҳидон омадааст. Ӯ дар ин хоку Замини муқаддас оҳиста по мегузорад, то ки шаҳидон озор набинанд:

Замини безабон
Хоки шаҳидон!
                    Дор маъзурам!
Ба он ҷое, ки ёрон сар ниҳода,
                              пой мемонам.
Бубахшед, эй азизон,
                    Гар қадам беҷой мемонам...

Анҷоми достон бо «Сурӯши модарон дар хоки фарзандон» поён ёфта, адиб онро мантиқан бо сурӯши аввал пайваст менамояд. Модари пиру солор роҳҳои дурро тай карда, ба Сталинград омадааст, то ки хоки муқаддаси шаҳидонро зиёрат кунад. Модар ҳанӯз ҳам фарзанди ҷигарбандашро наёфтааст, ӯро ҷустуҷӯ менамояд. Ин ҷо зиёратгоҳи ҳар як зодаи инсон аст.

Қаҳрамони лирикӣ нисбат ба Модар-Замин муҳаббати бепоён дорад. Аз самими дил бузургии ӯро ситоиш мекунад ва дар пеши ин муҷассама сари таъзим фуруд меорад, замину само, шеъру достонашро ба ӯ мебахшад:

Ҳамон рӯзе, ки душман
                    зер кард аз кибр домонат,
Чӣ домоне, ки бо сад
                    ноз мепарвард тифлонат,
Писарҳоят барои ҳифзи
                    номусат камар бастанд,
Ҳазорон даст пайвастанд,
Қасам хӯрданд,
Нашкастанд...
Ситоиш мекунам кӯҳи баланди рӯҳи инсонро,
Фурӯ меоварам ман куллаи кӯҳи Бадахшонро
Ба пои ту, аё гултеппаи бори ҷаҳон бар дӯш,
Аё сайёраи сокит, аё гаҳвораи хомӯш!
Биё, Модар!
Ба поят мегузорам шеърҳои зиндадорамро,

Замини беканорамро, самои бегуборамро!
Ки онҳоро чигарбанди ту аз мурдан раҳо кардаст!
Заминро ӯ ато кардаст.
Саморо ӯ само кардаст.
Бихон аз ин баландӣ достони қаҳрамононро,
Ҳидоят кун ба сӯи қуллаи фарзандҳоят навчавононро!
Бичунбон хокро – гаҳвораю тобути инсонро,
Бикун бо умри худ пайванд умри рӯзгоронро!

**Савол ва супориш**

1. Кадом хислатҳои Мӯъмин Қаноат дар ёди шумо монд? 2. Меҳнатдӯстии адибро шумо дар чӣ мебинед? 3. Оё сафарҳои Мӯъмин Қаноат ба эчодиёташ таъсир расониданд? Бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.4. Кадом намуди лирика дар эчодиёти адиб мақоми баланд дорад? 5. Мӯъмин Қаноат чаро ба достони худ «Мавчҳои Днепр» ном гузоштааст? 6. «Достони Оташ» дар кадом мавзӯъ суруда шудааст? 7. Инкишофу ташаккули жанри достонро дар эчодиёти Мӯъмин Қаноат дида метавонед? 8. Чаро «Сурӯши Сталинград»-ро достони лиро-эпикӣ меноманд? 9. Мақсади шоир аз офаридани достон дар чист?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1.Турсунзода Мирзо, ч. III. Осори адабӣ – танқидӣ, «Ирфон», Душанбе, 1979.
2.Ҳакимов А., Шеър ва замон, «Ирфон», Душанбе, 1978.
3.Масъалаҳои адабиёти муосири точик, «Ирфон», Душанбе, 1970.

# АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

## ҲАЁТИ АДАБӢ ДАР СОЛҲОИ 60–90-УМИ АСРИ XX

Мусаллам аст, ки адабиёти навини тоҷик бо шеъри устод Айнӣ «Марши ҳуррият» оғоз ёфтааст. Махсусан баъди Инқилоби Октябр ба адабиёти тоҷик шаклу намудҳои нави адабӣ дар натиҷаи таъсири адабиёти рус ва Ғарб ворид гашт. Дар солҳои 20 – 30-юм устод Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ бо осори рангини худ ба нависандагони ҷавон таъсири калон расониданд. Эҷодиёти ин ду адиб як мактаби бузурги омӯзиш буд. Аз ин мактаб насли аввали адибон: Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзода, Пайрав Сулаймонӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҷалил, Алӣ Хуш ва дигарон ба камол расиданд.

Вале бояд ҳамин нуктаро таъкид намуд, ки адабиёти навини тоҷикро на мисли дигар адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ дар ҷои холӣ бунёд карданд, балки ду сарчашмаи бисёр муҳим имкон дод, ки адабиёти тоҷик тез густариш ёбад. Нахуст халқи тоҷик адабиёти ғании шифоҳӣ дошт ва сониян, адабиёти зиёда аз ҳазорсола. Ин сарчашмаҳо гӯё пойдевори басо мустаҳкаме буданд, ки адибони тоҷик болои он кохи азими адабиёти нави тоҷикро гузоштанд. Бамаврид аст, зикр кунем, ки сохти нави ҷомеа барои ҳаматарафа ривоҷ ёфтани адабиёт то андозае пойфишорӣ менамуд, мамониат мекард. Бояд нависанда аз нишондоди ҳизб берун набарояд ва дар асарҳояш мафкураи (идеология) Партияи Коммунистиро илқо намояд. Оре, ҳамин тавр буд. Ин воқеияти онрӯза аст.

Ба ҳар ҳол нависандагон ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, асарҳои ҷовидона офариданд. Зеро устод Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода дар осорашон идеалҳои олии умумибашариро илқо кардаанд, аз адабиёти ҳазорсола илҳом гирифтаанд, ки мо дар боло дар бобҳои устод Айнӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ батафсил ибрози назар кардем, осори онҳоро таҳлил намудем.

Ҳамин тавр, повесту романҳои устод Айнӣ, қасида, ғазал, қитъа, рубоиёт ва достонҳои А. Лоҳутӣ ва М. Турсунзода, ҳикоя, повест ва романҳои Ҷ. Икромӣ. С. Улуғзода барои адибони насли дуюм басо арзишманд буданд. Онҳо барои ба вуҷуд омадани асарҳои пурарзиш заминаи мусоид фароҳам оварданд.

## ВАЗЪИ НАСРИ БАДЕӢ ДАР ИН ДАВРА

Адабиёти муосири тоҷик дар тӯли солҳои 60 – 90-ум хеле пеш рафт. Ин пешравӣ ҳам дар шакл ва ҳам дар мавзӯъ ба хубӣ инъикос ёфтааст. Дар адабиёти ин давра наср, назм ва драматургия хеле инкишоф ёфт.

Дар солҳои 60 – 90-ум насри бадеӣ густариш ёфт ва қувват гирифт. Дар мавзӯъҳои мухталиф ҳикоя, повест ва романҳо ба табъ расиданд. Махсусан, мавзӯи қаҳрамонӣ, фидокорӣ ва далерии фарзандони содиқи Ватан бар

зидди фашизм дар эчодиёти нависандаи бомаҳорат Фотеҳ Ниёзӣ, ки худ силоҳ дар даст чанд сол ба муқобили душман мубориза бурд, батафсил инъикос ёфтааст. Қисми дуюми романи «Вафо» ва романи «Ҳар беша гумон мабар, ки холист» давоми мантиқии якдигар буда, ходисаю вокеаҳои ҷанг ба тарзи динамикӣ ба калам дода шудаанд. Дар ин асарҳои сегона образу характерҳои барҷастаи нотакрор зиёд буда, нависанда қаҳрамонӣ, диловарӣ ва фидокории ҷанговарони тоҷикро мавриди таҳлил ва тасвир қарор додааст.

Романи «Вафо» аз ду кисм иборат буда, аз ҳодисаю вокеаҳои соли 1941 оғоз меёбад. Нависанда матонату фидокории ҷанговаронро дар муҳорибаҳои шадиди Сталинград ва назди Москва тасвир намудааст. Дар қисми дуюми роман ҳарбу зарби сарбозони диловар дар даштҳои Дон баён гардидааст. Қаҳрамони асосии роман Сафар Одинаев пас аз ғалаба ба зодгоҳаш баргашта, ба кори басо заруру муҳим, вале душвору сангини хоҷагии кишлок машғул мегардад. Дар романи «Вафо» масъалаҳо бисёранд, вале асосан, ду мавзӯъ батафсил баён ёфтаанд. Яке мавзӯи ҷанг, муҳофизати Ватан, қаҳрамонию фидокории Армияи Советӣ, дигар дар симои қаҳрамонҳои асосии асар ифода намудани дӯстии халқҳои Ватанамон. Ба ин восита таблиғ намудани ягонагӣ, муттаҳидии халқҳост, ки он дар асар ба таври эътимодбахш инъикос ёфтааст. Дӯстӣ, ягонагӣ ва муттаҳидии миллатҳои гуногуни Ватанамон сабаби асосии ғалабаи Армияи Советӣ бар фашизм гардиданд. Ин дӯстӣ дар симои Сафар Одинаев, Далабой Ёрматов, лейтенант Осмухин, робитачӣ Ермаков ва дигарон хеле барҷаста нишон дода шудааст. Дар роман образи халқ ва ҷанговарони шуҷои он ҳамчун қувваи мағлубнопазир тасвир ёфтааст. Сафар Одинаев образи типӣ буда, дар симои вай нависанда хислатҳои ватандӯстӣ, мардонагӣ, пуртоқатии ҷанговарони тоҷикро ҷамъбаст намудааст.

Фотеҳ Ниёзӣ дар романи «Ҳар беша гумон мабар, ки холист» боз ба ҳамин мавзӯъ баргашта, задухӯрд, ҷангҳои пуршиддати партизаниро дар ақибгоҳи душман ба калам додааст. Бояд гуфт, ки бори аввал дар адабиёти тоҷик қаҳрамони асосии роман Давлат Сафоев ҳамчун партизани тоҷик дар ақибгоҳ дар майдони ҳарбу зарб тадриҷан обутоб ёфтааст. Ӯ дар хизмат буд, сарҳади ғарбии Ватанро посбонӣ мекард. Вақте ки ҷанг оғоз ёфт, ӯ дар ҷангалистони Белорусия ҳамроҳ бо партизанҳои ин кишвар душманро торумор кард. Ҳодисаю вокеаҳои дар асар тасвиршуда барои ҳар як фард мактаби хуби тарбиявист. Ҳаёти Давлат, матиниродагӣ, ватандӯстии ӯ намунаи ибрат аст. Махсусан оилаи Мочаловҳо, дӯстию қадрдонии онҳо нисбати Давлат нишонаи беҳтарини қадрдонӣ, ҳурмату эҳтироми миллатҳои мамлакати бузургамон мебошад. Аз ин рӯ, ҷанбаи дӯстии интернатсионалии асар зимни тасвири вокеии қаҳрамонҳои асосии роман мустаҳкам ва амиқ баён гардидааст.

Дар адабиёти солҳои 60 – 90-ум мавзӯи таърихӣ хеле ривоҷ меёбад. Ин яке аз талаботҳои муҳими рӯз буд. Нависандагон дар асарҳои худ ҳаёти гузаштаи мардум, мубориза ва орзую омоли онҳоро барои рӯзгори хушбах-

тона бо камоли маҳорат ба қалам додаанд. Намунаи ин асари сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-и Ҷалол Икромӣ, «Восеъ»-и Сотим Улуғзода, «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил ва ғайра шуда метавонанд. Асарҳои номбурда, албатта, дар як поя нестанд. Дар ин ҷо танҳо ҳамин нуқтаро гӯшзад бояд кард, ки муаллифи романи «Шӯроб» дар асари худ пайдоиш, ташаккули синфи коргари тоҷикро асоси асари худ қарор дод ва онро бомуваффақият ҳал намуд. Воқеоти асар ҳанӯз пеш аз Инқилоби Октябр, соли 1903 оғоз ёфтаанд. Р. Ҷалил бевосита дар рафти ҳодисаҳо, дар амалиёт такомул ёфтани образҳои асосии асар – Ҳоли Ворухӣ, Аверченко, Пётр, Акбар, Давлат, Эсанпайро, ки намояндагони миллатҳои гуногунанд, ба таври боварибахш нишон додааст.

Мавзӯи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» зисту зиндагӣ, ҳаёти пурмашаққати халқи тоҷикро дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар бар мегирад. Албатта, ин мавзӯъ нав нест. Он дар асарҳои сегонаи устод Айнӣ «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» низ инъикос ёфта буд.

Романи «Восеъ» яке аз асарҳои беҳтарини солҳои 70-ум аст. С. Улуғзода дар асоси ҳодисаҳои таърихии соли 1885, ки дар ноҳияи Балҷувон ба вуқӯъ омада буданд, романи «Восеъ»-ро иншо намудааст. Дар маркази роман образи Восеъ – сардори шӯришчиён меистад. Халқ дар роман мавқеи бузург дошта, муборизаи он барои бахту саодат, барои ҳушбахтӣ, барои як пора нон тасвир ёфтааст. Образҳои қаҳрамонҳои халқ – Нозим, Ризо, Назир-паҳлавон, Одина ва худи Восеъ типӣ буда, дар симои онҳо мардони мубориз ва ҷасури халқи тоҷик ҷамъбаст гардидаанд.

Ғайр аз ин, дар солҳои охири ҳаёташ Сотим Улуғзода дар бораи ҳаёти пурфоҷиаи адиб ва мутафаккири бузург Абулқосим Фирдавсӣ романи таърихӣ иншо намуд.

Романи «Фирдавсӣ» натиҷаи меҳнати бисёрсолаи С. Улуғзода аст. Муаллиф дар баробари нишон додани ҳодисаю воқеаҳои ҳаёти Фирдавсӣ алоқамандона рӯзгори номусоид ва пуризтироби садҳо, миллионҳо адибон, олимон ва аҳли қаламро нишон медиҳад.

Пас, дар солҳои 70-ум дар адабиёти тоҷик романҳои психологӣ– фалсафӣ, саргузаштӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо проблемаҳои муҳими рӯз мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Романҳои Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳгорам» ва «Зоғҳои балмур», Ф. Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» ва ғайра аз рӯзгори мардуми оддӣ, камбудию муваффақият, орзую омоли онҳо ҳикоят мекунанд. Нависанда Ф. Муҳаммадиев дар «Палатаи кунҷакӣ» бо услуби хоси худ одамони мунофиқ, пулпараст, коргурез, ҳарис, хушомадгӯ ва ғайраро бо тарзи нозук ҳаҷву мазаммат мекунад. Адиб зимни образҳои асосӣ андешаҳои шахсии хешро дар бораи беҳбудии рӯзгор,ислоҳи камбудию нуқсонҳои ҷамъият басо боварибахш тасвир намудааст. Дар роман образи одамони покдоман, росткаавлу поквиҷдон, софдилу меҳрубон батафсил нишон дода шудааст.

Дар роман ҳаёти имрӯзаи мардуми шаҳр, бурду бохти онҳо дар зиндагӣ

басо равшан инъикос ёфтааст. Дар образи Иброхимчон нависанда ҳаёти ҷавонони имрӯзаро нишон додааст. Иброҳимҷон коргар аст ва дар роман ҷавони меҳнатдӯст, поквиҷдон тасвир ёфтааст. Ӯ ба нафъи ҷамъият ва халқ хизмат карданро қарзи виҷдон, вазифаи муқаддас мешуморад. Барои ошкор намудани камбудию нуқсонҳо, аз қабили порахӯрӣ, каллобӣ, фиребгарӣ мубориза мебарад. Нависанда дар образи Иброхимчон хислатҳои беҳтарини ҷавонони имрӯзаи тоҷикро ҷамъбаст намудааст. Иброҳимҷон аз пирони дунёдида Носир Аббос ва Иванамак панд мегирад, зиндагиро меомӯзад.

Образи Хиромон низ дар роман фаъол ва мубориз аст. Ӯ зани ба тақдираш тан медодагӣ нест. На танҳо дар муҳаббати пок устувор аст, балки дар ҷараёни воқеаҳою ҳодисаҳои ҳаёт фаъол ва мубориз мебошад. Ба шахсе, ки сабабгори гум шудани шавҳараш мегардад, аз милтиқ тир мекушояд. Барои гапу хабарҳои шуми занҳои пурғӯй – баҳри ҳифзи номусаш крани борбардорро чаппа карда, чанд моҳ бистарӣ мешавад. Нависанда дар симои Хиромон беҳтарин хусусиятҳои духтарони тоҷик, аз қабили иродаи қавӣ, дили соф, қалби пурэҳсос, меҳнатдӯстӣ ва ғайраро ҷамъбаст намудааст.

Умуман, қаҳрамонони роман пирони барнодил, поквиҷдону ҳалолкор, ҷавонони пешқадами ҷамъияти имрӯзаанд. Тамоми фикру зикри онҳо ба омӯхтан, сохтан ва кори неке аз худ боқӣ гузоштан банд аст.

Масалан, яке аз чунин образҳо духтури ҳозиқ Зардодхон мебошад. Ф. Муҳаммадиев ҳамчун нависандаи ҳақиқатнигор дар «Палатаи кунҷакӣ» на танҳо камбудию нуқсонҳоро ошкор намуд, балки роҳиислоҳи онҳоро низ нишон дод, ки бешубҳа дар ҳамон солҳо ин бозсозии нависанда буд.

Дар романи «Саргузашти Сафармахсум» камбудию нуқсонҳои ҷамъияти феодалӣ мазаммат карда мешаванд. Нависандагон Ҳ. Назаров ва Ҷ. Икромӣ аз нигоҳи ҳақиқат ва адолат фиску фасод, разолату қабоҳат ва нобаробариҳои иҷтимоии аморати Бухорои Шаркиро ба зери тозиёнаи танқид гирифтанд. Қаҳрамони асосӣ Сафармахсум намояндаи халқ аст. Ӯ дар рафти амалиёти ҳодисаю воқеаҳои роман рушду камол ёфта, ба дараҷаи образи типӣ мерасад. Конфликт ва задухӯрдҳои асар симои Сафармахсумро хеле барҷаста нишон додаанд. Ӯ ҳимоятгар, рӯҳбардору мададгори бечорагон, дармондагон аст. Ба муқобили зулму истисмор мубориза мебарад ва бисёр вақт дар натиҷаи зиракӣ, хирадмандӣ аз болои намояндагони табақаи болои ҷамъият дастболо мешавад. «Саргузашти Сафармахсум» дар адабиёти муосири тоҷик аввалин романи ҳаҷвӣ ба шумор меравад.

Минбаъд нависанда Ҷалол Икромӣ боз ба сари ҳамин мавзӯъ баргашта романи «Сафармахсум дар Бухоро»-ро иншо мекунад. Акнун қаҳрамони асосӣ азми Бухоро мекунад ва бо ҳаёти одамони гуногунмартаба аз наздик шинос мегардад. Муаллиф задухӯрд ва муборизаи беамони қаҳрамони халқро хеле табиӣ нишон дода, дар баробари ин симои манфури қозию қозикалон, шаҳнаю миршаб ва боз бисёр ашхоси табақаи болоии ҷамъиятро реалистона тасвир намудааст. Аз тасвири нависанда равшан мегардад, ки Сафармахсум дар тӯли муборизаҳои зиёд ба муқобили беадолатӣ, зулму зо-

лимӣ рушду камол ёфта, ба дарачаи образҳои барҷаста расидааст.

Ғайр аз ин, дар адабиёти тоҷик дар он солҳо як қатор романҳо ба вуҷуд омаданд, ки онҳо ба мавзӯъҳои муҳими рӯз бахшида шудаанд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои мардуми ақибгоҳ солҳои сахт ва душворе буд. Вале, мутаассифона, адибон он душвориҳоро рупӯш мекарданд ё хомӯш меистоданд. Аммо, хушбахтона, дар солҳои охир тасвири он ранги воқеӣ гирифт. Намунаи барҷастаи он романи Гулрухсор «Занҳои Сабзбаҳор» шуда метавонад. Нависанда ба ин восита нишон додааст, ки даҳшати ҷанги хонумонсӯз дар ақибгоҳ басо вазнин ва риққатовар будааст. Махсусан азобу машаққати занон, ки бори вазнини ақибгоҳ ба дӯши онҳо буд, бо камоли маҳорат ба қалам дода шудаанд.

Тасвири қаҳрамони муосир дар романҳои «Об–рӯшноӣ» ва «Ростиро завол нест»-и Муҳиддин Хоҷаев низ назаррасанд.

Романи Муҳиддин Хоҷаев «Ростиро завол нест» дар бораи як қатор масъалаҳои муҳиму мубрами ҳаёти имрӯзаи зиёиёни тоҷик баҳс мекунад. Агар ин масъалаҳо то имрӯз дар дохили баъзе асарҳо характери эпизодӣ дошта бошанд, акнун дар асари номбурда мавзӯи асосии роман қарор ёфтаанд.

**Повест**

Дар солҳои 60 – 90-ум доираи мавзӯъҳои повест васеъ гардид. Аз тарафи дигар, сабку услуби нависандагон гуногунранг, дидашон амиқтар гашт. Албатта, дар давоми 40 соли охир повестҳои зиёд дар адабиёти муосири тоҷик пайдо шудаанд, ки мо дар бораи ҳар каломи онҳо алоҳида таваққуф карда наметавонем. Танҳо дар ин обзор дар бораи баъзе асарҳои муҳим истода мегузарем.

Повестҳои Ф. Муҳаммадиев «Одамони кӯҳна», «Дар он дунё» ва «Шоҳии япон» дар адабиёти тоҷик мавқеи калон доранд. Мавзӯи асосии «Одамони кӯҳна» тасвири рӯзгори мардуми шаҳр аст. Махсусан тасвири реалии пирони рӯзгордида Зиёбобо ва Аҳрорамак дар повест диққатҷалбкунандаанд. Онҳо солҳои зиёд ба халқу давлат хизмат карда, имрӯз ба нафақа баромадаанд, давлати пирӣ меронанд. Вале бекор истода наметавонанд. Онҳо ба ҳар як иллату нуқсони одамон муросо накарда мубориза мебаранд. Аз рафти ҳодисаю воқеаҳо равшан мегардад, ки дар маркази асар мубориза байни наву кӯҳна меистад. Нависанда хонандаро маҷбур месозад, ки дар бораи масъалаҳои мухталифи зиндагӣ андеша кунад, роҳи ҳалли онҳоро ҷустуҷӯ намояд. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки нависанда бо санъати баланд, бо ҳаҷви нозук иллатҳои рӯзгори моро аз номи Зиёбобо ва Аҳрорамак ба қалам додааст. Ин ду образ типӣ буда, дар симои онҳо хислатҳои беҳтарини одамони дилсоф, поквиҷдон, меҳнатдӯст ҷамъбаст гардидаанд.

Повести «Дар он дунё» дар эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев марҳалаи нав аст. Бесабаб нест, ки устод Мирзо Турсунзода дар ин бора чунин мегӯяд: «Повести «Дар он дунё» дар эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев на танҳо як марҳалаи нав, балки дар инкишофи публитсистикаи тоҷик як ҳодисаи муҳимест».

Хонандаи тоҷик ба воситаи ин повест аз зиндагӣ, кору рафтор, фиребу

найранги баъзе намояндагони дини ислом ба хубӣ шинос мешавад. Муҳимаш он аст, ки тавассути асари мазкур хонанда аз олами дигар, яъне аз тарзу усули зиёрати Ҳаҷҷи Акбар огаҳ шуда, моҳияти асосии ин зиёратгоҳро дарк мекунад. Агар бо суханони адабиётшинос С. Табаров гӯем: «Дар он дунё»-и Ф. Муҳаммадиев бо мазмуннокӣ, идеянокӣ муфассал ва равшан ҳал намудани бисёр масъалаҳои ҳаётан муҳим, соҳаҳои гуногуни зиндагии диндорон ва кирдору амалиёти рӯҳониёни ислом аз ҳамаи асарҳои муҳаққиқон, философҳо, муаррихон, сотсиологҳои муосири тоҷик бештар ва хубтар маълумот медиҳад».

Таҳаввулу инкишофи повест махсусан дар солҳои 70-ум ва 80-ум назаррас аст. Як гурӯҳ қаламкашони боистеъдод бо асарҳои рангини худ адабиёти муосири тоҷикро ғанӣ гардондаанд. Повестҳои «Тобистон»-и П. Толис; «Ҷӯгӣ», «Санги сипар»-и Сорбон; «Духтаре, ки ҷустуҷӯяш мекунам»-и Ю. Акобиров; «Иншо дар мавзӯи озод»-и Ҷ. Одинаев; «Камони Рустам», «Сукути қуллаҳо»-и С. Турсун; «Паррончакҳо» «Косаи давр»,«Аспи бобом»-и А. Самадов; «Дарди ишқ», «Дар орзуи падар»-и К. Мирзоев ва боз даҳҳо повести дигарро ёдовар шудан мумкин аст, ки онҳо ба мавзӯъҳои мухталифи ҳаёти халқи мо, кишвари мо бахшида шудаанд. Аксарияти муаллифоне, ки зикрашон дар боло рафт, зиндагию рӯзгори моро ба тарзи дигар эҳсос мекунанд. Повести «Иншо дар мавзӯи озод»-и Ҷ. Одинаев дар бораи ҳаёту таҳсили шогирдони мактаб баҳс мекунад. Аз рафти ҳодисаҳои асар равшан мегардад, ки адиб ҳаёти мактаббачагон, психологияи онҳоро хуб медонад. Ӯ бо камоли маҳорат хусусиятҳои фардии қаҳрамонҳои повестašро тасвир намудааст. А. Самадов бошад, дар повести «Паррончакҳо» ходисаю воқеаҳои давраи студентӣ – айёми хуши зиндагиро хеле реалӣ ба қалам додааст. Хурсандибахш аст, ки баъзе нависандагон ба мавзӯъҳои гузашта баргашта, онҳоро аз нигоҳи дигар мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Дар повести Ф. Муҳаммадиев «Шоҳии Япон» ҳодисаҳои рӯзмарраи рӯзгори мо мавриди тасвир қарор гирифтааст. Қаҳрамони асосии мусбати асар ака Барака, ки дар рафти ҳодисаҳо характераш тадриҷан кушода мешавад, хати асосии сюжети асарро ташкил медиҳад. Петерс аз миллати немис буда, устои Барака ба ҳисоб меравад. Онҳо бо ҳам дӯст ва шарики ғаму дарди якдигаранд. Ин ду қаҳрамон одамони поквиҷдон, меҳнатдӯст, софдилу ғамхор буда, ба камбудиҳои рӯзгор ва одамони чапдаст, фориғбол, коргурез муросо карда наметавонанд. Баракаро ноҳақ коркунони артел тӯҳмат мекунанд. Барака аз ин азоби рӯҳӣ мекашад, ба хашму ғазаб меояд. Ӯ ба муқобили дуздӣ, порахӯрӣ ва камбудиҳои ҷамъият мубориза мебарад.

Илова бар ин, аз кори фарзандаш Равшан, ки устохонае дар хонаи рафиқаш сохта автомобилҳоро пас аз кор таъмир мекарданд ва пул мегирифтанд, муросо карда наметавонад. Бояд инсон пок ва ҳалолкор бошад. Образи зани Барака Бибиробиа низ дар асар мавқеи калон дорад. Хислатҳои меҳрубонӣ ва дилсофии ин зани мушфиқ боварибахш ба қалам дода

шудааст. Образҳои Равшан ва Гулбаҳор низ дар повест табиӣ тасвир ёфта, бештар характеру ҳислати онҳо аз рӯи нақли муаллиф баён мегарданд. Хонанда онҳоро дар амалиёт ва рафти ҳодисаҳо камтар мебинад.

Масъалаи кушодани устохонаи шахсӣ андешаи оқилонаи нависанда буд, ки ҳоло дар рӯзгори мо ривоҷ дорад. Нависанда ба воситаи образи Барака ва Равшан муносибати падару фарзандро ба хубӣ нишон додааст.

Ғайр аз ин, дар адабиёти ин давра повестҳои фантастикӣ пайдо шуда, хеле ривоҷ меёбанд. Асарҳои А. Баҳорӣ ва Адаш Истад намунаи хуби асарҳои фантастикиянд. Асарҳои «Нодар» ва «Сунбула»и А. Баҳорӣ хеле завқоваранд.

Хусусияти дигари повестҳои солҳои охир боз дар он аст, ки драматизми асар ва эҳсосоти қаҳрамонҳо амиқтар, рангинтар, ва қавитар гаштааст. Албатта, ин бесабаб нест. Ҳамаи ин дар натиҷаи омӯзиши ҳаёти имрӯза, зиндагонии одамон, аз таҷрибаи адибони республикаҳои бародар эҷодкорона истифода бурдани адибони тоҷик ба даст омадааст.

**Ҳикоя**

Пас аз солҳои панҷоҳум дар адабиёти муосири тоҷик дар қатори дигар жанрҳо ҳикоя низ хеле таҳаввул кард ва инкишоф ёфт. Рушду такомули онҳоро мо дар интихоби мавзӯъҳои муҳими ахлоқию иҷтимоӣ, тарзи баёни нависандагон, хусусан бадеияти сухан, банду баст ва ҳалли воқеаҳо мебинем. Агар ҳикояҳои солҳои сиюм ва чилум аз нигоҳи бадеият ва зимни воқеаҳо ифода намудани ягон матлаби муҳими фалсафаи зиндагӣ каме орӣ бошанд, аз солҳои шастум сар карда, мо ҳам дар эҷодиёти нависандагони калонсол ва ҳам насли ҷавон мушоҳида мекунем, ки образҳо такомул ёфтаанд, диди нависандагон ба воқеаҳои зиндагӣ амиқтар шудааст, ҳикояҳо ҷанбаи фалсафӣ гирифтаанд.

Дар эҷодиёти Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев ҳикояҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ҳаҷвиро пайдо кардан мумкин аст. Ҳикояҳои адибони номбурда паҳлуҳои гуногуни зиндагии халқи тоҷикро дар ин солҳо инъикос кардаанд. Дар солҳои охир, хусусан солҳои ҳафтод ва ҳаштодум, як зумра адибони босалиқа, ба мисли Ӯрун Кӯҳзод, Баҳром Фирӯз, Саттор Турсун, Сорбон, Абдулҳамид Самадов, Ҷонибек Акобиров, Равшан, Иноят Насриддин, Баҳманёр, Муаззама ба ҷодаи адабиёт омаданд. Бояд гуфт, ки маҳз дар эҷодиёти ин адибон ҳикоя мақоми хос дорад. Бозёфтҳои эҷодии онҳо жанри ҳикояро дар адабиёти мо боз ҳам ғанӣ ва қавитар гардонд.

Дар ин солҳо ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев «Марги Усто Оқил», «Даъво», «Сози Мунаввар», «Ҷаға» эҷод шуданд, ки аз нигоҳи банду баст, тасвиру ҷамъбасти воқеаҳо, ҳалли матлаб ҷолиби диққатанд. Нависанда чорчӯбаи тасвирҳои муқаррарӣ ва шахшударо шикаста, воқеаҳои зиндагиро амиқ тасвир мекунад. Мо ҳангоми мутолиаи ин ҳикояҳо набзи ҳаёти имрӯз, эҳсосоти амиқи қаҳрамонҳоро ҳис мекунем. Образҳо ба мо наздик ва барҷаста менамоянд. Масалан, қаҳрамони ҳикояи «Марги Усто Оқил» марди куҳансол ва дунёдида аст. Ӯ солҳои зиёд вазифаҳои гуногунро иҷро кардааст. Умри хешро дар тӯй ва маишат гузарондааст. Акнун пири барҷомонда ва дар бистари беморист. Дар рӯзҳои охири ҳаёт ба фикр фурӯ меравад ва

умри зоеъ гузарондаашро ба хотир меорад. Нависанда тавассути образи Усто Оқил таъкид мекунад, ки умри хешро бояд беҳуда нагузаронд, ҳунари хешро ба дигарон ёд додан авлотар аст, ба халқ ва ҷамъият бояд хизмат намуд. Аз инсон некӣ ва накӯкорӣ мемонад. Мусаллам аст, ки хикояҳои Ф. Муҳаммадиев ба адибони ҷавони имрӯза бетаъсир намондаанд.

Дар хикояи «Паланг»-и Равшан драмаи тақдири инсон дар ҷамъият мавриди тасвир қарор гирифтааст. Ҳикоя рамзист. «Паланг», баръакси «Усто Оқил»-и Ф. Муҳаммадиев умри хешро дар роҳи мубориза барои ҳақиқат, барои ростгорию ростқавлӣ, барои манфиати мардум ва ҷамъият сарф кардааст. Саргузашти ӯ ба мисли саргузашти Усто Оқил аз хушию хурсандӣ иборат набуд. Ӯ шабҳои сарди зимистон хоб накарда рамаи колхозро посбонӣ мекард, ба муқобили одамони ифлос, торочгарон, дуздон мубориза мебурд. Дурӯягӣ, фиребу найрангро намедонист. Вале дар солҳои карахтӣ ва бозмондагӣ мо ба қадри инсонҳои ҳалолкор нарасида будем. Онҳоро хор кардем.

Нависанда тавассути силсилаи воқеаҳо образи палангро возеҳу равшан баён намуда, камбудиҳои ҷамъиятро ба мо нишон медиҳад ва таъкид мекунад, ки бояд ба қадри инсонҳои пок ва ҳалолкор бирасем.

Ҷонибек Акобиров, Муаззама Ахмадова, Бахманёр, ки дар ибтидои солҳои ҳаштодум ба адабиёт қадам гузоштаанд, дар ҳикояи тоҷик рӯҳи тозае ворид кардаанд. Дар эҷодиёти онҳо мо тавлиди характерҳои навро мушоҳида мекунем. Қаҳрамонҳои хикояҳои онҳо одамони оддӣ ва хоксори ҷамъияти моянд. Вале нависандагон дар рафтору кирдони онҳо ҷиҳатҳои ҷолиби диққати инсониро мушоҳида мекунанд ва ҳамчун намуна ба мо нишон медиҳанд. Аз ин ҷиҳат хикояи Ҷонибек Акобиров «Кампири Холмоҳ», Муаззама Ахмадова «Нури умед» шавқоваранд. Дар маркази ҳар ду хикоя симои ҳақиқии ду зани солхӯрда, ду зани дунёдида, ки ранҷу озори рӯзгорро аз сар гузарондаанд, меистанд. Хислатҳои неки холаи Холмоҳ дар хикоя дар ҷараёни воқеаҳо кушода мешаванд. Ӯ шахсони нопокро бад мебинад, нисбат ба онҳо нафрат дорад. Муаззама Аҳмадова ҳам дар хикояи «Нури умед» образи пиразани бисёрдидаю бисёршунидаро тасвир кардааст. Дар ин хикоя покии муҳаббат маҳз тавассути образи пиразан таъкид мешавад. Шавҳари ӯ Нурмуҳаммад дар ҷавонияш аз дунё мегузарад, вале муҳаббати ӯ дар давоми умр барои пиразан нури умед буд. Бо ҳамин муҳаббат ӯ фарзандонашро калон мекунад. Соҳиби келину наберахо мешавад. Маҳз ҳамин муҳаббати пок дар зиндагӣ ӯро ботамкину накӯкор намудааст. Ҳама ӯро эхтиром мекунанд.

Ҷиҳати муҳими хикоя боз дар он аст, ки масъалаҳои оилавӣ, рӯзгордорӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Пиразан андешаҳои халқро дар ин хусус тавассути образи духтарони зинатпараст, оромшкор, ки хушбахтии

оилавиро эҳсос накарда, аз паси сару либоси муд медаванд ва бо он фахр мекунанд, изҳор мекунад.

Ҳикояи «Бакои умр»-и Иноят Насриддин драматизми қавӣ дорад ва хеле чолиб иншо шудааст. Мавзӯи он бурду бохти инсон дар зиндагист. Дар маркази асар образи кампири сарсахт Панирой меистад, ки фарзанди яккаи ӯ аз ҷанги хонумонсӯз барнагашта ва то ҳанӯз кампир роҳи ӯро мепояд, интизорӣ мекашад. Ниҳоят пас аз чиҳил сол гӯё ҳақиқатро фаҳмид, ба тақдир тан дод, азокушоён кард. Вале ҳанӯз ҳам орзу дорад «Орифҷонам куҷое рахгум задагӣ, рӯзе бачаи Кенҷаҳӯҷа барин даромада меояд... Ҷомаи домодиашро сари китфаш партоям беармон мемурам» – мегӯяд.

Дар раванди амалиёт характер, дунёи ботинӣ, фаросати инсонии ин зани кавирӯҳро хонанда хуб эҳсос мекунад. Кампир Панирой сифати мардӣ, нотарсӣ дорад. Ӯ ба ашхоси нопок, фиребгару найрангбоз ҳамеша даст ба гиребон аст. Нависанда ин хусусияти Паниройро дар муносибат ба Қосими бадлахон нишон додааст.

– «Ҳой Қосим, тентакӣ ҳам ба эбаш! – Аз ҷои нишасташ шиддат кард бибии Панирой ва дид, ки Қосими ҷоҳил худро ношунид вонамуд карда, рақсида истодааст, замин дошта аз ҷой хест, рӯи ҳавлӣ фаромад:

– Ба ман нигар, дасти шофкардаи бибии Панирой кариб ба манаҳи бузриш расид.– Ҳар кор ҳадду андоза дорад, – инро гуфта илова кард, – Ҳатто чину ачина бе доира намерақсад».

Панирой ба ҳар як инсон некӣ кардан мехоҳад, ӯ агар бефарзанд ҳам бошад, барояш ҳар як хурду ҷавони деҳа мисли фарзанди дар ҷанг беному нишон гаштааш азиз аст. Ҷомаи домодии фарзандашро пас аз чиҳил сол аз мех гирифта ба Некрӯз – писари ҳамсоя ҳадя мекунад, чашмони Хусрав– падари Некрӯзро, ки нобино гашта буданд, табобат намуда сиҳат мегардонад. Умуман пас аз мутолиаи ҳикоя симои ин зани мардсифати қавидил бо тамоми шукӯҳу бузургияш пеши чашми хонанда намудор мегардад. Ӯ зиндагиашро ройгон нагузаронида, барои инсонҳо, барои ҷамъият содиқона хизмат кардааст.

Ҳамин тариқ, жанри ҳикоя дар адабиёти имрӯзаи тоҷик чи аз ҷиҳати мавзӯю, фарогирии масъалаҳо ва чи аз ҷиҳати таҳаввулу инкишофи шакл, образҳои бадеӣ, принсипу проблемаҳои адабӣ, услуб, забон, тарзи баён хеле такмил ёфт. Мунаққидон, адабиётшиносони тоҷик ба жанри ҳикояи муосири адабиётамон баҳои арзанда додаанд. Мизи муддаваре, ки пиромуни инкишофи насри муосири тоҷик дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, бори дигар исбот кард, ки жанри ҳикоя дар қатори дигар жанрҳои адабӣ такмил ёфта, аз нигоҳи қонуниятҳои бадеӣ қавитар шуд, диди эстетикии нависандагон ба рӯйдодҳои зиндагӣ амиқтар гардид.

## НАЗМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Дар ин давра асарҳои назмӣ шаклан ғанитар, мазмунан рангинтару мушаххастар гардиданд. Дар таи ин солҳо умумигӯӣ, ки солҳои пеш ба адабиёти мо хос буд, қариб барҳам хӯрд. Шаклҳои маснавӣ, рубоӣ, ғазал, мураббаъ нисбатан серистеъмолтар буданд. Дар адабиёти муосири тоҷик жанри достон хеле такмил ёфт. Достони Мирзо Турсунзода «Ҳасани аробакаш», силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Ҷони ширин», «Чароғи абадӣ», Мирсаид Миршакар «Панҷи ноором», Абулқосим Лоҳутӣ «Парии бахт», «Сафари Фарангистон», Мӯъмин Қаноат «Мавҷҳои Днепр», «Сурӯши Сталинград», Аминҷон Шукӯҳӣ «Кӯчабоғи ошиқон», Ғаффор Мирзо «Асрор» ва ғайра дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи калон доранд. Мавзӯи асосии асарҳои номбурда меҳнати бунёдкоронаю дӯстии халқҳо, ҷангу сулҳ, ҳаёти мардуми хориҷа ва ғайраро ташкил медиҳанд. Дар достонҳои А. Лоҳутӣ ва устод Мирзо Турсунзода мавзӯъҳои боло беҳтар инъикос ёфтаанд.

Мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар эҷодиёти аксарияти шоирони соҳибтаҷриба ва ҷавон ба назар мерасад. Ин мавзӯъ дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат мавқеи калон дорад. Ӯ чи дар лирика ва чи дар достонҳои «Сурӯши Сталинград» ва «Мавҷҳои Днепр» ҳаёти давраи ҷангро равшану возеҳтар тасвир намудааст. Қаҳрамонии фарзандони содиқи Ватан, муборизаи некӣ ба бадӣ, марг ба зиндагӣ моҳияти асосии асарҳои шоирро ташкил медиҳанд. Ӯ дар достон ғолибият ва музаффарияти зиндагиро бар марг нишон додааст. Тифл зинда аст, ҳаёт давом дорад. Тифл ба дунё омадааст, ҳама, ҳатто сайёраҳо дар осмон хомӯш мемонанд. Зеро тифл оянлаи нек – давоми умр аст:

> Сафи тайёраҳо бори бало бар дӯш меояд,
> Зи таххона нидои Зиндагӣ бар гӯш меояд.
> Садои тифли навзод онҷунон пурҷӯш меояд,
> Ки аз фарёди ӯ тайёраҳо хомӯш меояд.

Асари шоири ҷанговар А. Қаҳҳорӣ «Шаби пеш аз марг» низ дар ҳамин мавзӯъ иншо шуда, адиб дар бораи фидокорию ҷоннисории ҷанговарони тоҷик бо ҳиссиёти баланд сухан меронад. Азбаски Қаҳҳорӣ азобу машаққати ҷангро дида буд, нақли шоир пуртаъсир ва ҳаяҷонбахштар баромадааст.

Махсусан, саҳнаҳои ҷанг, ҷасурӣ, фидокорӣ, нотарсии ҷанговарон табиӣ ва воқеӣ ба қалам дода шудаанд. Адиб дар симои қаҳрамони асосӣ корнамоиҳои бемисли ҷанговарони тоҷик – Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Тӯйчӣ Эрйигитовро нишон додааст.

Дар охир бояд гуфт, ки достонҳои имрӯза аз достонҳои солҳои пеш ба таври куллӣ фарқ доранд. Достонҳои пеш ҳаҷман калон буда, сюжетҳои яклухт доштанд. Аммо аксарияти достонҳои имрӯза сюжети муайян надоранд. Дар онҳо нақли эпикӣ бо лирикӣ омезиш ёфта, саҳнаҳои драмавиро

ташкил медиҳанд, ки мисоли барҷастаи он «Мавҷҳои Днепр» ва «Сурӯши Сталинград» шуда метавонанд.

Аз жанрҳои хурди лирикӣ рубоӣ, ғазал, мусаддас, мураббаъ, мухаммас, қитъа, дубайтӣ бештар дар эҷодиёти адибон интишор ёфта буд. Як гурӯҳ адибони тоҷик ба Хайём пайравӣ намуда, дубайтию рубоӣ эҷод кардаанд. Вале аксарияти онҳо дар рубоиёти худ мавзӯъҳоро такрор намуданд, чизи тозае гуфта натавонистанд. Танҳо ба Лоиқ, Гулназар, Гулрухсор, Қутбӣ муяссар гардид, ки чанд рубоии тоза гӯянд.

Масалан, Лоиқ ба маҷмӯаи рубоиёти худ «Ҷоми Хайём» ном гузоштааст. Мавзӯи рубоиёти шоир асосан панду ахлоқист. Қаҳрамони лирикӣ муносибати худро ба ҳодисаю рӯйдодҳои рӯзгори мо ифшо намудааст. Барои намуна ду рубоии зерро мегирем. Адиб дар рубоии аввал аз зиндагии саодатманди пиру барно, чашми серу лаби пурхандаи кӯдакон масрур аст. Онҳоро дар чунин ҳол дида хешро хушбахт мешуморад:

Аз бозии кӯдакон хушам меояд,
Аз хандаи беғамон хушам меояд.
Чун ҷуфти кабӯтаре бубинам дар бом
Ҳамлонаю ҳамзабон, хушам меояд.

Вале дар рубоии дигар қаҳрамони лирикӣ кору амалиёти одамони дилсиёҳ, нокас, ватанфурӯшро дида, дилаш ба фиғон меояд, бетараф истода наметавонад. Чунин ашхоси нолоиқро ба зери тозиёнаи танқид мегирад:

То чанд баланд мепарӣ, эй нокас!
Ҷурми ҳамагон мешумарӣ, эй нокас!
Худро бифурӯхтӣ, харидор намонд,
Моро, ки фурӯшӣ, чӣ харӣ, эй нокас?

Дар силсилаи шеърҳои «Муҳаббат ва оила»-и А. Шукӯҳӣ лирикаи ахлоқӣ бо масъалаҳои иҷтимоӣ омезиш ёфта, ба як мақсади муайян мувофиқ кунонида шудаанд. Қаҳрамони лирикӣ образи типист ва дар симои ӯ як шахси фаъол ва пешқадами ҷамъиятро дида метавонем. Шукӯҳӣ дар шеъри «Ба ту дил намебандам» таъкид менамояд, ки духтари зебое ба ӯ ошиқ шудааст. Шоир ишқи духтари зеборо рад мекунад, ӯро ба покдоманӣ даъват менамояд, зеро қаҳрамони лирикӣ оила дорад, соҳиби фарзанд аст ва оилаи худро ҳурмату эҳтиром мекунад:

Ба гирди пур зи неъматҳои дастархони пурнурам,
Ҳамеша бо зану фарзандҳои хеш масрурам.
Насозад то маро дар оила нону намак кӯрам,
Аз ин дам мекунам ишқи туро рад, дор маъзурам.
Агар инро ту мефаҳмӣ, намеранҷӣ, намеранҷӣ,
Агар ранҷӣ, дар олам, дар ҳақиқат кони беганҷӣ.

Дуруст аст, ки дар ҷамъияти имрӯза одамони оилабезор кам нестанд. Онҳо зану фарзанди худро партофта, аз пайи духтарони зебо мешаванд ва онҳоро бо фиребу найранг ба доми худ меандозанд. Ин мазмун дар шеъри

дигари ҳамин силсила «Ба занбӯри беасал» ба хубӣ инъикос ёфтааст:

Ту аз ёрат вафо бигрифта, додӣ бевафоиро,
Бидида хоксорӣ, ҳадя кардӣ худситоиро.
Чашида шаҳди васл, овардӣ айёми ҷудоиро,
Ҳаво дода вафо, бардоштӣ ишқи ҳавоиро.
Ту акнун боз сӯи ёри дигар ҳам қадам монӣ?
Варо ҳамчун гулу худро чу занбӯри асал хонӣ...

Шоир ба ин восита, яъне ба тарзи муқобилгузории ду оила мақсадашро ифода намуда, одамони ҷамъиятро ба покахлоқӣ, вафодорӣ ҳидоят намудааст. Ба фикри адиб мард дар оиладорӣ на ба мисли занбӯри беасал ва олими беамал, балки дар ишқу муҳаббат устувор ва дар оиладорӣ намунаи ибрат бояд бошад.

Мавзӯи Ватан, ватандӯстӣ ҳамеша дар адабиёти тоҷик мавқеи калон дошт ва имрӯз ҳам яке аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор меравад. Аз мутолиаи ашъори адибони солҳои 70 – 90-ум дида мешавад, ки қариб ҳар як адиби тоҷик дар ин мавзӯъ асаре иншо намудааст. Меҳру муҳаббати Ватан, садоқати фарзандон ба ӯ басо бузург аст. Тасвири ин мавзӯъҳо дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор, Қутбӣ Киром ва дигарон мушаххастар ва амиқтар аст. Мафҳуми Ватан маънои васеъ пайдо кардааст. Ватан – ин маданият, таърих, забону адабиёт, шаҳру деҳоти обод, заминҳои зарнисор, кӯҳҳои осмонбӯс ва халқи эҷодкору мубориз аст. Тавсифу ситоиши ин сифатҳо ватанхоҳӣ, ватандӯстист. Дар шеъри Бозор Собир «Забони модарӣ» ҳамчун қаҳрамон, паҳлавон намудор мешавад. Забон барои ҳастӣ, барои саодату истиқлоли худ чун Рустами Дастон бо аҷнабиён солҳои тӯлонӣ мубориза мебарад, гоҳ шикаст мехӯрад, гоҳ ғолиб мебарояд, вале нест намешавад. Баръакс фонди луғавиаш бойтар, хушсадотар мегардад. Чанд банд аз ин шеър:

Ҳарҷӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод,
Ҳиттаи Балху Бухоро дошт, дод.
Суннати волою девон дошт, дод.
Тахти Сомон дошт, дод.

Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,
Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт.
Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,
Душмани беҳонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.

Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Сӯҳробро.
Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ.
Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,
Қотилони хешро машҳури дунё кард ӯ...

Лек лафзи модарияш,
Ҳамчун номи модараш,
Дар забону дар даҳонаш монд, монд,
Ҳар сухан бо шири модар,
Сахт шуд дар устухонаш монд, монд.

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

Соли 1981 нашриёти «Маориф» маҷмӯаеро бо номи «Модарнома» ба табъ расонд. Дар он ашъори ҳамаи адибони тоҷик аз устод Айнӣ то Одина Азимӣ, ки дар васфу ситоиши модар навиштаанд, гирд оварда шудаанд. Бузургӣ, меҳнату заҳмати модар дар онҳо ситоиш ёфтааст. Дар ҳақиқат модар нисбат ба фарзанди ҷигарбанд ғамхор аст. Аз ин ҷост, ки ҳар як фард дар назди модар қарздор ва сипосгузор мебошад. Адибон мувофиқи ҳунар ва истеъдоди худ модарро васф кардаанд ва албатта, ҳамаи шеърҳо дар як поя нестанд. Махсусан, шеърҳое, ки адибони тоҷик солҳои 60 – 80-ум иншо кардаанд, ҷолиби диққатанд. Шеърҳои устод Турсунзода «Дасти модар», «Дили модар», «Модарам», Мӯъмин Қаноат «Сурӯши модарон», Лоиқ «Модар», «Ба модарам», Гулрухсор «Гаҳвора», «Хуршеди ховарам» ҷи аз ҷиҳати мушаххасии мавзӯъ ва ҷи аз ҷиҳати ҳалли он аз ашъори адибони дигар фарқ доранд. Гулрухсор модари дилсӯзашро ба Хуршеди Ховар, ба ганҷи ягона монанд кардааст:

Хушрӯз модарам,
Дилсӯз модарам,
Ганҷи ягонаам,
Хуршеди Ховарам.

Дар тасвири Лоиқ образи модар мушаххас аст. Драматизми онҳо қавист. Масалан, дар шеъри «Ба модарам» симои модаре пеши назар ҷилвагар мешавад, ки азобу шиқанҷи зиндагиро басе дида, фарзандҳоро калон карда, акнун имрӯз пир шудааст, чашмонаш хира гаштаанд, дастонаш меларзанд. Вале модар роҳи фарзандашро мепояд, барои ӯ ҷомаи домодӣ, дастархони гулдӯзӣ медӯзад. Зеро умеду орзуи ӯ, хушбахтию саодати ӯ фарзанд аст. Образи модари офаридаи Лоиқ типист ва хислатҳои беҳтарини модарон дар симои ин образ ҷамъбаст гардидаанд:

Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният.
Ки рӯзи тӯй дида дар қади ман бишканӣ армон,
Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният.
Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам, ман!
Наёбад чашми камбинат ба ҷустан ҷашми сӯзанро,
Биларзад дасти пуръэъҷози ту дар қабзаи пирӣ,
Валекин боз медӯзӣ ту дастархони гулдӯзӣ.
Ки рӯзи маърака дар байни мардум обрӯ гирӣ,
Чӣ дунёест дунёи умеди ту,
Аё модар, аё модар!

Қаҳрамони лирикӣ дар анҷоми шеър аз модар хоҳиш мекунад, ки агар ҷомаю дастархон дӯзӣ, барои ҳама фардоиён дӯз. Зеро бақои инсон давоми умри модар фарзанди модар аст. Модар инсонро ба сӯи абадият раҳнамун месозад:

Суруди хузнангези кадимиро махон, модар.
Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз!
Агар дасторхону чомаи нав дӯзӣ бо уммед,
На танҳо баҳри ман, баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!
Ғанимат дон насиби вопасинатро, саломат бош,
Аё модар, аё модар!

Умуман дар адабиёти ин солҳо назми тоҷик чи дар жанрҳои калон ва чи хурд хеле пеш рафт, такмил ва инкишоф ёфт ва ҷанбаи иҷтимоӣ ва ахлоқии он қавӣ гардид.

## АСАРҲОИ ДРАМАВӢ

Драматургияи тоҷик нисбат ба солҳои пеш хеле инкишоф ёфт. Дар давоми ин солҳо дар адабиёти тоҷик драманависони касбӣ пайдо шуданд. Диққати онҳоро бештар кору зиндагии муосирони мо ба худ ҷалб намуд. Махсусан асарҳои Ғанӣ Абдулло, Сотим Улуғзода, Султон Сафар, Файзулло Ансорӣ, Аъзам Сидқӣ, Меҳмон Бахтӣ, Нур Табаров ва ғайра ҷолиби диққатанд.

Сотим Улуғзода пас аз «Калтакдорони сурх» дар солҳои 60 – 70-ум боз ба мавзӯи таърихӣ муроҷиат намуда, дар бораи маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш «Алломаи Адҳам»-ро иншо кард. Ин асар заминаи реалӣ дошта, дар асоси факту далелҳои таърихӣ иншо гардидааст. Нависанда дар баробари кушодани характери образи асосӣ – Аҳмади Дониш симои як қатор зиёиёни нимаи дуюми асри XIX-и тоҷикро хеле барҷаста офаридааст. Умуман киносенарияҳои Улуғзода «Қисмати шоир»,« Абӯали ибни Сино» дар кинодраматургияи тоҷик саҳифаи нав кушод ва на танҳо дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар дунё шӯҳрати онро афзунтар гардонд.

Дар драматургияи тоҷик мавзӯъҳои мубрами замон, образҳои муосир низ ба чашм мерасанд. Махсусан ба вуҷуд омадани «Имтиҳон», «Ҳаёт ва ишқ» ва махсусан песаи «Ҳукми модар»-и Ф. Ансорӣ ҷолиби диққатанд. Дар асари охирин муаллиф ҳаёту зиндагии зиёиёни эҷодкори тоҷикро тасвир менамояд. Дар асар масъалаҳо ҷиддӣ гузошта шуда, характерҳои фардӣ бевосита дар рафти амалиёт кушода дода мешаванд. Тасвирҳои психологӣ драматизми асарро қувват доданд. Дар он масъалаи муҳим – муносибати наслҳои калону ҷавон, падарону фарзандон бамаврид гузошта шуда ва ҳалли худро ёфтаанд. Ҳалли мавзӯи мазкур тавассути образи Сарвар ва фарзанди ӯ Масрур нишон дода шудааст. Масрур образи ихтилофнокест. Ӯ ҷавони эҷодкор, актёри хуб аст. Аммо мағруру якрав мебошад, бо модар мунокиша мекунад ва саҳнаҳои драмавӣ дар ҳамин асос пайдо мешаванд. Масрур модарро намефаҳмад ва аз хона баромада меравад ва то охир ҳақиқатро дарк намекунад. Мағрурӣ, худписандӣ ӯро ба ин роҳ мебарад ва то охир танҳо мемонад. Тақдири ин персонаж мақоли хуби халқ «Олим шудан осон, вале одам шудан душвор» - ро ба хотир меорад. Нависанда тақдири Мас-

рурро ба тамошобин хавола кардааст. Аз ин рӯ, ҳукми модар аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

Песаҳои А. Сидқӣ «Иродаи зан»,«Адои қарз»; Ҷ. Икромӣ «Дилҳои сӯзон»; М. Рабиев «Офтобро ба шумо мегузорам», «Гулҳои атрофи шаҳр»; М. Миршакар «Фочиаи Усмонов»; М. Бахтӣ «Лаҳзаи ҷовид» ва ғайра песаҳои беҳтарин буда, дар онҳо ҳаёти халқ дар тӯли 50 соли муборизаи ӯ барои рӯзгори нав, ҳаёти мардуми деҳот, кору зиндагии синфи коргар ба қалам дода шудаанд. Масалан, дар «Адои қарз» А. Сидқӣ дар образи муҳандис Қодиров типи роҳбарони матинирода, кордон ва ғамхорро офарида тавонистааст. Манзура завҷаи Қодиров муаллимаи мактаб аст. Муаллиф муносибати оилавии онҳоро ҳаққонӣ ба қалам додааст, ки тамошобин аз кору зиндагии онҳо ибрат мегирад. Тазоди байни Қодиров ва Манзура Саидова ҷанбаи иҷтимоӣ дорад. Ҳар кадом пешаи худро азиз мешуморанд ва бароиислоҳи камбудиҳои он саъю кӯшиш менамоянд. Онҳо шахсони пешқадами замони имрӯзаанд.

Соли 1987 Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ драмаи Нур Табаров «Дар чорсӯ»-ро бори аввал ба саҳна гузошт. Дар асари мазкур муаллиф як қатор проблемаҳои муҳимро ба миён гузоштааст. Тасвир-ҳои монологӣ, тазодҳои воқеӣ асарро саҳнабоб кардаанд. Персонажҳои драма шахсони гуногунмансабанд. Кабир Сабуров – муаллим, Карим Раҳимов – нафақахӯр , собиқ муфаттиш, Ҷобир Қодиров– нафақахӯр, собиқ раиси селпо, Талбак Толибов – собиқ раиси колхоз. Ба нафақа баромадаанд. Акнун муфаттишу раиси собиқ риш монда намоз мехонанд, дар масҷид ба дигарон аз дину шариат ваъз мегӯянд. Дар ҳақиқат дар рӯзгори мо чунин ашхос хеле зиёданд. Аз ин рӯ, бунёди ҳодисаю воқеаҳои асар заминаи реалӣ доранд ва нависанда ҳаёти онҳоро амиқ омӯхтааст. Дар драма дар пеши чашми тамошобин рӯзгори гузаштаи онҳо равшан мегардад. Дар образи муаллим одамони поквиҷдон, меҳнатдӯст ҷамъбаст гардидааст. Сабуров дар тасвири нависанда марди поку фозил аст. Ҳанӯз захмҳои танаш дармон наёфтаанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда боз дар хизмати фарзандони халқ аст. Онҳоро тарбият мекунад, ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Вай имрӯз ҳам ба муқобили муфтхӯрон, каллобон мубориза мебарад. Муаллим дар асоси факту далелҳои раднашаванда дуздӣ, порахӯрӣ ва дигар гуноҳҳои содиркардаи муфаттиш ва раиси собиқро исбот намуда, дар ҳаққи онҳо ҳукми одилона мебарорад. Оре, онҳо ба ҷамъият, ба халқ хиёнат кардаанд. Чунин ашхоси нолоиқ ва хиёнаткор дар ҳама давრҳо зиёданд ва нависанда симои ҳақиқии онҳоро хеле табиӣ ба қалам додааст.

Хонандаи азиз! Мо мақсад доштем, ки бо ҳамин ба ин обзори умумӣ нуқта гузорем. Вале эҳсос намудем, ки Шумо аз адабиёти даҳ соли охир иттилоъ надоред ва савол доданатон аз эҳтимол дур нест: «Адабиёти тоҷик дар ин давра ба чӣ поя расид? Чӣ дод ва чӣ шуд?». Ба хотири равшан намудани ин масъала ва ба мақсади ба саволҳои боло ҷавоби мушаххас додан боз қалам ба даст гирифтем.

Асосан соли 1991 давлати абарқудрати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили он буд, пош хӯрд, занҷирҳои пӯлодин гусаста гардиданд ва понздаҳ ҷумҳурӣ озод, соҳибистиқлол шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам истиқлолият ба даст овард ва ҳамчун давлати соҳибихтиёр узви Созмони Милали Муттаҳид интихоб гардид. Ин амали хуб, ин кори шоиста боиси сарбаландию ифтихори мардуми тоҷик ва тоҷикистониён шуд. Акнун мебоист, ки ҳамаи мо аз як гиребон сар мебаровардему давлати соҳибихтиёри хешро обод мегардондем. Вале афсӯс, дар дили мо нисбати якдигар кудурат, бадбинӣ, кинаю адоват тавлид шуд ва мардуми ҷумҳурӣ дар ду тараф, дар ду майдон муқобили ҳам нишастанд. Ҷанги бародаркуш, ҷанги шаҳрвандӣ огоз ёфт. Бисёр фарзандони миллат дар ин ҷангҳои бемаънӣ кушта шуданд. Ва аз тарси ҷон бисёри онҳо ба кишварҳои бегона- Афғонистон, Эрон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Россия ва дигар мамолики дунё рахти сафар бастанд. Дар байни гурезаҳо ё рафтагон олимон, адибон ва зиёиён ҳам кам набуданд. Ҳамин тавр, тайи чанд сол ҷумҳурӣ дар ҳолати ҷанг буд. Аммо, хушбахтона, ҳар як кор аввал доштаасту анҷом. Ҷанги бародаркӯш ба охир расид, абрҳои сиёҳ пароканда шуданд, осмони соф Хуршедро истиқбол гирифт, боз тоҷикон ба худ омада, якдигарро ба канор гирифтанд. Ин ҳодисаи хурсандибахш соли 1997 бо саъю талоши Раиси Ҷумҳур Э. Ш. Раҳмонов ва сарвари мухолифин Саид Абдуллои Нурӣ ва миёнҷигарии намояндагони Россия ва Созмони Миллали Муттаҳид ба вуқӯъ пайваст. Албатта, халқи тоҷик хизмати арзандаи ин мардони бузургро фаромӯш нахоҳад кард.

Ҳамин тавр, гурезаҳо аз Афғонистон ва дигар кишварҳо баргаштанд. Душманҳои дохилию берунии халқи тоҷик аз сулҳу салоҳи онҳо хун гиристанд, дилкаф шуданд, аз ноумедӣ ҷомаи мотам пӯшиданд. Банда дар Ватан будаму ҳамаи ин кашмакашиҳоро медидам, эҳсос мекардаму ашк мерехтам, орзӯи сулҳу салоҳ доштам. Оре, ба мурод расидам аз бозгашти тоҷикам сарам ба осмон расиду чанд байте гуфтам:

Ай ватандор, бар Ватан хуш омадӣ,
Интизорат марду зан, хуш омадӣ.
«Оби Ҷайҳун бо ҳама пахноварӣ[1]»,
Обро эй дӯст панҷа зан, хуш омадӣ.

---

[1]Мисраъ аз шеъри машҳури устод Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» тазмин шудааст ва ғазали мазкур дар ҳамин вазну сабк иншо гардидааст

Рашту Хатлон, ҳам Бадахшон нигарон,
Бол кушо, о! Дар чаман хуш омадӣ.
Навбаҳор омад, ғубор аз дил бирафт,
Бар ту зор аст ин Миҳан, хуш омадӣ.
Субҳи содиқ хайма зад бо сад алам,
Бе алам сад хайма зан, хуш омадӣ.
Файзи Раҳмон, бахти хандон хуш туро,
Хуш қадам мон, ҷони ман, хуш омадӣ.

Дар ин айём ҳар як фарди ҷомеа дард дошту аз Оллоҳ марҳам ба дардаш мехост. Адибон ва арбобони илму фарҳанг аз зумраи онҳо буданд. Ҳар кас ҳар навъе, ки метавонист дарди дилашро ифшо мекард. Аз ҳама аҷибаш он буд, ки дар ҳамин замони ноором китоб, маҷмӯа нисбати замони Шӯравӣ бештар чоп шуд. Касе, ки пул дошт, ё сарпараст ёфт, китобашро чоп кард. Хуб буд ё бад, сара буд ё носара барои муаллиф ва сарпараст аҳамият надошт. Баъзе ашхосе, ки аз пешаи шоирию олимӣ фарсаххо дур буданд, ба майдони адабиёт ворид гаштанд. Махсусан, иншои асарҳои ёддоштӣ ривоҷ ёфт. Ёддоштнависон, ки иштирокчии бавосита ё бевоситаи ҷанги бародаркуш буданд, ба айбдоркунию санги маломат задан ба мардуми як маҳал, як минтақаи ҷумҳурӣ оғоз карданд. Зарари ин гуна асарҳо аз фоидаашон бештар буд. Онҳо ба ҷои миллат ва халқро ба ифоқа, ба якдигарфаҳмӣ, ба ваҳдат ва ба сулҳу салоҳ овардан боз дар байни мардуми минтақаҳои ҷумҳурӣ пароканадагӣ, нобоварӣ ва кинаю адоватро зиёд гардонанд. Бегумон чунин ёддоштҳо дар оянда барои таърихнигорон хизмат хоҳанд кард ва ба кори чунин қаламкашон баҳои ҳақиқӣ хоҳанд дод.

Бояд эътироф кард, ки дар ин рӯзгор адибони шинохта ва ҷавонони лоиқу арзандае бо шеъру тарона, бо асарҳои насрии хеш адабиёти тоҷикро боз ғанитар гардонданд. Дар шеърҳои Фарзона, Низом Қосим, Абдулло Қодирӣ, Камол Насрулло, Зиё Абдулло, Зулфия, Усмон Шарифзода, Ҳоҷӣ Мурод, Шаҳрия мавзӯъҳои ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, тасвири ёру баҳор бештар садо доданд. Бештари шоирони боло ба мавзӯи ҷанги шаҳрвандӣ шеър бахшидаанд. Ба ин восита онҳо дарди рӯз, дарди хешро ба қалам додаанд. Камол Насрулло дар шеъри «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» садои эътирози худро ба он мансабпарастон, ба он ашхоси ҷомеа, ки миллатро ба Шимолу Ҷануб, ба Шарқу Ғарб тақсим карда, дар байнашон шӯру шар, ҷангу ҷидол мехезонанд, баён кардааст.

Вале боз ҳам хубу беҳтар дарди рӯз, орзую армони миллатро адибони шинохтаи тоҷик Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ ба қалам додаанд. Мӯъмин Қаноат дар мавзӯи ҷанги бародаркӯш достони «Ҳамосаи дод»-ро иншо кард. Адиб ба тарзи тамсил ва хеле моҳирона ҳодисаю воқеоти дардомези он рӯзҳоро ба қалам дода, парда аз рӯи душманони бадхоҳи халқи тоҷик бар мегирад. Дар анҷом, шоир таъкид менамояд, ки ба суханони душманон набояд мо фирефта шавем, балки даст ба домони якдигар зада, барои ваҳдат, яготагии Тоҷикистон мубориза барем. Ин мавзӯъ дар маҷмӯаи Лоиқ «Фарёди бефарёдрас» хеле мӯҷаз ва нишонрас ифода ёфтааст. Лоиқ дар шеъри «Ману

Ту» аз номи ду бародар матлабро баён намуда, таъкид менамояд, ки мо акли солимро ба кор набурдем, ба гуфтори дигарон гӯш намудему душмани якдигар шудем, аз ин халқамон азобу ранҷ дид:

Ту аз ин сӯ, ман аз он сӯй туфанг овардем,
Бахри саркӯбии ҳам охану санг овардем,
Халки ғафлатзадаро сахт ба танг овардем,
Аз сари роҳ варо бар сари ҷанг овардем,
Чун ба ҳукми дигаронем, амон аз Ману Ту!
Душману дӯст надонем, амон аз Ману Ту!

Лоиқ дар банди охири шеъри мазкур аз сангарнишинону силоҳбадастон хоҳишу илтиҷо менамояд:

Пас, биё, даст ба ҳам додаву паймон созем,
Дар баду нек ба ҳам будаву даврон созем.
Дар ҳарими диламон маъбади имом созем,
На Шимолӣ, на Ҷанубӣ як инсон созем!
То дигар бор нагӯем: «Амон аз Ману Ту!»,
То ба такрор нагӯем: «Амон аз Ману Ту!».

Дар маҷмӯаи нави Ҳоҷӣ Мурод, ки соли 1996 бо номи «Хокистари сиришк» ба табъ расид, мавзӯи рӯз бисёр дардомез матраҳ гардидааст. Ҳоҷӣ Мурод дар қисмати дуюми маҷмӯа рубоиёт ва дубайтиҳои хешро чун шаддаҳои марҷон, чун дарду хасрати «гурезагон» ҷой додааст. Дар рубоиёту дубайтиҳои шоир савту оҳанги рубоиёти халқӣ басо муассир ва хушоянд омезиш ёфта, Ҳоҷӣ Мурод аз номи «гурезаҳои» тоҷик, ватандорони дур аз Ватан, оворагони мулки Афғонистон сухан мегӯяд. Дар рубоиёту дубайтиҳо азобу кулфати ғарибӣ, ёди Ватан хеле моҳиронаю шоирона ба қалам дода шудаанд:

Маконамро чу оташхона карданд,
Зи хоки Меҳанам бегона карданд.
«Бародаркуш» лақаб доданд, якумр,
Ба расми худ маро афсона карданд.

Ба Кобул рафтаму гуфтам: «ғарибам»,
Пазиро шуд маро мисли ҳабибам.
Вале рӯи Ватан дар синаам буд,
«Худо!» гуфтам, ки кай гардад насибам!

Раҷаб Саидӣ шоири хушзавқи тоҷик аз диёри Ваҳдат ғазали бадарде дар ин мавзӯъ иншо карда, аз даргоҳи Худованд, аз Ҳазрати Азроил илтиҷо дорад, ки ҷони ҷавонашро дар мулки бегона, дар ғарибӣ нагирад, балки дар Ватан, дар назди пайвандонаш ситонад, то ки бори охир дидори модари меҳрубон, падари бузургвор ва дигар пайвандонашро бубинад:

Аҷал як хоҳише дорам, бигир дар хона ҷонамро,
Бубанд дар пеши аҳли хонадон кому забонамро!
Чуояд соати маргам, фақат як лаҳза рухсат деҳ,
Ки бинам бори охир модари бехтар зи ҷонамро.

Ҷудоӣ аз бародарҳо бароям сахт бошад, сахт!
Вале мон бишнавам ман нолаҳои додаронамро.
Бимон як бор бибӯсам риши ларзони падарро ман,
Шунидя нолаҳои талху зори хоҳаронамро.
Намо дар хонаам ҷамъ хешу ёрону таборамро,
Ки бинам «Воҳ балам»-гӯии аҳли хонадонамро.
Ба китфи чор писар чор пояи тобути манро мон,
«Падарҷон»-гӯиҳои тифлакони навҷавонамро.
Ман аз мурдан наметарсам, аҷал, як хоҳише дорам
Мадеҳ озор ҷонамро, бигир ҷони ҷавонамро.

Ҳамин тавр, гӯё дуои қаҳрамони лирикӣ мустаҷоб гардид ва шоду масрур эшон аз ғарибӣ бар Ватан баргашт.

Як ҷиҳати нотакрори ҳаёти адабии ин айём боз он буд, ки дар байни аҳли қалам ва мутрибону бастакорон як пайванди ногусастание ба вуҷуд омад. Дар мавзӯи дарди рӯз шоирон бо ҳамкории бастакорон асар офарида, онро бо камоли маҳорат мутрибон ба воситаи радио ва телевизиони ҷумҳурӣ хеле дилкаш ва бо дарду алам месароиданд. Ин сурудҳоро ғарибони дур аз Ватан шунида, озими Тоҷикистон мегардиданд. Гӯё ин сурудҳо ба онҳо қувваю нерӯи тоза, болу пари беандоза мебахшид. Махсусан, мазмуни сурудҳои Маликаи Саидзод, Саидқули Билол хушоянд буданд. Оҳанги хониши пурҷозибаи онон қалбҳоро ба шӯру хаяҷон меовард. Бо ҷанд ватандори дур аз Ватан пас аз бозгашт сӯҳбат доштем: «Ҳангоме ки аз Радиои Тоҷикистон сурудҳои Малика ва Саидқул Билолро мешунидем, ашкҳо аз дидагон мисли борони найсон ҷорӣ мегардид. Мо бору бун мебастему омодаи Ватан мегаштем. Бе муҳобот банда дар ҳамон ҷо аз сеҳри сухан, аз қувваю нерӯи бемисли он хеле хуб бархурдор гардидам. Вақте ки Суруди Назри Яздон «Тоҷикистон беҳтар аз ҷон»-ро дар иҷрои Саидқул Билол ва гурӯҳаш мешунидем, аз дарду алам сина ба дард медаромаду ҳамроҳашон ҳамовозӣ мекардем:

Тоҷикистон, зиндаам бо бӯи ту,
Кӯр бодо чашми бад бар сӯи ту.
Дур бодо ранги зарду гарди дард,
Ҷовидон аз рӯи ту, аз ҷӯи ту.
Эй Худо пайванд кун бишкастаро,
Ҷамъ кун ҷамъи парешонгаштаро.
Ҷамъи хурди Тоҷикистони маро,
Аз парешонӣ нигаҳ дор! Эй Худо.
Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Тоҷикистон – ҷону ҷонон.
Тоҷикистон беҳтар аз ҷон,
Беҳтар аз ҷонону ҷонон.

Пасон бо сад умеду орзу, бо ёди ёру диёр кулбаи ғарибиро тарк намуда, аз Толиқон гӯё сӯи дарёи Панҷ, парвоз менамудем[1]».

---

[1]Ин суханон аз навиштаҷоти рӯзноманигори варзидаи Ҷумҳури Тоҷикистон Муҳиддин Идизода, ки тайи панҷ сол дар Афғонистон заҳри ғарибӣ мечашид ва дур аз пайвандон буд, сабт гардидаанд.

Боз яке аз рӯйдодҳои муҳими солҳои 90-ум он буд, ки ҳукумати ҷумҳурӣ баҳои парчам, нишон ва суруди миллӣ озмун эълон кард. Адибони зиёди тоҷик дар ин озмун иштирок карданд ва сурудҳои хуб ҳам иншо намуданд. Аз байни онҳо суруди эҷодкардаи Гулназар ғолиб доништа шуд. Имрӯз аз хурд то калон, аз пир то ҷавон ҳар як фарди кишвари соҳибистиқлол суруди миллиро медонанд ва қироат менамоянд.

Вале бояд холисона бигӯем, ки наср дар ин давра нисбати назм чандон ривоҷ надошт. Асарҳои мукаммал дар мавзӯи рӯз қариб ба чашм намерасанд. Дар ин мавзӯъ ҳикояҳои Иноят Насриддин «Хуни ноҳақ» ва «Хоки Ватан», повести «Саргузашти Қаламак»-и Равшан, қиссаи ҳаҷвии «Гумгаштаҳо»-и Саидаҳмади Зардонро метавон ёд кард. Зардон ҳанӯз солҳои 80-ум ба майдони адабиёт омада буд. Ҳанӯз дар солҳои рукуд повести ҳаҷвии «Плефта»-ро иншо намуда, дар он роҳбарони ҳизби коммунист ва дигар ашхоси нолоиқ ҳаҷву мазаммат шуда буданд. Асари номбурда оғози кор буд. Пасон дар солҳои 90-ум боз повести ҳаҷвии дигари ӯ бо номи «Раиси масхарабозон» аз чоп баромад. Дар қиссаи «Гумгаштаҳо» бошад, нависандаи ҷавон аз рӯзгори Аҳмади Ҳабиб, ки зану кӯдакашро дар деҳ монда, барои пулкоркардан ба Россия роҳ пеш гирифтааст, ҳикоят мекунад. Азобу ранҷҳои дида, саргузашти дардомези ӯ асоси қиссаро ташкил намудаанд. Нависанда ҳамаи ин ҳодисотро бо як ҳаҷви нозук ба қалам додааст.

Дар ин давра нависандаи шинохтаи тоҷик Аъзам Сидқӣ дар бораи рӯзгори дардомези шоири классик Камоли Хуҷандӣ романи таърихӣ иншо намуд, ки асоси романро ҳодисаю воқеоти ҳаёти адиби ширинкалом ташкил менамояд. Дар роман ва махсусан дар симои Камол адиб хислатҳои ватандӯстӣ, накӯкорӣ, дурандешӣ, хирадмандии ашхоси пешқадами ҷомеаи онрӯзаро ҷамъбаст намудааст. Дар асар Камоли Хуҷандӣ ҳамчун марди хоксор, фурӯтан, ба дӯстон ва шогирдон меҳрубон тасвир ёфта, ҳамеша саъю кӯшиш дорад, ки дар дили онҳо нури маърифат, илму донишро фурӯзон намояд. Ҳамин тавр ҳам мешавад. Шогирдон, муридони шайх Камол аз зиндагӣ, аз панди устод ибрат гирифта, мисли ӯ хоксору фурӯтан ва донишманди замон мегарданд. Нависанда тавонистааст, ки ҳамаи ин тағйироти ботинӣ ва рушду камоли шогирдонро дар раванди амалиёт, дар ҷараёни ҳодисаю воқеоти роман кушода диҳад. Ба фикри мо нависанда дар кушодани ҷаҳони ботинию зоҳирии нақшҳои асосӣ ба муваффақият комёб шуда, тираш ба ҳадаф расидааст.

Дар солҳои 90-ум драматургияи тоҷик хеле ривоҷу равнақ ёфт. Ин пешравӣ ҳам аз нигоҳи мазмун ва ҳам аз нигоҳи шакл ба чашм мерасад. Дар ин айём як гурӯҳ қаламкашони боистеъдод ва актёрони хушсалиқа драматургияи тоҷикро рангин намуданд. Намоишномаҳои Фаррух Қосим «Юсуфи гумгашта» ва монологи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ), ки дар асоси ғазалиёти шӯрангез ва пораҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и ин адибу ориф таҳия ёфтанд, саҳнаи театри Аҳорунро зеб доданд. Хушбахтона намоишномаҳо дар драматургияи тоҷик тозагиҳои хосае ворид сохтанд.

Асарҳои драманависони Ҷумъа Қуддус, Сафармуҳаммад Аюбӣ дар саҳнаҳои бисёр театрҳои халқии ноҳияю вилоятҳои ҷумҳурӣ намоиш дода шуданд. Намоишномаи бисёр ҷолиби нависанда ва драманависи варзидаи тоҷик Меҳмон Бахтӣ «Фирдавсӣ», ки ғолиби озмуни ҷумҳуриявӣ гардида буд, нахуст дар Театри халқии ш. Қӯрғонтеппа ба саҳна гузошта шуд. Соли 1999 яку якбора дар бораи хонадони Сомониён, аз ҷумла дар бораи ҷоннисорию ҷонбозиҳои Исмоили Сомонӣ дар ташкили давлати соҳибистиқлоли тоҷикон чанд намоишномаи саҳназеб ба вуҷуд омаданд. Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ба ҳамин муносибат намоишномаи Меҳмон Бахтӣ – «Амир Исмоил»-ро ба саҳна гузошт.

Хулоса, дар таи даҳ соли охир адабиёти навини тоҷик дар кишвари Эрони ҳамзабону ҳамфарҳанг низ хеле густариш ёфт. Маҷмӯаи осори Мӯъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ, Гулрухсор, Фарзона, Аскар Ҳаким ва дигарон ба табъ расиданд ва мардуми ҳамзабон аз шеъри муосири тоҷик як ҷаҳон баҳра бардоштанд. Романи Сотим Улуғзода «Фирдавсӣ» аз тарафи мардуми Эрон хеле хуб пазируфта шуд ва сазовори ҷоизаи аҳли фарҳангу адаби Эрон гардид.

**Савол ва супориш**

1. Хизмати устод Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутиро дар инкишофу такомули адабиёти муосири тоҷик дар чӣ мебинед? 2. Манбаъ ва сарчашмаҳои адабиёти муосири тоҷикро номбар кунед? 3. Аз нигоҳи мазмун ва шакли адабӣ дар адабиёти муосири тоҷик чӣ гуна тағйиротҳо ворид гардиданд? Заминаҳои тағйиротро шумо дар чӣ мебинед? 4. Асарҳои устод Садриддин Айнӣ ба кадом адибон чун мактаби адабӣ хизмат кардаанд? 5. Ҳикоя дар эҷодиёти кадом адибон бештар густариш ёфт? 6. Повестҳои солҳои 80-ум аз повестҳои солҳои 60-ум бо кадом хусусиятҳояшон аз якдигар фарқ карда меистанд? 7. Дар адабиёти муосир роман чӣ мавқеъ дорад? 8. Романҳои таърихӣ дар эҷодиёти кадом адибон назаррас мебошад? 9. Дар бораи инкишофу таҳаввули достон дар адабиёти муосири тоҷик маълумот диҳед. 10. Аз нигоҳи мазмун ва шакл достонҳои адабиёти муосир аз асрҳои пешин чӣ тафовут доранд? 11. Дар адабиёти муосир кадом жанру намудҳои хурди лирикӣ бештар инкишоф ёфтанд? 12. Кадом намудҳои лирика дар ин давра густариш ёфт? 13. Асарҳои драмавӣ чӣ хусусият доранд? 14. Дар бораи асарҳои драмавие, ки дар солҳои охир иншо шуданд, маълумот диҳед.

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик, Душанбе, Ирфон, 1970.
2. М. Шукуров. Анъана, халқият ва маҳорат. Душанбе, Ирфон, 1964.
3. Т. Миров ва диг. Методикаи таълими адабиёт. Душанбе, Маориф, 1991.

# МУНДАРИЧА

Шогирди азиз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3
Адабиёти асарҳои XV–XVI . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 4
Ҳаёти илмӣ–маданӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 4
Ҳаёти адабӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 10
Назарияи адабиёт
Тазкира ва хусусиятҳои он . . . . . . . . . . . . . . . . . . 17

## АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Тарҷумаи ҳол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 21
Мероси адабӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 24
Мазмун ва мундариҷаи идеявии ғазалиёти шоир . . . . . . . 27
«Ҳафт авранг» ва таркиби он . . . . . . . . . . . . . . . . . 30
Достони «Хирадномаи Искандарӣ» ва фарқи
он ва дигар «Искандарномаҳо» . . . . . . . . . . . . . . . . 34
Пайдоиш ва ташаккули идеяи ҷамъияти хаёлӣ
дар адабиёти шифоҳӣ ва китобӣ . . . . . . . . . . . . . . . 37
Тасвири ҷамъияти хаёлӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ» . . 41
Ақидаи Ҷомӣ дар бораи муносибати устоду шогирд . . . . . 43
«Баҳористон». Сабаби навишта шудани асар, сохт ва
таркиби он . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 44
Мазмун ва мундариҷаи идеявии ҳикоятҳои
«Баҳористон» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 46
Боби ҳафтуми «Баҳористон» ва аҳамияти
илмию бадеии он . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 50
Мавқеи латифаҳои халқӣ дар асар . . . . . . . . . . . . . . 51
Услуб, воситаҳои тасвир ва аҳамияти асар . . . . . . . . . 53
Назарияи адабиёт
Тасвири романтикӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 54

## АЛИШЕР НАВОӢ (ФОНӢ)

Тарҷумаи ҳол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 56
Мероси адабии Навоӣ (Фонӣ) . . . . . . . . . . . . . . . . . 58

Мундаричаи идеявии ашъори форсӣ-
тоҷикии Навоӣ (Фоӣ) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 59
Дӯстию ҳамкории Ҷомию Навоӣ . . . . . . . . . . . . . . . 62
Назарияи адабиёт
Тазмин ва назира . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 64

## КАМОЛИДДИНИ БИНОӢ

Ҳаёти шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 67
Мероси илмию адабии шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . 69
Достони «Беҳрӯзу Баҳром» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 71
Ахлоқи нек – зинати инсон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 74

## БАДРИДДИН ҲИЛОЛӢ

Шарҳи ҳоли шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 79
Мероси адабии Ҳилолӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 82
Мавзӯъ ва мундариҷаи идеявии ғазалиёти шоир . . . . . . . 86
Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳилолӣ . . . . . . . . . . . 89
Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» . . . . . . . . . . . . . . . . . . 91
Таҳлили нақшҳои асосии достон . . . . . . . . . . . . . . . 93
Назарияи адабиёт
Лирика ва намудҳои он . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 97

## ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Тарҷумаи ҳол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 101
«Бадоеулвақоеъ». Мазмун ва сохти
композитсионии асар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 104
Фикрҳои сиёсиву иҷтимоии Восифӣ . . . . . . . . . . . . . 105
Тарғиби илму ҳунар, панду андарзҳои ҳакимона . . . . . . . 108
Аҳамияти «Бадоеулвақоеъ» ҳамчун сарчашмаи
илмиву адабӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 112
Мавқеи асарҳои халқӣ дар «Бадоеулвақоеъ» . . . . . . . . . 114
Услуб ва забони «Бадоеулвақоеъ» . . . . . . . . . . . . . . . 116

Мазмун ва мундариҷаи идеявии ашъори Восифӣ · · · · · · ·118
Назарияи адабиёт
Жанри ёддошт · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·121

## АБДУРАҲМОНИ МУШФИҚӢ

Тарҷумаи ҳол · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·123
Мероси адабии шоир · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·126
Мундариҷаи идеявии ғазалиёт ва мутоиботи шоир · · · · · ·128
Мушфиқӣ–қаҳрамони латифаҳои халқӣ · · · · · · · · · · · · ·130
Назарияи адабиёт
Ҳаҷв ва мутоиба · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·131

## АДАБИЁТИ АСРҲОИ XVII–XVIII ВА НИМАИ ЯКУМИ АСРИ XIX

Малеҳои Самарқандӣ · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·136
Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·137
Ҷунайдулло Ҳозиқ · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·137
Муҳаммадшарифи Гулханӣ · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·139
Анъанаҳои адабӣ дар ин асрҳо · · · · · · · · · · · · · · · · · ·140

## САЙИДОИ НАСАФӢ

Тарҷумаи ҳол · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·144
Мероси адабӣ · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·147
Мазмуну мундариҷаи идеявии шеърҳои
ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо · · · · · · · · · · · · · · · ·147
Хусусиятҳои ғазалиёти Сайидо ва инъикоси
рӯзгори шоир дар онҳо · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·150
Фикрҳои панду ахлоқии шоир · · · · · · · · · · · · · · · · · · ·153
Мухаммас чист? Мавзӯи мухаммасҳои Сайидо · · · · · · ·155
Мавзӯъ ва мундариҷаи идеявии «Баҳориёт» · · · · · · · · · ·159
Санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти Сайидо · · · · · · · · · · · · ·162

## МИРЗО АБДУЛКОДИРИ БЕДИЛ


Шарҳи ҳоли Бедил ........................ 165
Мероси адабии Бедил ........................ 168
Маълумоти мухтасар дар бораи баъзе асарҳои шоир .... 169
Андешаҳои фалсафии Бедил дар бораи табиат ......... 171
Масъалаи ҷангу сулҳ дар эҷодиёти шоир ........... 176
Фикрҳои панду ахлоқии Бедил ........................ 178
Достони «Комде ва Мадан» ........................ 179
Таҳлили образҳои асосии достон ........................ 181
Санъатҳои бадей дар эҷодиёти Бедил ........................ 183
Сабки ҳиндӣ ........................ 186


## ЗЕБУННИСО


Шарҳи ҳол ........................ 189
Мероси адабии Зебуннисо ........................ 191
Тараннуми муҳаббати поки инсонӣ дар
ғазалиёти Зебуннисо ........................ 192
Баъзе андешаҳои ахлоқию тарбиявии шоира ........... 193


## АДАБИЁТИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX


Вазъи сиёсии ин давра ........................ 196
Ҳаёти маданӣ ........................ 198
Ҳаёти адабӣ ........................ 199
Абдулқодирхоҷаи Савдо ........................ 207
Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ........................ 208
Тошхӯҷаи Асирӣ ........................ 210
Мирзосироҷи Ҳаким ........................ 212


## АҲМАДИ ДОНИШ


Рӯзгори Дониш ........................ 215
Мероси илмӣ ва адабии Аҳмади Дониш ............. 218

«Наводирулвақоеъ». Таркиб ва сюжети асар . . . . . . . . . . 220
Тарғиби маданияти Европа дар асар . . . . . . . . . . . . . . 221
Фикрҳои ислоҳотпарваронаи Дониш дар асар . . . . . . . . . . 224
Гуманизми Аҳмади Дониш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 227
«Рисолаи таърихӣ». Мазмун ва сохти рисола . . . . . . . . . 228
Мундариҷаи идеявии асар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 229
Таъсири идеяҳои Дониш ба адабиёти минбаъдаи мо . . . . . 230
Назарияи адабиёт
Реализм ва унсурҳои реалистӣ
дар адабиёти классикӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 233

## ШАМСИДДИН ШОҲИН

Рӯзгори дардомези Шоҳин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 237
Мероси адабии шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 239
Мавзӯъ ва мундариҷаи идеявии лирикаи Шоҳин . . . . . . . . 241
«Лайлӣ ва Маҷнун». Сабаби назми китоб ва
сюжети мухтасари достон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 245
Дар муқоиса таҳлил намудани достони Шоҳин
бо достонҳои ҳамномаш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 247
«Бадоеуссаноеъ» ва мундариҷаи идеявии он . . . . . . . . . 248

ФИКРҲОИ ҶАМЪБАСТӢ ДАР БОРАИ
АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК . . . . . 251

## АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

## САДРИДДИН АЙНӢ

Тарҷумаи ҳол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 255
Мероси илмӣ ва адабии устод . . . . . . . . . . . . . . . . . 258
«Марги судхӯр» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 269
Таҳлили образи Қорӣ Ишкамба . . . . . . . . . . . . . . . . . 270

## МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Тарҷумаи ҳол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 278
Мероси адабии Мирзо Турсунзода . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 282
Мавзӯи Шарқи хориҷӣ дар эҷодиёти М. Турсунзода . . . . . 288
Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» ва
«Ман аз Шарқи озод» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 288
Мавзӯъ ва мундариҷаи идявии лирикаи Мирзо Турсунзода . . 294

## ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Тарҷумаи ҳоли нависанда . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 301
Эҷодиёти Ҷалол Икромӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 304
Таҳлили романи «Духтари оташ» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 309

## МӮЪМИН ҚАНОАТ

Шарҳи ҳоли адиб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 320
Маълумоти умумӣ дар бораи эҷодиёти шоир . . . . . . . . . . . 323
Таҳлили достони «Сурӯши Сталинград» . . . . . . . . . . . . . . 327

## АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

Ҳаёти адабӣ дар солҳои 60–90-уми асри XX . . . . . . . . . . 333
Вазъи насри бадеӣ дар ин давра . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 333
Назм ва хусусиятҳои он . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 342
Асарҳои драмавӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 346
Ҳаёти сиёсӣ–маданӣ ва адабӣ дар солҳои 1990 то 2000 . . . 348